ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»

Ба ҳуқуқи дастнавис



ВБД: 811.222.8’373.7:811.111’373.7 (81.2Тоҷ-3+81.2Англ-3)
К–13

ҚОДИРЗОДА МУҲАББАТ АЛИҚУЛ

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ-ФИТОНИМИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА МУШОБЕҲИ ОНҲО ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент
Толибова Гулчеҳра Ҷамиловна

БОХТАР – 2026

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА 3
БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲОИ ДОРОИ ҶУЗЪИ ФИТОНИМӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ 15
1.1. Ташаккул ва таҳаввули омузиши фразеологизмҳои дорои ҷузъи фитонимӣ дар забоншиносӣ 15
1.2. Хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории фразеологизмҳо 35
1.3. Нақши фитонимҳо дар фарҳангҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва ҷанбаҳои назариявӣ 50
1.4. Омузиши муқоисавии фразеологизмҳои фитонимӣ аз дидгоҳи забоншиносии фарҳангӣ 55
БОБИ 2. ТАСНИФ ВА ТАҲЛИЛИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲОИ ФИТОНИМӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ 69
2.1. Гурӯҳбандии фразеологизмҳои фитонимӣ бар асоси намудҳои растаниҳо 69
2.2. Маъно ва вазифаҳои услубии фразеологизмҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ ва мушобеҳи онҳо дар забони англисӣ 79
2.3. Образҳои миллӣ-маънавии фитонимҳо дар фарҳанги тоҷикӣ англисӣ 99
2.4. Манбаъҳои пайдоиши фразеологизмҳои фитонимӣ (адабиёт, фолклор, урфу одат) 108
БОБИ 3. МУҚОИСАИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲОИ ФИТОНИМӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ 118
3.1. Талаботи муқоисаи фразеологӣ (муодилнокӣ, сохтор, маъно) 118
3.2. Мутобиқат ва фарқиятҳои фразеологизмҳои фитонимӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 127
3.3. Омилҳои фарҳангӣ ва миллӣ дар ташаккули фразеологизмҳои фитонимии тоҷикӣ ва англисӣ 133
3.4 Мушкилоти тарҷума ва фаҳмиши фразеологизмҳои фитонимӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 145
ХУЛОСА 153
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ 161
ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ 178

МУҚАДДИМА

Диссертатсияи мазкур ба омузиши воҳидҳои фразеологӣ-фитонимии забони тоҷикӣ ва мушобеҳи онҳо дар забони англисӣ бахшида шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Дар шароити ҷаҳони муосир равандҳои мутақобилаи фарҳангҳо ва низомҳои забонии халқҳои гуногун беш аз пеш густариш ёфта, зарурати омузиши муқоисавию типологии падидаҳои забонӣ аҳаммияти махсус пайдо намудааст. Ин амал дар навбати худ ба мо имкон медиҳад, ки хосиятҳои монанд ва фарққунандаи забонҳои гуногун ва хусусиятҳои фаъолияти онҳоро муайян кунем.

Воҳидҳои фразеологӣ (ВФ) на танҳо падидаи як забон, балки бахши муҳимми мероси фарҳангию таърихии ҳар миллат ба шумор мераванд. Дар солҳои охир масъалаҳои омузиши моҳияти воҳидҳои фразеологӣ, хусусият ва ҳаҷми воҳидҳои фразеологӣ дар солҳои охир муҳимтарин мавзуи таҳқиқотии забоншиносони тоҷик гардидааст. Омузиши воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ дар ин давра аз шакли умумӣ ба шакли мушаххас гузашт, ки дар он натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шуданд. Фразеология ҷузъи беназир ва аслии ҳар як забон аст. Воҳидҳои фразеологӣ дорои хусусиятҳои миллии хос буда, тобиши гуногуни маъноӣ доранд ва дар заминаи контекст маънои иловагӣ пайдо намуда, ба услубҳои гуногуни забон тааллуқ доранд. Омузиши вижагиҳо ва тафовути воҳидҳои фразеологии ду забон барои беҳтар дарк кардани фарҳанги миллии соҳибони забон ва амиқтар шудани дониш дар бораи забон, ки ҷузъи ҷолиби он воҳидҳои фразеологӣ мебошанд, мусоидат мекунад.

Дар диссертатсияи мазкур воҳидҳои фразеологии дорои ҷузъи фитонимӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Таърифҳои зиёди воҳидҳои фразеологии бо ҷузъи фитонимӣ ва воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи ботаникӣ мавҷуданд. Ба ин навъи воҳидҳои фразеологӣ воҳидҳое дохил мешаванд, ки унсурҳои марбут ба олами наботот мебошанд. Ҳаёти инсон ҳамеша бо олами наботот робитаи ногусастанӣ дорад. Аз ин

лиҳоз, дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ воҳидҳои фразеологии дорои ҷузъи фитонимӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунанд.

Муҳиммияти омузиши воҳидҳои фразеологӣ дар вижагиҳои миллии онҳо инъикос мегарданд, ки дар муҳити маҳаллӣ тобишҳои иловагии маъноӣ касб менамоянд. Ба ин сабаб, таҳқиқи шабоҳатҳо ва фарқиятҳои воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои дарки амиқи хусусиятҳои миллӣ, фарҳангӣ ва ҷаҳонбинии соҳибони он забонҳо мусоидат хоҳад кард.

Бояд гуфт, ки муҳаққиқону забоншиносони дохилию бурунмарзӣ дар ин самт дар даҳсолаҳои охир ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд, ки нашри луғатҳои фразеологӣ, анҷоми корҳои илмӣ, аз қабили, рисолаҳо, нашри монографияҳо, инчунин, як қатор мақолаҳои илмӣ шаҳодати ин дастовардҳо мебошад.

Аммо мушкилоти асосии ифодаи воҳидҳои фразеологӣ барои ҳамаи забонҳо, аз ҷумла, забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ моҳиятан якхелаанд ва ҳар кадоми онҳо хусусиятҳои хосси худро доранд, ки бо шаклҳои гуногуни мавҷудияти онҳо (забони адабӣ, гуфтугӯйӣ, насрӣ ё назмӣ), тобиши миллӣ, омилҳои тараққиёти таърихӣ алоқаманданд.

Дар забоншиносони тоҷику англис оид ба масъалаи фразеологияи фитонимӣ дар шакли муқоисавӣ-муқобилавӣ таҳқиқоти арзишманди илмии алоҳида ба сомон нарасидааст, аз ҳамин лиҳоз, мавзуи мавриди назар дар илми забоншиносӣ мубрам маҳсуб меёбад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Маводди мавҷуда аз чанд самти ба ҳам алоқаманд, аз ҷумла, назарияи умумии фразеология, фарҳангнигории тоҷикӣ, таҳқиқи муқоисавии воҳидҳои устувор ва омузиши номҳои растанӣ ва амсоли иборат аст. Ин корҳои илмӣ барои муайян кардани мафҳум, сарчашма ва усулҳои таҳлили фитофразеологизмҳо замина фароҳам меоранд, вале ҳар кадом масъалаи мавриди таҳқиқро дар ҳудуди маводди худ баррасӣ менамоянд.

Дар таҳқиқоти забоншиносони тоҷик баррасии самтҳои мухталифи фразеология дар танҳоӣ ва ё ин ки дар муқоиса бо забонҳои дигар мавриди

таҳлил қарор гирифта, аз назари илмӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Роҷеъ ба фразеология, ки фитонимия яке аз бахшҳои он мебошад, муҳаққиқони тоҷик, амсоли Н. Маъсумӣ, Б. Тилавов, М. Қосимова, М. Юсупова, Х. Икрамова, С. Хушенова, М. Султонзода, М. Фозилов, М. Шукурова, Ф.Т. Мақсудов, Ҳ. Маҷидов, Д. Тоҷиев, Р. Додихудоев, Ф. Турсунов, Н.Ш. Раҳмонова, К.Т. Ғаффорова, М. Азимова ва дигарон таҳқиқот анҷом додаанд, ки овардани афкори баъзе аз онҳоро ин ҷо зарур медонем.

Дар таҳқиқоти М.Н. Азимова масъалаи мувозии воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз рӯйи маъно ва сохт баррасӣ мешаванд. Ин равиш барои кори мазкур муҳим аст, зеро муқоисаро ба тарҷумаи калима ба калима маҳдуд намесозад ва ба муносибати байни маънои умумӣ, таркиб ва вазифаи воҳид диққат медиҳад [3, с. 100].

К.Т. Ғафарова воҳидҳои фразеологии дорои ҷузъҳои зоонимӣ ва фитонимиро дар забонҳои тоҷикӣ, немисӣ ва русӣ муқоиса кардааст. Ӯ таъкид менамояд, ки «маводди фитонимӣ барои муқоисаи забонҳои гуногунсохтор мувофиқ аст» [26, с. 85]. Ин андеша барои таҳқиқоти мазкур муҳим аст, зеро ҷузъи фитонимӣ ҳам аз лиҳози сохтор ва ҳам аз лиҳози маъноию фарҳангӣ таҳлил мешавад.

М. Султонзода қайд мекунад: «Лексикаи набототи забони тоҷикӣ, махсусан, дар муқоиса бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ҳанӯз ба таври кофӣ омӯхта нашудааст» [82, с. 95]. Ӯ лексикаи инъикоскунандаи олами набототро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз дидгоҳи сохторӣ ва маъноӣ таҳлил намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқи ӯ барои муайян намудани доираи фитонимҳо ва роҳҳои номгузории онҳо аҳаммияти вижа доранд.

Таҳқиқоти фитофразеологизмҳо нишон медиҳанд, ки «воҳидҳои фразеологиро бо ҷузъи фитонимӣ танҳо аз рӯйи номи растанӣ тавсиф кардан кофӣ нест: маънои умумӣ, сохтор ва заминаи фарҳангии корбурд бояд якҷоя ба назар гирифта шаванд. Ин меъёр барои ҷудо кардани мутобиқати пурра, қисман ва функционалӣ истифода шудааст» [94, с. 13].

Фарҳангҳои М. Фозилов ва таҳқиқоти Ҳ. Маҷидов барои муқаррар кардани меъёрҳои фразеологӣ аҳаммияти бунёдӣ доранд. «Дар ин замина мафҳуми «устувории таркиб» ва маънои яклухти воҳид асоси ҷудо кардани ибораи озод аз воҳиди фразеологӣ мебошад» [52, с. 31]. Фарҳангҳо маводди забониро сабт ва шарҳ медиҳанд, таҳқиқоти назариявӣ бошад, меъёрҳои таҳлилро пешниҳод менамоянд.

Дар адабиёти хориҷӣ масъалаҳои устувории таркиб, якпорчагии маъно ва муқоисаи фразеологизмҳо дар осори Н.Н. Амосова, В.В. Виноградов, Е.Ф. Арсентева, А.П. Кауи, А.В. Кунин ва Н.М. Шанский таҳлил шудаанд. Ин осор барои тавсифи «воҳидҳои устувор, таҳлили маъноӣ ва сохторӣ, инчунин, муайян кардани муносибатҳои байнизабонӣ заминаи назариявӣ фароҳам меоранд» [12, с. 5].

Барои шарҳи ҷанбаи фарҳангии фитофразеологизмҳо корҳои Л. Дин, А.П. Седих ва М.М. Бондарева, инчунин, А.В. Уразметова ва Н.И. Рябсова муҳиманд. Онҳо имкон медиҳанд, ки «фитоним на ҳамчун маънои ҷудогонаи калима, балки ҳамчун қисми образи яклухти фразеологизм баррасӣ шавад» [32, с. 4].

Маводди фарҳангнигорӣ дар таҳқиқи фитофразеологизмҳо нақши дуҷониба дорад: «аз як тараф, фарҳангнома шакли воҳид ва тавзеҳи маънои онро сабт мекунад, аз тарафи дигар, он барои дарки устувории ибора хизмат мерасонад» [99, с. 17]. Аз ин рӯ, мисолҳое, ки танҳо дар тарҷумаи таҳтуллафзӣ пайдо мешаванд, бе сабти фарҳангӣ ё намунаи матнӣ ба корпус дохил карда намешаванд.

Аҳаммияти кори К.Т. Ғафорова барои мавзуи мазкур дар тарзи масъалагузорӣ зоҳир мешавад: ӯ фразеологизмҳои дорои фитонимро «дар пайванди сохт, маъно ва вижагии миллӣ баррасӣ мекунад»[26. с. 16]. Дар таҳқиқоти мазкур ин равиш нигоҳ дошта шуда, тарҷума ҳамчун ҷанбаи мустақил илова мегардад.

Таҳқиқоти муқоисавӣ оид ба идиомаҳои фитонимӣ аҳаммияти таҳлили муназзамро нишон медиҳанд: «Шабоҳати маъно набояд ҳамчун далели

ягонагии образ ё қарзгирӣ фаҳмида шавад. Ҳар ҳолати ҳаммонандӣ бояд сохтор, манбаъ ва муҳити истифода санҷида шавад» [76, с. 158].

Дар доираи мавзуъ мақол, зарбулмасал, идиома ва таркиби бадеии муаллифӣ якхела ҳисобида намешаванд. Мақол хулосаи пандомез дошта, одатан, ҳамчун шакли тайёр бозофарида мешавад; идиома метавонад вазифаи номгузории маҷозӣ ё арзёбиро иҷро кунад. Тасвири адабӣ ҳатман хусусияти устувор надорад. Ҷудо кардани ин қабатҳо меъёрҳои интихоб ва таҳлили маводро дақиқ мекунанд.

В.Н. Телия таъкид мекунад: «Таркиби фразеологии забон оинаест, ки ҷомеаи забонию фарҳангӣ тавассути он худшиносии миллии худро мешиносад» [86, с. 9]. Бо ҳамин асос, ҳангоми таҳлили фразеологизмҳои фитонимӣ на маънои ҷудогонаи номи растанӣ, балки маънои тамоми воҳид бояд муайян карда шавад.

А.П. Седих ва М.М. Бондарева «гузариши фитоним аз номи ашёи мушаххас ба ҷузъи образии фразеологизм» [76, с. 155].]-ро муҳим медонанд Дар ин раванд, фитоним тобишҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пайдо мекунад, аммо онҳо танҳо дар робита бо маънои яклухти воҳид фаҳмида мешаванд.

А.В. Уразметова ва Н.И. Рябсова чунин андеша доранд, ки «воҳидҳои фразеологии дорои фитонимҳои рамзӣ хусусиятҳои таърихию фарҳангӣ, анъанаҳо, урфу одат, ҳувияти миллӣ ва низоми арзишҳои ҷомеаро инъикос менамоянд» [94, с. 8]. Барои маводди забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ин андеша ҳамчун усули муайян кардани роҳи маъносозӣ тавассути ташбеҳ, истиора, метонимия ё арзёбии фарҳангӣ истифода мешавад.

Тарҷумашиносӣ дар ин таҳқиқ танҳо марҳилаи охирин нест. «Интихоби мушобеҳ ба таҳлили пешакии семантика ва услуб вобаста мебошад: воҳиди дорои лаҳни ҳазломез тавассути тарҷумаи таҳтуллафз таъсири худро гум мекунад; воҳиди пандомез бошад, метавонад бо мақоли функсионалии забони тарҷума интиқол ёбад» [111, с. 116].

Ҳадаф таснифи фақат номи растаниҳо нест, балки тавсифи воҳидҳои устувори забони тоҷикӣ ва муқоисаи онҳо бо маводди забони англисӣ аз рӯйи

маъно, сохт, образ ва тарҷума мебошад. Аз ин рӯ, ҷойгоҳи диссертатсия дар пайванди фразеологияи муқоисавӣ, забоншиносии фарҳангӣ ва тарҷумашиносӣ муайян мешавад.

Таҳқиқоти фразеологӣ нишон медиҳад, ки дарку тавсифи воҳиди устувор бе такя ба манбаъҳои луғавӣ нопурра мемонад. Луғат маънои пазируфташудаи воҳидро нишон медиҳад, аммо матни адабӣ ё гуфтори мардумӣ имкон медиҳад, ки тобиши амалӣ ва услубии он дида шавад. Аз ҳамин ҷиҳат, дар диссертатсия манбаи фарҳангӣ ва мисоли корбурд ҳамдигарро пурра мекунанд.

Дар корҳои муқоисавӣ масъалаи маншаъ низ ба назар гирифта мешавад. Ҳаммонандии ду фразеологизм метавонад аз таҷрибаи умумии инсонӣ, аз робитаи фарҳангҳо ё аз ҳаммонандии типологии образҳо сар занад. «Бе далели таърихӣ ё матнӣ танҳо дар бораи наздикии маъноӣ ё функсионалӣ сухан гуфтан дуруст мебошад» [22, с. 56].

Таҳқиқоти М.Н. Азимова ба кори мазкур меъёри муқоиса медиҳад, аммо масъалаи интихоби фитонимҳоро ҳал намекунад. Дар диссертатсия ҳар ҷузъи фитонимӣ бо назардошти муносибати он ба маънои умумӣ таҳлил мешавад. «Ба ҳамин васила, аз гурӯҳбандии зоҳирии номҳои растанӣ ба тавсифи фразеологии онҳо гузариш ба амал меояд» [3, с. 42].

Дар таҳқиқоти мазкур муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ на танҳо барои ошкор сохтани умумият, балки барои муайян кардани нуқтаҳои муҳимми тарҷума интихоб шудааст.

М. Султонзода номи растаниҳоро, пеш аз ҳама, ҳамчун «воҳидҳои луғавӣ баррасӣ мекунад» [75, с. 53]. Воҳиди фразеологӣ бошад, номи растаниро дар дохили таркиби устувор гирифта, маънои умумиро аз муносибати ҳамаи ҷузъҳо месозад. Маҳз, ҳамин гузариш аз номи растанӣ ба образи фразеологӣ мубрамии мавзуи мазкурро ташкил медиҳад.

Баррасии муқоисавии фитофразеологизмҳо нишон медиҳад, ки як воҳидро берун аз муҳити забон ва бидуни муқоисаи муназзам шарҳ додан

ғайриимкон аст. «Фарқияти муҳити истифода метавонад ба фарқияти маъно ва дараҷаи мутобиқат оварда расонад» [94, с. 3].

Осори Н.Н. Амосова, И.А. Мелчук ва Н.М. Шанский барои тавсифи хусусиятҳои умумии фразеологизмҳо истифода мешаванд. Онҳо масъалаи устувории таркиб ва бозофарии воҳидро шарҳ медиҳанд. Дар таҳқиқоти мазкур ин меъёрҳо барои ҷудо кардани фразеологизм аз таркиби тасвирии озод ва аз тарҷумаи таҳтуллафзӣ татбиқ мегарданд [11; 56; 104].

Таҳқиқоти А.В. Кунин ва А.П. Кауи барои таҳлили маводди забони англисӣ аҳаммияти махсус доранд, зеро дар онҳо корбурди идиома дар забони англисӣ ҳам аз рӯйи маъно ва ҳам аз рӯйи сабк санҷида мешавад. Тавсифи ин воҳидҳои забонӣ дар заминаи фарҳангҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ имкон медиҳад, ки аз шарҳҳои беасос ва андешаҳои бидуни далел худдорӣ карда шавад

Забоншиносии фарҳангӣ дар ин таҳқиқот барои шарҳи он истифода мешавад, ки чаро як фитоним дар як воҳиди мушаххас арзёбӣ ё эҳсоси муайянро фаъол мекунад. Аз ин рӯ, хулосаҳои фарҳангӣ ҳамеша бо таҳлили сохторӣ ва маъноӣ пайваст карда мешаванд Забоншиносии фарҳангӣ дар ин таҳқиқот барои шарҳи он истифода мешавад, ки чаро як фитоним дар як воҳиди мушаххас арзёбӣ ё эҳсоси муайянро фаъол мекунад. Аз ин рӯ, хулосаҳои фарҳангӣ ҳамеша бо таҳлили сохторӣ ва маъноӣ пайваст карда мешаванд.

Диссертатсияи мазкур бо «Барномаи давлатии такмили таълим ва омузиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, №438), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (05.10.2009, № 553), «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» (аз 28.11.2020, №647) робитаи зич дорад. Мавзуи мазкур дар доираи яке аз самтҳои мавзуи таҳқиқотии кафедраи назария ва типологияи забони англисӣ дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носир Хусрав анҷом дода шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот таҳлил ва омузиши муқоисавии воҳидҳои фразеологии фитонимӣ дар забонҳои тоҷикию англисӣ ва нишон додани роҳҳои ифодаи онҳо дар доираи забонҳои мавриди таҳқиқ мебошад, ки барои тарҷумаи мукаммал заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои ноил гардидан ба ҳадафи диссертатсия ҳаллу фасли вазифаҳои зерин дар меҳвари таҳқиқот қарор мегиранд:

– муайян намудани асосҳои назариявию методологии омузиши воҳидҳои фразеологии фитонимӣ дар забоншиносии муосир;

– ҷамъоварӣ ва муназзам намудани маводди эмпирикӣ (корпус)-и воҳидҳои фразеологии фитонимии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз фарҳангу донишномаҳо ва адабиёти бадеӣ;

– тасниф ва гурӯҳбандии воҳидҳои фразеологӣ-фитонимии забони тоҷикӣ аз рӯйи меъёрҳои луғавӣ, маъноӣ ва дастурӣ;

– таҳлили вижагиҳои сохторӣ, услубӣ ва маъноии воҳидҳои фразеологии фитонимӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

– баррасии механизмҳои асосии маъносозӣ дар фитофразеологизмҳо (маҷоз, ташбеҳ, рамзият ва арзёбӣ) ва нақши онҳо дар ифодаи мафҳумҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ;

– муайян кардани дараҷаҳои мутобиқати байнизабонии воҳидҳои фразеологӣ-фитонимии забони тоҷикӣ дар забони англисӣ аз рӯйи меъёрҳои мутобиқати пурра, қисман ва функсионалӣ;

– таҳқиқи муқоисавӣ байни воҳидҳои забони тоҷикӣ ва мушобеҳи англисии онҳо аз ҷиҳати маъно, сохтор, услуб ва хусусиятҳои функсионалӣ;

– баррасии омилҳои забонию фарҳангӣ ва хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии инъикосёфта дар фитофразеологизмҳо дар ҳар ду забон;

– муайян намудани мушкилоти асосии тарҷума ва интиқоли маънои фразеологизмҳои фитонимӣ ва пешниҳод намудани роҳҳои муносиби интиқоли чунин воҳидҳо;

– ҷамъбаст ва арзёбии аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада.

Объекти таҳқиқро воҳидҳои фразеологии дорои ҷузъи фитонимӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ташкил медиҳад.

Мавзуи таҳқиқро семантикаи воҳидҳои фразеологии дорои ҷузъи фитонимӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар ҷанбаи муқоисавӣ ташкил медиҳад. Дар доираи таҳқиқ вазифаҳои табдили маъноии матнии ин воҳидҳо, хусусиятҳои истифодаи онҳо дар нутқ ва дараҷаҳои мутобиқати байнизабонӣ – мутобиқати пурра, қисман ва функсионалӣ – низ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Асосҳои назариявии таҳқиқро корҳои илмие ташкил медиҳанд, ки ба назарияи фразеология, семантикаи воҳидҳои устувор, забоншиносии фарҳангӣ, тарҷума ва таҳлили воҳидҳои дорои ҷузъи фитонимӣ бахшида шудаанд. Дар таҳияи диссертатсия осори Н.М. Шанский, Н.Н. Амосова, В.В. Виноградов, И.В. Арнолд, Е.Ф. Арсентева, Л.К. Байрамова, С.П. Флорин, В.П. Жуков, В.Н. Комиссаров, А.В. Кунин, А.М. Мелерович, В.М. Мокиенко, А. Начисионе, В.Н. Телия, Н.Л. Шадрин ва дигарон истифода шудааст. Барои таҳлили маводди забони тоҷикӣ корҳои Н. Маъсумӣ, Ҳ. Ҳусейнов, Р. Ғаффоров, М. Султонзода, М. Азимова, С. Ҳошимов, А. Абдуқодиров, Т. Шокиров, Н. Раҳмонова, М. Мирзоева, Н. Гадоев, О.К. Деҳқонова ва дигар муҳаққиқони тоҷик аҳаммияти назариявӣ доранд.

Навгонии илмӣ дар таҳлили муназзами воҳидҳои фразеологии бо ҷузъи «фитоним» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ифода меёбад. Ҳамзамон, навгонии илмии таҳқиқ дар нуктаҳои зерин инъикос меёбад:

– дар доираи таҳқиқи мазкур таснифи мавзуӣ ва маъноии маводди забони тоҷикӣ пешниҳод шуда, роҳҳои асосии маъносозӣ дар ташаккули фоҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи фитоним, аз ҷумла, маҷоз, ташбеҳ, рамз ва киноя – шарҳ дода шудаанд;

– барои муқоисаи байнизабонӣ меъёрҳои мутобиқати пурра, қисман ва функционалӣ татбиқ гардида, фарқи сохтор, образ ва вазифаи услубии воҳидҳо муайян карда шудааст;

– роҳҳои интиқоли маънои маҷозӣ ва рамзии фитофразеологизмҳо дар забони англисӣ асоснок шудаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта имкон доданд, ки муқаррароти зерин ҳамчун нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳия ва асоснок карда шаванд:

1. Мушаххас карда шуд, ки фразеологизмҳои фитонимӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ воҳидҳои маъноии устувор мебошанд. Онҳо вазифаҳои номгузорӣ, образофарӣ ва арзёбиро иҷро карда, таҷрибаи иҷтимоию ахлоқии соҳибони забонро инъикос менамоянд.

2. Исбот карда шуд, ки миёни воҳидҳои тоҷикӣ ва англисӣ умумият вуҷуд дорад, аммо дараҷаи мутобиқати байнизабонӣ яксон нест. Мутобиқати пурра, қисман ва функционалӣ аз рӯйи маънои умумӣ, сохт, образ ва вазифаи услубӣ муайян карда мешавад.

3. Муқаррар карда шуд, ки шабоҳати воҳидҳо на ҳамеша аз иқтибоси мустақим сар мезанад; он метавонад натиҷаи параллелизми фразеологӣ бошад. Вариантнокии воҳидҳо вобаста ба вазъияти нутқ тобиши маъноӣ ва арзёбии онҳоро тағйир медиҳад, вале пояи маъноиро нигоҳ медорад.

4. Муайян карда шуд, ки тафовути сохторию образии фитофразеологизмҳо хусусияти миллӣ-фарҳангии интихоби фитоним ва роҳҳои образофариро нишон медиҳад. Аз ин рӯ, ҳангоми тарҷума бояд на танҳо маъно, балки вазифаи услубӣ ва заминаи фарҳангии воҳид низ ба назар гирифта шавад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ дар ғанӣ намудани фразеологияи муқоисавӣ, омузиши муносибати маъно ва образ ва муайян кардани нақши омилҳои берун аз забон дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳои он метавонанд дар таълими лексикология ва

фразеологияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, инчунин, дар таҳияи фарҳангҳои дузабона истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ аз имкони истифодаи натиҷаҳои он дар таълими лексикология, фразеология ва тарҷумаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ иборат аст. Маводди ҷамъовардашуда метавонанд ҳангоми таҳияи фарҳангҳои дузабонаи фразеологӣ, дастурҳои таълимӣ ва ҳангоми тадриси курсҳои махсус ва машғулиятҳои амалии тарҷума истифода шаванд.

Дараҷаҳои эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо он асоснок карда мешаванд, ки муаллиф бо истифода аз маводди назариявӣ ва амалии саҳеҳ таҳқиқоти илмии худро ба роҳ монда, андешаҳои муътамади мантиқии илмӣ-назариявии худро пешниҳод менамояд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии фитонимии забони тоҷикӣ ва мушобеҳи онҳо дар забони англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ мутобиқат мекунад:

2.1. Омузиши хусусиятҳои функсионалӣ ва сохтории забонҳо, новобаста аз робитаи генетикии байни онҳо;

3.1. Омузиш ва тавсифи вижагиҳои забонӣ дар заминаи муқоисаи забонҳо ва бо ин васила муайян кардани хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳо;

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ дар ҷамъоварӣ, гурӯҳбандӣ ва таҳлили воҳидҳои фразеологии фитонимии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, муайян кардани меъёрҳои муқоисавии онҳо ва асоснок намудани роҳҳои интиқоли онҳо тавассути маънои маҷозӣ инъикос меёбад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқ. Нуктаҳои асосии таҳқиқ дар давраҳои гуногуни иҷро дар шаклҳои маъруза дар конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ муаррифӣ гардидаанд: конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Пешвои миллат ва вазифаҳои рушди забони тоҷикӣ»; конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Забон

– намояндаи хотираи таърихӣ: гузашта ва имрӯза»; конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Вазифаҳои мубрами филология, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ».

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва типологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (21-уми майи соли 2026, №10/1) мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифта, пас аз ислоҳи эродҳои ҷойдошта барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯйи натиҷаҳои асосии диссертатсия 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар маҷмуаҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ба нашр расидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 179 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲОИ ДОРОИ ҶУЗЪИ ФИТОНИМӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

1.1. Ташаккул ва таҳаввули омузиши фразеологизмҳои дорои ҷузъи фитонимӣ дар забоншиносӣ

Дар ташаккул ва рушди фразеологияи тоҷик саҳми Н. Маъсумӣ, М. Фозилов, Ҳ. Маҷидов, Б. Камолиддинов, М. Қосимова, М. Султонзода, М. Азимова, К.Т. Ғаффорова ва Н.Ш. Раҳмонова назаррас аст. Дар осори онҳо масъалаҳои сохтор, маъно, устуворӣ, манбаъҳои ташаккул ва хусусиятҳои услубии воҳидҳои фразеологӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Таҳқиқоти М. Султонзода ва М. Азимова барои муайян намудани хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории фитонимҳо дар муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аҳаммияти махсус доранд.

Фразеологизмҳои дорои ҷузъи фитонимӣ гурӯҳи махсуси воҳидҳои устувори забон мебошанд, ки дар таркиби онҳо номи растанӣ ё қисми он ҳамчун ҷузъи образсоз иштирок мекунад. Дар чунин воҳидҳо фитоним аксаран аз доираи номгузории бевосита берун рафта, ба ифодаи муносибати инсон ба ҷаҳон, таҷрибаи рӯзгор, арзишҳои ахлоқӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ хизмат мекунад. Аз ҳамин сабаб, фразеологизмҳои фитонимӣ метавонанд маънои маҷозӣ, рамзӣ ва арзёбӣ дошта бошанд ва дар гуфтори мардумӣ ё матни бадеӣ ҳамчун воситаи таъсирбахши баён истифода гарданд.

Барои таҳлили назариявӣ ва муқоисавии фразеологизмҳои фитонимӣ аз андешаҳои Н.М. Шанский, Н.Н. Амосова, В.В. Виноградов, И.В. Арнолд, Е.Ф. Арсентева, А.В. Кунин, В.М. Мокиенко ва В.Н. Телия низ истифода шудааст. Осори ин муҳаққиқон барои тавсифи воҳидҳои устувор, таҳлили маъноӣ, сохторӣ ва муайян кардани муносибатҳои байнизабонӣ заминаи назариявӣ фароҳам меоранд. Таснифи В.В. Виноградов, ки «воҳидҳои фразеологиро аз рӯйи муносибати маъно ва таркиб баррасӣ мекунад, барои фарқ гузоштан байни таркиби озод ва воҳиди устувор аҳаммияти методологӣ дорад» [25, с. 148].

Аз нигоҳи назариявӣ, фразеологизм воҳиди забонӣ аст, ки дар ҷараёни нутқ сохта намешавад, балки дар шакли тайёр бозофарида ва истифода мегардад. Н.М. Шанский оид ба мавзуи мавриди назар чунин овардааст:

«Фразеологизм воҳиди забонест, ки дар шакли тайёр бозофарида мешавад, он аз ду ё зиёда ҷузъи калимамонанди дорои зада иборат буда, аз ҷиҳати маъно, таркиб ва сохтор устувор аст» [105, с. 93].

Яке аз нишонаҳои асосии фразеологизм бозофарӣ ва устуворӣ мебошад. Н.М. Шанский менависад: «Фразеологизмҳо дар раванди муошират сохта намешаванд, балки ҳамчун воҳидҳои яклухти тайёр бозофарида мешаванд» [105, с. 111]. Устуворӣ дар пойдории маъно, таркиб ва сохтори воҳид зоҳир мегардад. Барои фразеологизмҳои дорои ҷузъи фитонимӣ ин хусусият аҳаммияти махсус дорад, зеро ба нигоҳ доштани образҳо ва маъноҳои фарҳангӣ мусоидат мекунад. Бо вуҷуди ин, устуворӣ тағйирнопазирии мутлақ нест, вобаста ба матн ва вазъияти нутқ баъзе мушобеҳи фразеологӣ низ ба вуҷуд омада метавонанд.

Яке аз вазифаҳои асосии семантикаи фразеологизмҳо якпорчагии маънои онҳо мебошад. Н.Н. Амосова воҳидҳои фразеологиро ҳамчун маҷмуаҳои устувори калимаҳо тафсир мебахшад, ки ба таркибҳои озоди синтаксисӣ муқобил гузошта мешаванд. Ӯ менависад: «Воҳидҳои фразеологӣ маҷмӯаҳои «устувори» калимаҳо мебошанд, ки ҳамчун воҳидҳои тайёр ба таркибҳои «озоди» синтаксисӣ муқобил гузошта мешаванд» [11, с. 103]. Аз ин рӯ, маънои фразеологизм дар бисёр мавридҳо аз ҷамъбасти оддии маънои ҷузъҳои таркибии он ҳосил намешавад, балки ҳамчун маънои умумӣ ва яклухт дарк мегардад. Дараҷаи чунин якпорчагӣ дар навъҳои гуногуни фразеологизмҳо яксон нест. Меъёри устуворӣ ва идиоматикӣ, ки И.А. Мелчук таҳлил кардааст, барои фарқгузории воҳиди устувор аз таркиби озод низ муҳим аст [56].

Бо вуҷуди таҳқиқоти мавҷуда, омузиши муқоисавии муназзами фразеологизмҳои дорои ҷузъи фитонимӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳанӯз ба таври фарогир анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, таҳлили маъно, сохтор, образнокӣ, тобиши услубӣ ва заминаи фарҳангии чунин воҳидҳо аҳаммияти илмӣ дорад.

Дар фразеологизмҳои фитонимӣ ҷузъи фитонимӣ вазифаи рамзсозиро иҷро карда, ба воситаи образҳои табиат мафҳумҳои зебоӣ, устуворӣ, заъф, тағйирёбӣ, рушд ва пажмурдагиро ифода менамояд. Аз ин ҷиҳат, чунин воҳидҳо на танҳо мазмуни забонӣ, балки маъноҳои фарҳангӣ ва ҷаҳонбинии миллиро низ дар бар мегиранд. А.П. Седих ва М.М. Бондарева фразеологияи фитонимиро дар робита бо муҳокима баррасӣ намуда, «пайванди онро бо образҳои фарҳангӣ ва тасвири ҷаҳонии соҳибони забон нишон медиҳанд» [76, С. 155]. А.В. Уразметова ва Н.И. Рябтсова низ «фитофразеологизмҳои рамзиро воситаи таҷассуми тасвири забонии ҷаҳон дониста, нақши таҷдиди маъноии маҷозӣ ва метонимии унсурҳои набототро дар ин раванд таъкид мекунанд» [94, с. 9]. Аз ин рӯ, воҳидҳои дорои унсури растанӣ бо таҷрибаи муносибати инсон ба табиат пайванди зич дошта, ҳамчун рамзҳои фарҳангӣ амал карда метавонанд. Пас, фразеологизмҳои фитонимӣ як навъи «рамзи фарҳангӣ» мебошанд, ки ҷаҳонбинии мардумро таҷассум мекунанд. Бо такя ба гуфтаҳои боло, хусусиятҳои асосии фразеологизмҳои фитонимиро дар нуктаҳои зерин мушоҳида кардан мумкин аст:

1. Ҳузури фитоним ҳамчун ҷузъи образсоз. Номи растанӣ ё қисми он дар таркиби воҳид ҷой гирифта, барои офаридани тасвири маҷозӣ хизмат мекунад.

2. Маънои маҷозӣ ва рамзӣ. Маънои умумии воҳид аз маънои луғавии ҷузъҳои алоҳида фаротар рафта, бо мафҳумҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пайванд меёбад.

3. Устуворӣ ва бозофарӣ дар нутқ. Ин воҳидҳо ҳамчун сохтҳои омода дар гуфтори мардумӣ ва матнҳои адабӣ бо сохтори нисбатан устувор истифода мешаванд.

Вижагиҳои асосии фразеологизмҳои фитонимӣ дар таҳқиқи мазкур бо такя ба пажӯҳишҳои муқоисавии М.Н. Азимова, таҳлили лексикаи набототи дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз ҷониби М. Султонзода ва корҳои А.П. Седих, М.М. Бондарева ҷамъбаст мегарданд:

«Якум, дар таркиби фразеологизмҳои фитонимӣ номи растанӣ ё қисми он ҳамчун ҷузъи образофар меояд. Ин ҷузъ дар ташаккули маънои маҷозӣ ва арзёбии воҳид саҳм мегирад» [76, с. 157].

Дуюм, фитоним номи дарахт, гул, гиёҳ, мева, тухмӣ, реша, барг ё дигар қисми растанӣ мебошад. М. Султонзода чунин номҳоро дар низоми луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз дидгоҳи сохторӣ ва маъноӣ баррасӣ кардааст [82]. Дар таркиби фразеологизм фитоним аз маънои одии номгузорӣ фаротар рафта, ба такягоҳи образ табдил меёбад.

Сеюм, фразеологизм воҳиди устувори забон аст ва дар нутқ ҳамчун сохти тайёр бозофарида мешавад. Ба таъбири Н.М. Шанский, он «воҳиди забонест, ки дар шакли тайёр бозофарида мешавад ва аз рӯйи маъно, таркиб ва сохтор устувор аст» [105, с. 73]. Пас, фразеологизмҳои фитонимӣ ибораҳои устуворе мебошанд, ки дар таркиби онҳо номи растанӣ ё ҷузъи марбут ба олами наботот иштирок мекунад. Фитоним дар чунин воҳидҳо танҳо барои номгузорӣ истифода намешавад, балки дар офаридани намуд ва ташаккули маънои маҷозӣ нақши меҳварӣ мебозад. Барои тасдиқи ин андеша метавон мақоли халқии «Шахси беватан – булбули бечаман» – «A man without a homeland is like a nightingale without a flowerbed»-ро оварда. Дар он «чаман» муҳити сабзу шукуфонро таҷассум намуда, маънои дур мондан аз Ватан ва эҳсоси танҳоиро қувват мебахшад. Истифодаи фитоним дар ин ҷо на танҳо номгузории боғ ё чаман, балки сохтани тасвири мукаммали ҳолати беватанӣ аст: булбул бе чаман наметавонад суруд хонад, инсон бе Ватан наметавонад ҳаёти пурра дошта бошад.

Ҳамин вазифаи маънофари фитонимро дар мисоли шеъри Лоиқ Шералӣ низ дидан мумкин аст:

«Агар сад сол ҷустам, маро дигар наёбед,

Агар шабу рӯз аз Худо пурсам, маро дигар наёбед.

Агар ҳар субҳ дар роҳи ман сабзаи бахмалӣ бирӯяд,

Маро дигар наёбед.

Ман як роҳ доштам, як чеҳра доштам ва рафтам,

Ту сад роҳу сад чеҳра дорӣ, маро дигар наёбед...» [162, с. 123].

Дар ин мисол фитоними «сабзаи бахмалӣ» на танҳо унсури тасвири табиат, балки нишонаи маҷозии роҳ, умед ва гармии аздастрафта аст. Сабза ҳар субҳ мерӯяд, яъне табиат такрор ва навшавӣ дорад, аммо лирики шеър таъкид мекунад, ки ин навшавӣ ӯро барнамегардонад. Таносуби «як роҳ – сад роҳ», «як чеҳра – сад чеҳра» фарқи байни садоқат ва серчеҳрагиро нишон мебахшад. Фитоним дар ин ҷо ба ташаккули маънои фарогири танҳоӣ, ҷудоӣ ва бебозгаштӣ хидмат мекунад.

Ҳамин гуна, дар мисоли англисӣ:

«Above the lowly plants it towers,

The fennel, with its yellow flowers,

And in an earlier age than ours

Was gifted with the wondrous powers,

Lost vision to restore» [177].

Дар ин порчаи Генри Уодсворт Лонгфелло фитоними «fennel» на танҳо растаниро ном мебарад, балки ба воситаи муқоисаи баландӣ ва ранги зард рамзи қудрати пинҳонӣ, шифо ва ёдгории қадимиро месозад. Розиёна аз растаниҳои паст баланд мебарояд ва бо қобилияти афсонавии баргардонидани бинои гумшуда алоқаманд аст. Ин фитоним дар матн вазифаи маънофариро иҷро мекунад, аз номгузории оддӣ ба рамзи имконоти гумшуда ва эҳёи он табдил меёбад.

Ҳамин тавр, ҳар ду мисол нишон медиҳанд, ки фитонимҳо дар фразеологизмҳо ва матнҳои бадеӣ танҳо воситаи номгузорӣ нестанд, балки дар сохтори маъноӣ, тасвирӣ ва эстетикии ибора нақши меҳварӣ мебозанд.

«Арзанро гунҷишк мехӯрад, калтакро бедона – The sparrow eats the millet, but the quail gets beaten» [123, с. 358] – мақоли халқиест, ки С. Бегматова дар фарҳанги худ сабт кардааст. Мақол ба гурӯҳи воҳидҳои омехтаи зоонимӣ-фитонимӣ дохил мешавад яъне «арзан» ҷузъи фитонимӣ, «гунҷишк» ва «бедона» ҷузъҳои зоонимӣ мебошанд. Маънои маҷозии он вазъияти беадолатонаро ифода мекунад, як кас манфиат мебинад ё хатое содир мекунад,

вале шахси дигар ҷазо мебинад. Ҳамин тавр, омезиши унсурҳои набототӣ ва ҳайвонотӣ ба мақол образнокӣ мебахшад ва фикри ахлоқиро ба таври кӯтоҳу таъсирбахш мерасонад.

Дар омузиши воҳидҳои фразеологии дорои ҷузъи фитонимӣ саҳми О.К. Деҳқонова қобили таваҷҷуҳ аст. Муаллиф дар мақолаи худ хусусиятҳои муродифият ва вариантнокии паремияҳои фитонимидорро дар забонҳои ӯзбекӣ, тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ намуда, таъкид мекунад, ки «наздикии маъноии чунин воҳидҳо ҳамеша баробарии комили маъноиро ифода намекунад. Онҳо метавонанд аз рӯйи тобишҳои маъноӣ, хусусияти услубӣ ва дараҷаи образнокӣ фарқ кунанд» [30].

Натиҷаҳои мазкур барои таҳқиқи мо – «Воҳидҳои фразеологӣ-фитонимии забони тоҷикӣ ва мушобеҳи онҳо дар забони англисӣ» – аҳаммияти методологӣ доранд. Агар О.К. Деҳқонова асосан паремияҳои муродифиро таҳлил карда бошад, дар кори мо доираи таҳқиқ васеътар буда, тамоми воҳидҳои фразеологии фитонимидори забони тоҷикӣ ва мушобеҳҳои маъноӣ, сохторӣ ва фарҳангии онҳо дар забони англисӣ мавриди муқоиса қарор мегиранд.

Дар забони тоҷикӣ воҳидҳои фразеологии фитонимӣ гурӯҳи хосеро ташкил медиҳанд, ки дар онҳо номи растанӣ на фақат барои ишора ба растанӣ, балки барои сохтани тасвир ва маънии маҷозӣ хидмат мекунад. Масалан, мақоли мардумӣ дар фарҳанги С. Бегматова оварда шудааст: «Харбуза хӯрӣ, саҳар хӯрӣ, саҳар нахӯрӣ, заҳар хӯрӣ – Eat melon in the morning, otherwise, it is like poison» [123]. Дар ин ҷо харбуза на танҳо мева, балки рамзи вақт ва эҳтиёт аст: як чиз дар вақти мувофиқ фоидаовар, дар вақти номувофиқ зарароварар мегардад. Ҳамин гуна фитоним дар мақол вазифаи ҳикматиро иҷро мекунад.

Ибораи «реша давондан» – «to take root» низ ҳамин хусусиятро дорад. Вақте мегӯем: «Ин анъана дар ҷомеа реша давонд» – «This tradition took root in society» [126], фитоними «реша» ба маънии устуворӣ ва амиқӣ дарк мешавад. Дар суханронии асосгузори сулҳу ваҳдати милли Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омадааст: «Ниҳоли сулҳе, ки бо

дастгирии халқ ва талошҳои пайгиронаи фарзандони бошарафу фидоии миллат шинонда будем, сабзид, реша давонд ва чун дарахти тавонои ваҳдату ягонагӣ ба бор нишаст» [176]. Дар ин тасвир сулҳ чун ниҳол сабзид, реша давондан ва ба дарахти ваҳдат табдил ёфт. Фитонимҳо дар ин ҷо аз олами наботот ба олами арзишҳои иҷтимоӣ мегузаранд ва маънои устувориро қувват мебахшанд.

Масалан, ибораи «a thorn among the flowers» образи шахси номуносибро дар муҳити хуб месозад. «Гул» рамзи некӣ ва зебоист, «хор» бошад, рамзи номувофиқӣ ва нозукист. Ин ҷо фитонимҳо ду қутби тақобулро ташкил медиҳанд ва аз тасвири табиат ба баҳодиҳии хислати инсон мегузаранд. Чунин корбаст дар фразеологияи тоҷикӣ маъмул аст ва нишон мебахшад, ки унсури растанӣ дар сохтани маънии маҷозӣ нақши муҳим дорад:

«Гул гир, агар гул рехт аз бор,

Ки гар гул ҳаст холӣ нест аз хор» [112, с. 235].

Тавре ки дир ин мисол дида мешавад, вожаи «гул» дорои маънои маҷозӣ мебошад. Дар мисраи аввал ибораи «гул гир» маънои баҳра гирифтан аз зебоӣ, неъмат ва лаҳзаҳои хуши зиндагиро дорад. Дар мисраи дуюм бошад, муқобилгузории мафҳумҳои «гул» ва «хор» ба назар мерасад. Гул рамзи зебоӣ, хушбахтӣ ва шодмонӣ буда, хор рамзи душворӣ, ранҷу машаққат ва монеаҳои зиндагӣ мебошад.

Таркиби «гул-гул шукуфтан» ҳолати болидагӣ ва шодмонии зиёдро ифода мекунад. Дар забони англисӣ феълҳои «to bloom» ва «to blossom» дар маънои маҷозӣ барои ифодаи рушди мусбат, ба камол расидан ё рӯҳан болида шудани шахс ба кор мераванд.

Дар маҷмӯъ, ҳар се мисол собит мекунанд, ки фитонимҳо дар воҳидҳои фразеологӣ танҳо воситаи номгузорӣ нестанд. Онҳо аз олами растанӣ ба олами инсон, ҷамъият ва арзишҳо ворид шуда, ба ибора образнокӣ, амиқӣ ва таъсирбахшӣ мебахшанд.

Ин хусусият дар он зоҳир мешавад, ки маънои мустақими ботаникии фитоним дар таркиби чунин ибораҳо ба маънои маҷозӣ мегузарад ва тамоми

воҳид ҳамчун як маънои ягона дарк мешавад. Дар таҳқиқи фразеологӣ ин раванд ҳамчун ташаккули маънои маҷозӣ бар пояи образи растанӣ тавсиф мешавад. Дар ин маврид ду ҷанба бештар фаъоланд. Нахуст, маънои маҷозӣ: номи растанӣ аз маънои мустақими худ дур шуда, барои тавсифи ҳолат, хислат ё муносибати инсонӣ ба кор меравад. М.Н. Азимова чунин қайд мекунад: «ҳангоми муқоисаи ҳаммонандҳои фразеологии тоҷикӣ ва англисӣ ба робитаи маъно, сохт ва тарзи ифодаи воҳидҳо таваҷҷуҳ менамояд. Дуюм, маънои рамзӣ мебошад, ки намуди растанӣ дар тафаккури ҷомеа бо маънои муайян пайванд мегирад ва ҳамчун нишонаи фарҳангӣ истифода мешавад. Ба воситаи чунин рамзҳо фразеологизм метавонад баҳодиҳӣ, муносибати гӯянда ва таъсири эҳсосиро баён кунад» [3, с. 54]. Аз иқтибосҳои мазкур чунин натиҷа мегирем, ки устуворӣ ва истифодаи тайёр чунин ибораҳо натиҷаи ҷойгиршавии онҳо дар системаи маъноии забон мебошанд, на танҳо дар хусусияти зоҳирии таркиби онҳо ба амал мепайвандад.

Гуфтаҳои боло нишон медиҳанд, ки фитофразеологизмҳо тавассути образи растанӣ танҳо номи ашёро ифода намекунанд, балки муносибати гӯяндаро ба воқеият, арзишҳои иҷтимоӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ низ баён месозанд. Дар чунин воҳидҳо таҷрибаи зиндагӣ, тарзи тафаккур ва вижагиҳои фарҳангии соҳибони забон инъикос меёбанд.

Ин андеша барои таҳлили фитофразеологизмҳо муҳим аст. Номи растанӣ берун аз ибора пеш аз ҳама маънои луғавӣ дорад, аммо дар таркиби воҳиди устувор метавонад ба воситаи арзёбӣ ва образнокӣ маънои иҷтимоӣ ё ахлоқӣ пайдо кунад. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳқиқ на танҳо фитоним, балки маънои яклухт, вазъияти истифода ва заминаи фарҳангии тамоми ибора бояд ба назар гирифта шавад.

Аз нигоҳи муқоисавӣ, Х. Турсунова мувозии воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекиро дар асоси романҳои С. Айнӣ таҳлил кардааст. Гарчанде таҳқиқи ӯ махсус ба воҳидҳои фитонимӣ бахшида нашудааст, аз ҷиҳати усули муқоиса ва муайян кардани наздикиву фарқи воҳидҳои устувор барои рисолаи мазкур аҳаммияти назариявӣ дорад [93].

Дар адабиёти форсу тоҷик фитоними «гул» бисёр вақт ҳамчун воситаи образофарӣ истифода мешавад. Он вобаста ба замина метавонад зебоӣ, ҷавонӣ, нозукӣ ё маъшуқро ифода намояд. Чунончи, Соиби Табрезӣ таркиби «гул-гул шукуфтан»-ро барои тасвири ҳолати хуррамӣ ва болидагӣ истифода кардааст [155, с. 175].

Қисми зиёди фразеологизмҳои фитонимӣ аз нутқи мардумӣ, фолклор ва таҷрибаи рӯзгори иҷтимоӣ сарчашма мегиранд. Номи растанӣ дар ҷараёни истифодаи такрорӣ аз маънои бевоситаи ботаникӣ фаротар рафта, ба воситаи образнокӣ маънои устувор ва арзёбӣ пайдо мекунад. М. Фозилов чунин воҳидҳоро дар фарҳанги фразеологии худ гирд оварда, маъно ва мавриди корбурди онҳоро тафсир мебахшад [135; 136]. Б. Тилавов бошад, «мақолу зарбулмасалҳоро бахши муҳимми эҷодиёти шифоҳии мардум дониста, онҳоро ҳамчун ҳомили таҷрибаи зиндагӣ ва арзишҳои фарҳангӣ баррасӣ менамояд» [91, с. 87].

Фразеологизми «решаи гап» маънои «асли масъала», «нуқтаи асосии баҳс»-ро ифода мекунад. Дар романи Фотеҳ Ниёзӣ ин воҳид барои ҷалби таваҷҷуҳ ба матлаби асосии сухан истифода шудааст: «Решаи гап ҳамин ки, Одил, маро ҳама шиносанд ҳам, ту намешиносӣ» [150, с. 36]. Фитоними «реша» аз маънои бевоситаи ботаникӣ гузашта, асосу бунёди масъалаеро мефаҳмонад. Ба он дар забони англисӣ the root of the matter мутобиқати пурраи маъноӣ ва образ дорад, зеро дар ҳар ду воҳид «реша» нишонаи асл ва маншаи масъала мебошад.

Фразеологизми «хор дар пероҳани касе рехтан» киноя аз «қасдан озор додан ва нороҳат сохтани шахс» [135, с. 231] аст. Ин ибора дар фарҳанг бо мисоли Соиби Табрезӣ сабт шудааст:

«Гуландоме, ки дар пероҳани ман хор мерезад,

Ба хирман гул ба ҷайбу домани ағёр мерезад» [155, с. 83].

Дар ин ҷо хор рамзи ранҷу озор аст, аммо шакли тоҷикӣ амалеро ифода мекунад, ки ба каси дигар қасдан анҷом дода мешавад. Ибораи англисии «a thorn in someone’s side» [138, с. 453] маънои «шахс ё падидаи доиман

озоррасон»-ро дорад [138, с. 45]. Аз ин рӯ, онҳоро муодили функсионалии қисман донистан дуруст аст: образи «хор» муштарак аст, вале сохтор ва тобиши маъно яксон нестанд.

Зарбулмасали «Шохи дарахти мевадор хам аст» [132, с. 98] фурӯтаниро ситоиш мекунад. Ба он мақоли англисии «The boughs that bear most hang lowest» [140, с. 234] аз ҷиҳати маъно наздик мебошад, касе, ки дорои дониш, таҷриба ё дастоварди аст, бояд хоксор бошад. Ин ду мақол муодили маъноӣ мебошанд, вале ҳар ду ба фолклор тааллуқ доранд ва муаллифи инфиродӣ надоранд.

Идиомаҳои «a bed of roses» [141, с. 89] – «зиндагии осону роҳат» [141, с. 89] ва «to nip something in the bud» [141, с. 89] – «пеш аз густариш пешгирӣ кардан» [141, с. 89] низ воҳидҳои фитонимии англисӣ мебошанд. Аммо онҳо ба зарбулмасалҳои мазкур муодил нестанд; онҳоро бояд ҳамчун намунаҳои мустақили фразеологияи англисӣ оварди.

Низомии Ганҷавӣ дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун» фитоними «гул»-ро ҳамчун истиораи зебоӣ ва арзишмандии маҳбуба истифода мекунад: «Гулро натавон ба бод додан / Маҳзода ба девзод додан» [151, с, 321]. Дар ин байт «гул» номи воқеии растанӣ набуда, образи муаллифии Лайлӣ аст. Аз ин рӯ, намуна ба фразеологизми собит не, балки ба тасвири бадеии фитонимӣ мансуб мебошад

Дар шеъри «Хуросони бузург» Лоиқ Шералӣ менависад:

«Чу аз насли Фаридунем,

Аз як реша, як хунем» [162, с. 368].

Дар ин мисраъ «реша» рамзи асли муштарак ва пайванди таърихӣ мебошад. Ин тасвири фитонимии муаллифӣ аст, на фразеологизми собит.

«Since we are of Fereydun’s lineage, we share one root and one blood».

Ҳофизи Шерозӣ дар ғазали худ менависад:

«Май хоҳу гул афшон кун, аз даҳр чӣ меҷӯйӣ?

Ин гуфт саҳаргаҳ гул, булбул, ту чӣ мегӯйӣ?» [162, с. 131].

Дар ин байт таркиби «гул афшондан» бо фазои шодӣ, базм ва баҳрагирӣ аз лаҳзаи ҳозира пайванд мегирад. Аммо он фразеологизми собит набуда, тасвири бадеии муаллифӣ мебошад.

Тарҷумаи англисии Сэр Уилям Ҷонс чунин аст:

«What favour canst thou expect from fortune?

So spake the rose this morning; O nightingale! what sayst thou to her maxim?» [172, с. 102].

Тафовутҳои фарҳангӣ дар фразеологизмҳои фитонимӣ аксар вақт ба табиати муҳити зист, таърих ва одатҳои мардум вобастаанд. Яке аз аломатҳои муҳимми чунин воҳидҳо устувории сохт ва истифодаи тайёр дар нутқ мебошад. Н.М. Шанский таъкид мекунад: «Фразеология воҳиди забонест, ки дар шакли тайёр бозофарида мешавад, аз ду ё зиёда ҷузъи дорои таъкид таркиб меёбад ва аз рӯйи маъно, таркиб ва сохтор доимӣ аст» [105, с. 45]. Аз ҳамин хотир, фитофразеологизмҳо низ одатан, қолаби нисбатан муайян доранд ва онҳо дар гуфтор ба таври «омода» ворид мешаванд ва бештар барои таъсири маънавӣ ва арзёбӣ истифода мегарданд.

Дар баробари устуворӣ, вариантнокӣ низ ба фразеологизмҳо хос аст. Вариантнокӣ танҳо ҳамон вақт ба вуҷуд меояд, ки тағйири ҷузъҳо маънои яклухт ва вазифаи асосии воҳидро нигоҳ дорад. А.В. Кунин менависад: «Вариантҳои фразеологӣ мушобеҳи як воҳиди фразеологӣ мебошанд, ки аз рӯйи сифат ва миқдори маъноҳо, инчунин вазифаҳои услубӣ ва наҳвӣ яксонанд, вале аз ҷиҳати таркиби луғавӣ ё ҷойгиршавии калимаҳо фарқ мекунанд» [40, с. 612]. Аз ин рӯ, фитофразеологизмҳо ҳам метавонанд дар шакл каме тағйир ёбанд, вале пояи маъноӣ ва рамзии онҳо нигоҳ дошта мешавад.

Хусусияти дигари муҳимми фитофразеологизмҳо гузариши маънои ботаникӣ ба маънои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад. Дар чунин воҳидҳо фитоним танҳо номи растанӣ нест; он барои тавсифи хислат, ҳолат ё муносибати инсонӣ хизмат мекунад. Ин гузариши маъно тавассути се ҷанба амалӣ мегардад:

1. «Маҷоз – образи растанӣ барои ифодаи ҳолат, рафтор ё сифати инсон истифода мешавад;

2. Рамз – образи растанӣ дар заминаи фарҳангӣ маънои устувор пайдо мекунад;

3. Арзёбӣ – воҳид муносибати мусбат, манфӣ ё истеҳзоомези гӯяндаро нисбат ба шахс ё падида равшан месозад» [40, с. 155].

Дар таҳқиқи муқоисавии воҳидҳои фразеологии ҷузъи фитонимия нишон дода мешавад, ки образҳои набототӣ ба таҷрибаи зиндагӣ, мушоҳидаи табиат ва тасаввуроти фарҳангии мардум пайванд доранд. Дар чунин воҳидҳо гиёҳ, дарахт ва дигар фитонимҳо на танҳо номи ашёи табиӣ, балки нишонаи рамзии тафаккур ва арзёбӣ мебошанд. Бо такрори корбурд дар нутқи ҷамъиятӣ онҳо маънои маҷозӣ гирифта, ба воҳидҳои устувору таъсирбахш табдил меёбанд. Ин андеша бо таҳқиқи А.П. Седих ва М.М. Бондарева оид ба робитаи фразеологияи фитонимӣ бо ҷаҳонбинии миллӣ ва рафтори муоширатии соҳибони забон ҳамоҳанг аст [76]. Бо назардошти пажӯҳиши Б. Тилавов дар бораи табиати фолклор ва забонии мақолу зарбулмасалҳои тоҷикӣ, хусусиятҳои истифодаи фитофразеологизмҳоро дар нутқи мардумӣ чунин ҷамъбаст кардан мумкин аст:

- «онҳо бештар дар жанрҳои шифоҳӣ – зарбулмасал, мақол, нақл ва гуфтори рӯзмарра – шакл гирифта, аз насл ба насл интиқол меёбанд;

- мазмуни онҳо аксаран ахлоқию тарбиявӣ буда, таҷрибаи зиндагиро дар шакли хулосаи кӯтоҳу пандомӯз ифода мекунад;

- образнокии фитоним ба нутқ таъсирнокӣ, фишурдагии маъно ва хотирмонӣ мебахшад;

- қолаби забонии онҳо нисбатан устувор мемонад ва ҳамин устуворӣ барои ҳифзи маъно дар шуури ҷомеа мусоидат мекунад;

- фитофразеологизмҳо дар адабиёт ва гуфтори рӯзмарра ҳамчун воситаи таълим, танқид, тавсиф ва баҳогузорӣ фаъолона истифода мешаванд» [92, с. 78].

Дар забони англисӣ фразеологизмҳои дорои ҷузъи фитонимӣ аз таҷрибаи кишоварзӣ, анъанаи адабӣ ва гуфтори муосир сарчашма мегиранд.

«1. Таҷрибаи рӯзгори деҳот ва кишоварзӣ. Образи растанӣ дар баъзе идиомаҳо аз мушоҳидаи равандҳои табиӣ сарчашма мегирад» [90, с. 87]. Масалан, «пеш аз густариш ёфтан пешгирӣ кардан – to nip something in the bud» [123, с. 234]. Дар ин воҳид «bud» ба маънои «ғунча» омада, марҳилаи ибтидоии рушди растаниро ифода мекунад. Маънои маҷозии ибора аз ҳамин образ бармеояд: масъала ё падида бояд пеш аз вусъат ёфтанаш қатъ карда шавад.

«2. Гуфтори ғайрирасмии муосир. Баъзе воҳидҳои фитонимӣ дар забони англисӣ тобиши ғайрирасмӣ доранд» [90, с. 79]. Чунончи, «девонавор рафтор кардан» – «to go bananas» [123, с. 276]. Ҷузъи «banana» номи мева аст, аммо маънои «аз ҳад ҳаяҷонзада шудан» аз маҷмуи тамоми ибора бармеояд, на аз маънои мустақими калимаи banana.

«Дар забони англисӣ воҳидҳои фразеологии дорои фитонимҳо метавонанд ҳолатҳои равонӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва маъноҳои маҷозиро ифода намоянд» [82, с. 65]. Масалан, «меваи мамнӯъ» – «forbidden fruit» чиз ё амалеро ифода мекунад, ки манъ аст, вале маҳз ба сабаби манъ будан ҷолиб менамояд. Маънои маҷозии ин воҳид аз тамоми таркиб бармеояд, на аз калимаи «fruit» дар алоҳидагӣ. «Forbidden fruit» дар фарҳанги идиомаҳои англисӣ ҳамчун воҳиди устувор сабт шудааст.

Таркиби «дарахти боровар – a fruit-bearing tree» [123, с. 165] маънои таҳтуллафзӣ дорад. Он ҳамчун фразеологизми собити англисӣ бо маънои «одами нафърасон» тасдиқ намешавад; бинобар ин, ба ҷадвали фразеологизмҳо ворид кардани он мувофиқ нест.

Ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои англисии дорои номи растанӣ ба тоҷикӣ аз муодили фразеологӣ, тарҷумаи маъноӣ ё тавсифӣ истифода мешавад. Интихоби роҳ ба дараҷаи наздикии маъно, вазъияти истифода ва тобиши услубии ибора вобастаанд.

«Барои ҳар ҷуфти муқоисавӣ сабти манбаъ ва намунаи истифода муҳим аст. Агар фитоним дар забони мақсад нигоҳ дошта нашавад, ин ҳолат набудани муодилиятро не, балки фарқияти тарзи образофариро нишон мебахшад. Аз ин рӯ, дар хулосаи ҳар гурӯҳ бояд навъи мутобиқат бо далели маъноӣ асоснок гардад» [113, с. 56].

«Дараҷаи мутобиқати байнизабонӣ бо се меъёр муайян карда мешавад: ҳаммазмунӣ, наздикии образ ва мувофиқати сохтор. Воҳиде, ки танҳо маънои умумиро мерасонад, набояд ба гурӯҳи муодилҳои пурра дохил карда шавад. Ин усули ҷудокунӣ имкон мебахшад, ки тарҷумаи фразеологӣ аз тарҷумаи луғавӣ фарқ карда шавад» [116, с. 2856].

«Барои нишон додани гуногунрангии маънои фитонимҳо метавон ду воҳиди фразеологии англисиро зикр кард: «to come up roses – бо натиҷаи хуб анҷом ёфтан; вазъ ба таври мусбат пеш рафтан» [140, с. 98] ва «pushing up daisies – мурда ва дар хок гӯронда шудан» [140, с. 165]. Фитоними «rose» дар воҳиди аввал бо натиҷаи мусбат ва комёбӣ пайванд мегирад. Ибораи «pushing up daisies» бошад, ба таври ғайримустақим ва ҳазломез маънои маргро ифода мекунад; аз ин рӯ, он дар ҳама гуна вазъияти расмӣ мувофиқ нест.

Дар таҳлили мазкур фразеологизмҳои англисии дорои ҷузъи фитонимӣ аз рӯйи маъно ва тарзи интиқол ба забони тоҷикӣ баррасӣ мешаванд. Барои дарки чунин воҳидҳо тарҷумаи ҷудогонаи калимаҳо кофӣ нест, сохтори ибора, маънои умумӣ ва вазъияти истифодаи он бояд якҷоя ба назар гирифта шаванд. Ин равиш ба таҳлили воҳидҳои фразеологӣ дар таҳқиқи А.П. Кауи низ асос меёбад [113].

Бо мурури замон образҳои фитонимӣ дар адабиёти классикии тоҷикӣ ва форсӣ густариш ёфтаанд. Дар осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ номҳои гул, хор, шоха ва мева барои ифодаи панд, арзёбӣ ва маъноҳои ахлоқӣ истифода мешаванд. Аммо ҳар образи набототӣ фразеологизм нест: ба воҳиди фразеологӣ мансуб донистани он танҳо дар шакли сабти фарҳангӣ ё корбурди устувор дар нутқ имконпазир аст.

Масалан, Носири Хусрав менависад:

«Нишон дорӣ, ки гул аз хор хезад,

Бикун коре, ки кор аз кор хезад» [159, с. 538].

You know that a flower rises from a thorn;

Do a deed from which another deed may arise.

Дар ин байт «гул» ва «хор» барои тақвияти панд аз роҳи муқобилгузории бадеӣ истифода шудаанд. Мазмуни мисраи дуюм ба пайдарпайии амал ва натиҷаи он ишора мекунад.

Амир Хусрави Деҳлавӣ низ меорад:

«Як шох, ки мевае диҳад тар,

Беҳтар зи ҳазор боғи бебар» [148, с. 226].

One branch that bears fresh fruit

Is better than a thousand fruitless gardens.

Дар ин байт шох, мева ва боғи бебар воситаи арзёбии ахлоқӣ мебошанд. Муқобилгузории «як шохи боровар» ва «ҳазор боғи бебар» бартарии самарабахшӣ ва арзиши воқеиро бар бисёрии бенатиҷа нишон мебахшад. Ин ҳам тасвири фитонимии муаллифӣ аст, на фразеологизми собит. «Дар забони англисӣ фразеологизмҳои дорои ҷузъи фитонимӣ аз таҷрибаи рӯзгор, кишоварзӣ, адабиёт, фолклор ва гуфтори муосир сарчашма мегиранд. Тавассути тарҷума ва робитаҳои фарҳангӣ баъзе аз онҳо метавонанд ба забонҳои дигар роҳ ёбанд, аммо чунин гузариш худ аз худ муодили устувори фразеологиро ба вуҷуд намеорад» [113, с. 178]. Аз ин рӯ, дар ҳар мавриди муқоиса бояд дараҷаи наздикии маъно, образ ва сохтори воҳид алоҳида муайян карда шавад.

«Дар раванди истифода баъзе воҳидҳои фразеологӣ дар шаклҳои гуногун истифода мешаванд, як ҷузъи ибора метавонад бо калимаи наздик иваз шавад, вале маънои умумӣ ва вазифаи услубии воҳид нигоҳ дошта мешавад. Чунин тағйирот ба вазъияти нутқ, навъи матн ва соҳибони забон вобастаанд» [75, с. 415]. Масалан, Фахриддини Асъади Гургонӣ менависад:

«Набошад морро бачча ба ҷуз мор,

Наёрад шохи бад ҷуз тухми бад бор» [147, с. 120].

«No bad branch bears aught but the fruit of a bad seed» [168, с. 238].

Дар тарҷумаи воҳидҳои фразеологии мардумии тоҷикӣ унсури набототӣ на ҳамеша ба забони англисӣ мегузарад. Масалан: «Аз гап гап мебарояд, аз чӯб хас» [136, с. 98] ҷузъҳои чӯб ва хас афзоиш ёфтани сухан ва пайдарпай пайдо шудани мавзуъҳоро ба таври намуднок нишон медиҳанд. Ҳаммаънои функсионалии англисии «One thing leads to another» [137, с. 245] мазмуни пайдарпай ба вуҷуд омадани рӯйдодҳоро ифода мекунад, вале образи набототии воҳиди тоҷикӣ дар он нигоҳ дошта намешавад. Аз ин рӯ, байни онҳо танҳо наздикии маъноӣ вуҷуд дорад; сохтор ва тасвири фарҳангии онҳо яксон нестанд.

Зарбулмасали мардумии «Аз гунҷишк тарсӣ, арзан накор – If you fear sparrows, do not sow millet» [123, с. 73] ба гурӯҳи воҳидҳои омехтаи зоонимӣ-фитонимӣ мансуб аст: «гунҷишк» ҷузъи зоонимӣ ва «арзан» ҷузъи фитонимӣ мебошад. Образи он аз таҷрибаи кишоварзӣ сарчашма гирифта, ба таври маҷозӣ зарурати аз кор даст накашиданро бар асари тарси мушкилоти эҳтимолӣ ифода мекунад.

Дар ҳар ду воҳид ғояи фаъолият ва таваккал ҳифз мешавад, аммо образи гунҷишку арзан дар мақоли англисӣ мавҷуд нест. Бинобар ин, онҳо муодили функсионалии қисман мебошанд, на муодили пурраи сохторию образ.

Аз ин рӯ, байни онҳо наздикии маъноӣ ва образ дида мешавад, на мутобиқати пурраи таркибӣ. Мисоли дигари ҳамоҳангии образи «гул – хор» дар ғазали Оҳадии Мароғаӣ мушоҳида мешавад:

«Оҳадӣ, аз гул рӯйи ту муроди ман чист?
Гуфт: шарт аст, ки ҳамсуҳбати хорам бошӣ.
Бо чунон гул чӣ ғам аз хор?...» [152, с. 345].

Дар ин байт «гул» рамзи маъшуқ ва «хор» рамзи ранҷу мушкили роҳи ишқ аст. Қаҳрамони лирикӣ омодагии худро ба таҳаммули душворӣ ба хотири васли маҳбуб баён мекунад.

Ба ин образ аз ҷиҳати ғоявӣ байти Анне Бронте наздик аст:

«But he that dares not grasp the thorn

Should never crave the rose» [167, с. 205].

Тарҷума: «Он ки ҷуръати гирифтани хор надорад, набояд орзуи садбарг кунад».

А.П. Седих ва М.М. Бондарева менависанд: «Қонуниятҳои истифодаи маводди фразеологӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои ҷаҳонбинии миллӣ ва рафтори иртиботии соҳибони забон муайян мешаванд» [76, с. 155].

Ин гуфтаҳо собит мекунанд, ки фитофразеологизмҳо танҳо воситаи тасвир нестанд: онҳо тачрибаи фарҳангӣ, меъёрҳои арзёбӣ ва шеваи дарки воқеиятро низ таҷассум менамоянд.

Дар фолклор образи растанӣ, одатан, на ба як муаллиф, балки ба тачрибаи дастаҷамъии гӯяндагон такя мекунад. «Дар натиҷаи такрори тӯлонӣ дар нутқи мардумӣ он метавонад ба мақол, зарбулмасал ё ибораи устувор табдил ёбад. Аз ин ҷиҳат, тасвири бадеии Ҳофиз ва Блейк аз воҳидҳои фразеологии халқӣ фарқ дорад, дар аввал образ аз нияти инфиродии шоир сарчашма мегирад, дар дуюм бошад, маъно дар анъанаи гуфторӣ устувор мешавад» [91, с. 80].

Ҳамин тавр, фитонимҳо ҳам дар адабиёт ва ҳам дар фолклор воситаи муҳимми маънооварӣ мебошанд. Аммо ҳангоми таҳлил бояд байни образи муаллифӣ ва фразеологизми собит фарқ гузошта шавад. Ба гурӯҳи фразеологизмҳо танҳо он воҳидҳое дохил мешаванд, ки дар фарҳангҳо ё маҷмӯаҳои паремиологӣ сабт гардида, корбурди устувор доранд.

«Дар замони муосир баъзе воҳидҳои фразеологӣ тавассути тарҷума, муодилияти функсионалӣ ё қолаббардорӣ ба низомҳои дигари забонӣ роҳ меёбанд. Ҳангоми интиқол маънои умумии ибора метавонад нигоҳ дошта шавад, вале сохтор, ҷузъи фитонимӣ ва образи аслӣ на ҳамеша ҳифз мегардад. Аз ин рӯ, тарҷумаи фитофразеологизм бояд на ба иваз кардани ҷудогонаи калимаҳо, балки ба интиқоли маънои маҷозӣ, тобиши арзёбӣ ва вазифаи услубии воҳид такя кунад» [22, с. 87].

«Забони тоҷикӣ анъанаи ғании истифодаи фитонимҳоро дорад. Дар адабиёти классикӣ, назми муосир ва гуфтори рӯзмарра номи растаниҳо барои ифодаи хислатҳои инсон, ҳолатҳои рӯҳӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ ба кор мераванд. Вобаста ба заминаи матн, онҳо метавонанд маънои умед, камолот, осебпазирӣ, пайванд, ҷудоӣ ё таҷрибаи зиндагиро ифода намоянд. Аз ин рӯ, фитонимҳо танҳо воҳидҳои номгузорӣ набуда, дар ташаккули образ ва арзёбии фарҳангию иҷтимоӣ саҳм мегузоранд» [77, с. 97].

Дар воҳидҳои устувори англисӣ ҷузъи фитонимӣ метавонад барои ифодаи маъноҳои иҷтимоӣ ва арзёбӣ истифода шавад. Масалан, «a bad apple – шахсеро ифода мекунад, ки рафтори носолим ё нодурусти ӯ ба фаъолияти дигарон таъсири манфӣ мерасонад» [142, с. 657]. Ба забони тоҷикӣ мазмуни он бо тавзеҳи «шахсе, ки рафтораш ба дигарон зарар мерасонад» ё «узви носолими гурӯҳ» интиқол меёбад. Дар ин воҳид «apple» маънои мустақими мева будanро аз даст дода, ба воситаи баҳодиҳии манфӣ ба тавсифи шахс мегузарад.

Ин мисол нишон мебахшад, ки фитоним метавонад на танҳо ҳолати шахсӣ, балки муносибати ҷомеаро ба рафтори фард низ ифода кунад. Таҳлили муқоисавии чунин воҳидҳо барои муайян намудани умумият ва тафовути образҳои фарҳангӣ ва интихоби роҳи муносиби тарҷума аҳаммият дорад.

Дар назми тоҷикӣ-форсӣ ва англисӣ образи «гул» ва «хор» барои баёни ҳамбастагии зебоӣ ва ранҷ истифода мешавад. Оҳадии Мароғаӣ менависад: «Бо чунон гул чӣ ғам аз хор?» [152, с. 453]. Ин мисраъ гулро рамзи мурод ва хорро нишонаи монеа тасвир мекунад.

Дар адабиёти англисӣ Анна Бронте ҳамин андешаро чунин баён кардааст: «But he that dares not grasp the thorn / Should never crave the rose» [164, с. 712]. – тарҷума: Ҳар кӣ ҷуръати гирифтани хор надорад, набояд орзуи садбарг кунад. Дар ҳар ду намуна «гул» бо ҳадаф ё зебоӣ ва «хор» бо душворӣ пайванд мегирад.

Барои нишон додани нақши рамзии фитонимҳо дар нутқ метавон воҳидҳои устувор ва тасвирҳои бадеиро аз ҳам ҷудо баррасӣ кард. Масалан,

гирдовардаи фарҳанг Фозилов М. ибораи «аз реша кандан» маънои комилан аз байн бурдан ё решакан намудани падидаеро дорад, ки дар ҷомеа ҷой гирифтааст, ба он дар забони англисӣ «to root out» [141, с. 456] наздик мебошад. Ибораи англисии «to sow the seeds of something» [141, с. 489] бошад, ба оғози амале далолат мекунад, ки дар оянда натиҷа ё оқибат ба бор меорад. Ба забони тоҷикӣ онро вобаста ба замина бо «барои коре замина гузоштан» [141, с. 456] ё «оғози кореро гузоштан» [141, с. 489] тарҷума кардан мумкин аст.

Гузариши фитоним аз маънои мустақим ба маънои маҷозӣ дар адабиёти классикӣ низ равшан мушоҳида мешавад. Дар «Гулистон» Саъдии Шерозӣ образи «меваи ширин»-ро барои ифодаи самараи сабру таҳаммул истифода мекунад. Дар тарҷумаи Аристотел ин образ бо таркиби «sweet fruit» нигоҳ дошта шудааст. Ҳамин ҳолат нишон мебахшад, ки «фитоним метавонад ҳангоми тарҷума ҳам вазифаи образофар ва ҳам мазмуни ахлоқии худро ҳифз намояд» [112, с. 54].

Дар таҳлили фитофразеологизмҳо чунин мавод на ҳамчун воҳиди фразеологии собит, балки ҳамчун шоҳиди корбурди бадеии фитоним баррасӣ мешавад. Маводди асосии таҳқиқро танҳо ибораҳо ва зарбулмасалҳои дорои корбурди устувор ташкил медиҳанд; тасвирҳои муаллифӣ барои тафсири имкониятҳои маънофарии ҷузъи набототӣ истифода мешаванд.

Дар байти Фахриддини Асъади Гургонӣ «шох» ва «тухм» ҷузъҳои фитонимӣ мебошанд. Онҳо дар доираи тасвири бадеӣ пайванди байни асл, маншаъ ва натиҷаро ифода мекунанд: «сифати манфӣ ба таври рамзӣ ҳамчун ҳосили «тухми бад» нишон дода мешавад» [83, с. 39]. Аз ин рӯ, байтро набояд ба маънои воқеии аслу насаби инсон тафсир дод. Он тасвири ахлоқии муаллифӣ аст, на фразеологизми умумимардумӣ.

Фаровонии фитонимҳо дар матн ҳанӯз далели фразеологӣ будани таркиб нест. Дар таҳқиқи мазкур ба корпус танҳо воҳидҳое дохил карда мешаванд, ки дар фарҳангҳои фразеологӣ, маҷмӯаҳои мақолу зарбулмасал ё дигар сарчашмаҳои боэътимод сабт шудаанд. «Матни бадеӣ барои ошкор намудани

роҳҳои образсозӣ ва густариши маънои маҷозӣ истифода мешавад, вале худи тасвири муаллифӣ танҳо бо сабти фарҳангӣ ё корбурди устувор метавонад мақоми воҳиди фразеологиро касб намояд» [91, с. 82].

Барои муайян кардани доираи маводди асосии таҳқиқ фитофразеологизмҳо ҳамчун воҳидҳои устуворе баррасӣ мешаванд, ки дар таркиби онҳо номи растанӣ ё қисми он иштирок мекунад. Ба ҷузъҳои фитонимӣ номҳои гиёҳ, дарахт, гул, мева, тухм, реша, барг ва дигар унсурҳои набототӣ дохил мешаванд. Дар чунин воҳидҳо фитоним танҳо маънои бевоситаи худро ифода намекунад, балки ҳамчун такягоҳи образ ва маънои маҷозӣ амал мекунад.

Барои тасдиқи устуворӣ ва маънои ин воҳидҳо ба фарҳангҳои махсус такя карда мешавад. Маводди фразеологии забони тоҷикӣ, аз ҷумла ибораҳои дорои ҷузъҳои набототӣ, дар «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик»-и М. Фозилов [135; 136] гирд оварда ва тафсир шудааст.

«Таҳлили семантикии фразеологизм аз муайян намудани маънои умумии он оғоз меёбад. Сипас робитаи ин маъно бо ҷузъҳои таркибӣ санҷида мешавад: кадом унсур маънои бевоситаи худро нигоҳ доштааст, кадом унсур маънои маҷозӣ гирифтааст ва кадом ҷузъ вазифаи арзёбиро иҷро мекунад. Чунин тартиб аз тафсири ҷудогонаи калимаҳо пешгирӣ намуда, фразеологизмро ҳамчун воҳиди яклухти маъноӣ баррасӣ мекунад» [12, с. 189].

Дараҷаи ангезишнокии маъно дар ҳамаи фразеологизмҳо яксон нест. Дар баъзе воҳидҳо робитаи «байни маънои аслӣ ва маънои маҷозӣ барои гӯянда равшан боқӣ мемонад, вале дар гурӯҳи дигар ин робита суст ё қариб ноаён мегардад» [22, с. 140]. Дар фитофразеологизмҳо чунин тафовут ба он вобастаанд, ки аломати воқеии растанӣ то кадом андоза дар ташаккули образи умумӣ фаъол мемонад.

«Маънои маҷозиро набояд бо маънои нодуруст ё танҳо пӯшида яксон донист. Он дар заминаи монандӣ, ҳамҷаворӣ, таҷрибаи иҷтимоӣ ё баҳодиҳии фарҳангӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳлил бояд муайян карда шавад, ки кадом аломати фитоним ба ҳолат, хислат ё муносибати инсон гузаронда

шудааст ва ин гузариш чӣ гуна маънои умумии воҳидро ташкил мебахшад» [14, с. 56].

Сохтори дастурӣ низ ба ташаккули маъно таъсир мерасонад. «Воҳидҳои феълӣ бештар амал, раванд ё тағйири ҳолатро ифода мекунанд, воҳидҳои исмӣ барои номгузории маҷозӣ ва арзёбӣ хизмат мекунанд. Ҷумлаҳои фразеологӣ бошанд, одатан, хулосаи пандомез, таҷрибаи ҷамъбастшуда ё баҳодиҳии иҷтимоиро ифода менамоянд. Бинобар ин, таҳлили маъноӣ бояд ҳамеша бо тавсифи сохтории воҳид ҳамоҳанг анҷом дода шавад» [56, с. 78].

Ҳамин тавр, ташаккул ва густариши фразеологизмҳои фитонимӣ бо таҷрибаи рӯзгор ва муносибати инсон ба муҳити табиӣ пайванд дорад. Номи растаниҳо дар гуфтори мардумӣ на танҳо барои номбар кардани ашё, балки барои офаридани образ, арзёбӣ ва ифодаи муносибат ба воқеият истифода мешаванд.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баъзе воҳидҳои фитонимӣ метавонанд дар заминаи муайян бо ибораҳои наздики маъноӣ иваз шаванд. Аммо чунин ивазшавӣ маънои онро надорад, ки ҳар воҳиди фразеологӣ шакли худро озодона тағйир мебахшад: устувории таркиб яке аз хусусиятҳои асосии он мебошад. Дар тарҷума аксаран маънои умумӣ нигоҳ дошта мешавад, вале образи фитонимӣ ё тобиши услубии ибораи аслӣ метавонад дигар шавад. Аз ин рӯ, интихоби муодили муносиб бояд бо назардошти маънои маҷозӣ, вазъияти истифода ва хусусияти фарҳангии воҳид анҷом гирад.

Ба ташаккул ва пойдории чунин образҳо фолклор, адабиёти классикӣ ва гуфтори рӯзмарра таъсир мерасонанд. Аммо гуфтан мумкин нест, ки ҳамаи фитофразеологизмҳои забони тоҷикӣ аз адабиёти англисӣ ё дигар адабиёти ҷаҳон сарчашма гирифтаанд; чунин робита танҳо дар мавриди иқтибос ё қолаббардории бо манбаи мушаххас тасдиқшуда нишон дода мешавад.

1.2. Хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории фразеологизмҳо

Фразеологизмҳо воҳидҳои устувори забонанд, ки аз ду ё зиёда калима таркиб ёфта, дар нутқ ҳамчун такрибҳои устувор истифода мешаванд. Маънои

умумии онҳо на ҳамеша аз ҷамъбасти маънои ҷузъҳои алоҳида бармеояд. Дар баъзе воҳидҳо робитаи маъноӣ бо калимаҳои таркибӣ суст мегардад, дар баъзеи дигар бошад, то андозае нигоҳ дошта мешавад. Аз ин рӯ, ҳамаи фразеологизмҳоро комилан ғайримустақим донистан дуруст нест.

Аз ҷиҳати маъноӣ, фразеологизмҳо бо якпорчагии маъно, устувории нисбии таркиб ва тобиши образию арзёбӣ фарқ мекунанд. Маънои онҳо метавонад тавассути маҷоз, ташбеҳ ё рамз ташаккул ёбад. Чунин воҳидҳо барои ифодаи муносибат, ҳолати рӯҳӣ, таҷрибаи зиндагӣ, панд ва баҳодиҳии иҷтимоӣ хизмат мекунанд.

Дар фразеологизмҳои дорои ҷузъи фитонимӣ гузариш аз маънои бевоситаи номи растанӣ ба маънои маҷозӣ равшан мушоҳида мешавад. Масалан, «аз реша кандан» [135, с. 189] маънои «комилан аз байн бурдан ё решакан намудан» [135, с. 189]-ро ифода мекунад. Ба он воҳиди англисии to root out аз ҷиҳати маънои умумӣ наздик аст. Бо вуҷуди ин, онҳоро муодили комил шуморидан мумкин нест, зеро доираи истифода ва сохтори онҳо вобаста ба матн фарқ мекунад.

«Дар таҳлили воҳидҳои фитонимӣ на танҳо маънои луғавии номи растанӣ, балки маънои яклухт, муассирӣ, тобиши арзёбӣ ва вазифаи услубии ибора ба назар гирифта мешавад. Фитоним дар таркиби фразеологизм метавонад аз маънои бевоситаи худ фаротар рафта, барои ифодаи хислат, ҳолат, муносибати иҷтимоӣ ё арзёбии ахлоқӣ хизмат кунад» [76, с. 157].

Дар таҳқиқоти М.Н. Азимова масъалаи ҳаммонандҳои «фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз рӯйи маъно ва сохт баррасӣ шудааст» [4, с. 73]. Ин равиш барои таҳқиқи мазкур муҳим аст, зеро муқоисаро ба тарҷумаи таҳтуллафзӣ маҳдуд накарда, муносибати байни маънои умумӣ, сохтор ва вазифаи воҳидро ба назар мегирад.

М. Султонзода лексикаи марбут ба олами набототро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз дидгоҳи сохторӣ ва семантикӣ омухтааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки «лексикаи набототи забони тоҷикӣ, махсусан, дар муқоиса бо забони англисӣ, ҳанӯз ба таври кофӣ омухта нашудааст» [82, с. 95].

Натиҷаҳои ин таҳқиқ барои муайян намудани доираи фитонимҳо ва роҳҳои номгузории онҳо аҳаммият доранд.

Бояд тазаккур дод, ки объекти таҳқиқи диссертатсияи М. Султонзода воҳидҳои луғавӣ мебошанд ва дар диссертатсияи мазкур бошад, фитоним дар дохили воҳиди фразеологӣ, дар робита бо маънои маҷозӣ, тобиши услубӣ ва масъалаҳои тарҷума баррасӣ мешавад.

Фитонимҳо дар осори бадеӣ низ барои офаридани тасвирҳои таъсирбахш истифода мешаванд. Чунончи, Сайфи Фарғонӣ менависад:

«З-оташ ар эмин бувад, аз бод хас осуда нест» [156, с. 528].

Though chaff may be safe from fire, it is never safe from the wind.

Дар ин мисраъ хас нишонаи заъфу осебпазирӣ, бод рамзи неруи таҳдидкунанда мебошад. Ин намуна фразеологизми собит нест, балки тасвири фитонимии муаллифӣ аст. Аз ин рӯ, он барои тафсири имкониятҳои образсозии фитоним арзиш дорад, вале барои исботи устувории воҳиди фразеологӣ кофӣ нест.

Устувории маънои фразеологизм аз истифодаи такрорӣ ва шинохти он дар миёни соҳибони забон бармеояд. Мавҷудияти фитоним дар таркиби ибора худ аз худ ба воҳид мақоми фразеологӣ намебахшад; ин мақом бояд бо сабти фарҳангӣ ё корбурди устувор тасдиқ шавад. Аз ҳамин лиҳоз, тасвирҳои адабӣ ва фразеологизмҳои сабтшуда дар таҳқиқ вазифаи яксон надоранд.

Дар таҳлили маъноӣ муносибати маънои умумӣ бо ҷузъҳои таркибӣ ба таври зерин баррасӣ мешавад. Маънои маҷозӣ дар ибораи «ба гӯши кас расидан» [136, с. 265] ба маънои «ба касе маълум ё шунида шудани хабар» [136, с. 265] меояд; тасвири расидани садо ба гӯш ба маънои огоҳ шудан гузаштааст. Маънои ангезишнок ё шаффоф дар ибораи «даст бар сар мондан» аз ҳолати зоҳирии шахс сарчашма гирифта, ҳолати ҳасрат, навмедӣ ё надоматро ифода мекунад. Дар мақоли «хасро дар чашми дигарон дидану кундаро дар чашми худ надидан» маънои пандомез ва баҳодиҳии ахлоқӣ бартарӣ дорад: шахс айби хурди дигаронро мебинад, вале камбудии бузурги худро нодида мегирад.

Аз ҷиҳати сохтор, фразеологизмҳо метавонанд шакли таркиби феълӣ, исмӣ, сифатӣ ё ҷумлаи пандомез дошта бошанд. Сохтор ба самти маъно таъсир мерасонад: воҳидҳои феълӣ бештар амал, раванд ё тағйири ҳолатро ифода мекунанд; воҳидҳои исмӣ барои номгузории маҷозӣ ва баҳодиҳӣ хизмат мекунанд; ҷумлаҳои устувор таҷрибаи иҷтимоӣ ва хулосаи пандомезро ҷамъбаст менамоянд. Бинобар ин, таҳлили маъноӣ бояд ҳамеша бо тавсифи сохтории воҳид ҳамоҳанг анҷом дода шавад.

А.И. Смирнитский воҳидҳои фразеологиро ҳамчун таркибҳои тайёри забон тавсиф мекунад: «Таркибҳои маъруфи тайёр – воҳидҳои фразеологӣ мебошанд» [77, с. 20]. Дар ин таъриф аломати омодагӣ ва бозофаринии воҳид дар нутқ муҳим аст. Яъне фразеологизм ҳар дафъа аз ҷониби гӯянда сохта намешавад, балки ҳамчун таркиби шинохташуда истифода мегардад.

Ин андеша барои таҳқиқи мазкур аҳаммияти методологӣ дорад. Воҳидҳои дорои фитоним танҳо дар сурате ба маводди асосии таҳлил дохил карда мешаванд, ки устувории онҳо бо фарҳангномаҳо, маҷмӯаҳои мақолу зарбулмасал ё корбурди такрорӣ тасдиқ гардида бошад. Ҳузури номи растанӣ дар як ҷумла ё байти алоҳида ҳанӯз барои фразеологизм шуморидани он асос намегардад.

Фарқи кори мазкур аз таҳқиқи А.И. Смирнитский дар доираи мавод ва ҳадафи таҳлил зоҳир мешавад. Смирнитский баррасӣ мекунад «вазифаҳои умумии лексикология ва фразеологияи англисӣ» [77, с. 164]. Дар таҳлили мазкур, воҳидҳои устувори дорои ҷузъи фитонимӣ дар муқоисаи забони тоҷикӣ ва англисӣ аз рӯйи сохтор, маъно, образ, рамз ва дараҷаи мутобиқати тарҷумавӣ таҳлил мешаванд. Аз ин рӯ, назарияи ӯ ҳамчун заминаи умумӣ истифода мешавад, вале хулосаҳо дар бораи фитофразеологизмҳо бар асоси маводди муқоисавии худи таҳқиқ пешниҳод мегарданд.

Устувории маъно аз он иборат аст, ки фразеологизм дар мавридҳои гуногуни истифода маънои умумии худро нигоҳ медорад. Вале ин маъно комилан тағйирнопазир нест, вобаста ба матн тобиши арзёбӣ ё услубии воҳид метавонад дигар шавад.

Фразеологизмҳои фитонимӣ дар бисёр мавридҳо маънои маҷозӣ ва рамзӣ доранд. Дар чунин воҳидҳо фитоним - номи растанӣ ё қисми он - метавонад хислат, ҳолат ё муносибати инсонро ифода намояд. Маънои умумии фразеологизм аз маънои луғавии ҷузъҳои таркибӣ пурра барнамеояд, балки бар пояи образи яклухт маънои нисбатан устувор ташаккул меёбад. Ин Вижагӣ имкон мебахшад, ки унсурҳои набототӣ ҳамчун воситаи арзёбӣ ва ифодаи мазмуни фарҳангӣ истифода шаванд.

Дар сохтори семантикии фразеологизмҳои фитонимӣ устувории нисбии маъно, маҷозият, рамз ва образнокӣ ҷойгоҳи муҳим доранд. Ҳ. Маҷидов ҳангоми тавсифи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ба устувории таркиб ва якпорчагии маъно таваҷҷуҳ зоҳир менамояд [44]. Дар доираи таҳқиқи мазкур семантикаи фитофразеологизм ҳамчун маҷмӯи маънои умумии воҳид, робитаи он бо ҷузъҳои таркибӣ, образи фитонимӣ ва тобиши фарҳангию арзёбӣ фаҳмида мешавад.

А.П. Седих ва М.М. Бондарева таъкид мекунанд: «Фитоним ҳангоми ба таркиби воҳиди фразеологӣ дохил шудан робитаи худро бо объекти мушаххас гум мекунад, ба маънои умумӣ мегузарад ва тобишҳои иловагӣ касб менамояд» [76, с. 157]. Муаллифон, ҳамчунин, «қонуниятҳои корбурди маводди фразеологиро нишондиҳандаи ҷаҳонбинии миллӣ ва рафтори иртиботии соҳибони забон медонанд» [76, с. 155].

Ин андешаҳо барои таҳлили фитофразеологизмҳои тоҷикӣ ва англисӣ аҳаммияти назариявӣ доранд. Вале маводди таҳқиқи А.П. Седих ва М.М. Бондарева ба воҳидҳои русӣ ва фаронсавӣ дар гуфтори сиёсӣ ва рӯзмарра асос ёфтааст. Диссертатсияи мазкур аз онҳо бо мавод, забонҳои муқоисашаванда ва ҳадафи таҳлил фарқ мекунад, дар он воҳидҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз рӯйи сохтор, дараҷаи ангезишнокии маъно, рамзи фитоним ва тарзи интиқоли тарҷумавӣ баррасӣ мешаванд.

Аз ин рӯ, номи растанӣ дар маводди таҳқиқ на ҳамчун рамзи доимӣ, балки дар доираи ҳар як воҳиди мушаххас таҳлил мегардад. Масалан, як фитоним метавонад вобаста ба таркиб ва вазъияти истифода маънои мусбат,

манфӣ ё бетараф касб намояд. Маҳз ҳамин муносибати матнӣ имкон мебахшад, ки таҳлили семантикии фитофразеологизмҳо аз тафсири умумии рамзҳои ботаникӣ фарқ карда, ба муайян намудани маънои воқеии воҳиди устувор равона шавад.

Хусусиятҳои семантикии фразеологизмҳо дар якпорчагии маъно, устувории нисбии таркиб, маҷозият, образнокӣ, арзёбӣ ва иртиботи фарҳангии онҳо зоҳир мешаванд. Маънои умумии воҳид аз ҷамъбасти содаи маънои калимаҳои алоҳида пурра барнамеояд. Дар айни ҳол, робитаи баъзе ҷузъҳо бо маънои аслии онҳо метавонад нигоҳ дошта шавад; бинобар ин, дараҷаи ангезишнокии маъно дар ҳамаи фразеологизмҳо яксон нест.

Устувории маъно мутлақ набуда, нисбӣ аст: маънои асосии воҳид дар ҳолатҳои гуногуни истифода ҳифз мешавад, вале вобаста ба матн метавонад тобиши иловагии услубӣ ё арзёбӣ пайдо кунад. Маҷозият дар он зоҳир мегардад, ки ҷузъҳои таркибӣ пурра ё қисман аз маънои бевоситаи худ дур шуда, маънои умумии навро ташкил медиҳанд. Ташбеҳ ва рамз ба офаридани образ мусоидат мекунанд, дар ҳоле ки ҷанбаи фарҳангию эҳсосӣ муносибати соҳибони забонро ба падидаи ифодашаванда нишон мебахшад.

Дар маводди интихобшуда таҳлили маъноӣ аз муайян намудани маънои умумӣ ва вазъияти истифодаи воҳид оғоз меёбад. «Баъдан муайян карда мешавад, ки фитоним кадом унсури образро фаъол месозад, чӣ гуна баҳодиҳӣ мебахшад ва робитаи он бо маънои маҷозӣ то кадом андоза нигоҳ дошта шудааст. Ин тартиб имкон мебахшад, ки маънои маҷозӣ аз маънои таҳтуллафзӣ ҷудо карда шавад» [12, с. 376].

«Таҳлили фитофразеологизмҳо ду сатҳи ба ҳам вобастаро фаро мегирад: маънои бевоситаи фитоним ва маънои яклухти воҳид. Агар номи растанӣ дар таркиби ибора тобиши арзёбӣ ё рамзӣ касб кунад, он ҳамчун ҷузъи фаъоли образ амал менамояд. Чунин муносибат ба таҳлили сохторию семантикии воҳидҳои устувор такя дорад» [37, с. 72].

Ҳ. Маҷидов аз нишонаҳои асосии воҳиди фразеологӣ «ифодаи маънои яклухти ба ҳиссаҳо ҷудонашаванда ва устувории таркиби луғавӣ» [50, с. 45]-

ро ном мебарад. Ин меъёрҳо барои таҳлили фитофразеологизмҳо аҳаммияти асосӣ доранд, зеро дар чунин воҳидҳо маъно аз маҷмӯи ҳамаи ҷузъҳо ба вуҷуд меояд, на аз маънои ҷудогонаи номи растанӣ.

Дар таҳқиқи мазкур таҳлили маъноӣ дар се марҳила анҷом дода мешавад: аввал маънои умумии воҳид муайян мегардад; сипас нақши фитоним дар ташаккули образ ва баҳодиҳӣ баррасӣ мешавад; баъдан дараҷаи мутобиқати воҳид бо гунаи англисӣ муайян карда мешавад. Чунин равиш аз тавсифи умумии рамзҳои растанӣ фарқ дошта, ба таҳлили маънои ҳар як воҳиди собит дар заминаи сохтор ва корбурди он равона мешавад.

Ибораи устувори «аз сад гули касе як гулаш нашукуфтааст» [146, с. 97] маънои хеле ҷавон будан ва ҳанӯз таҷрибаи кофии зиндагӣ надоштанро ифода мекунад. Корбурди он дар осори Садриддин Айнӣ сабт шудааст. Ба забони англисӣ маънои он бо тарҷумаи тавзеҳӣ халқӣ интиқол меёбад: «He is still very young and inexperienced». Ин тарҷума воҳиди фразеологии собити забони англисӣ нест, бинобар ин, онро муодили пурра ҳисобидан мумкин нест. Дар сохтори маъноии ибора гул рамзи ҷавонӣ, нашъунамо ва имкони ҳанӯз нопурраи инсон мебошад.

Ибораи халқии «оби зери коҳ» [135, с. 35] шахси «пинҳонкор, маккор ва ғайриэътимоднок» [135, с. 35]-ро ифода мекунад. Ба он «a snake in the grass» [123, с. 287] аз ҷиҳати вазифаи маъноӣ наздик аст яъне ҳар ду ибораҳои халқианд ва маънои хатар ё нияти бади ниҳониро мефаҳмонанд. Аммо мувофиқати онҳо пурра нест. Дар ибораи забони тоҷикӣ образи асосӣ аз оби пинҳоншуда дар зери коҳ ба вуҷуд меояд, дар ҳоле ки дар воҳиди англисӣ образи марказӣ «snake» буда, «grass» танҳо муҳити пинҳоншавиро ифода мекунад. Аз ҳамин сабаб, ин ҷуфт бояд ҳамчун мутобиқати функсионалии қисман таҳлил шавад.

Воҳиди англисӣ аз ҷиҳати таркиб омехтаи зоонимӣ-фитонимӣ мебошад. Агар корпуси асосии рисола танҳо фразеологизмҳои дорои фитоними марказиро дар бар гирад, «a snake in the grass» ба омори асосии

фитофразеологизмҳо дохил карда намешавад; он танҳо ҳамчун намунаи тарҷумаи функционалӣ истифода мешавад.

Дар воҳидҳои дорои маънои нисбатан шаффоф байни маънои ҷузъҳои таркибӣ ва маънои умумии ибора пайванди ангезишнок то андозае нигоҳ дошта мешавад. Номи растанӣ метавонад аломати табиии вобаста ба сабзиш, реша, хазон, хор ё самарро фаъол созад ва дар асоси он образи маҷозӣ ташаккул ёбад. Дар воҳидҳои идиоматикӣ бошад, маънои умумӣ аз ҷамъбасти маънои калимаҳои алоҳида пурра барнамеояд ва фитоним бештар ҳамчун қисми таркиби устувор амал мекунад.

Ҳангоми муайян намудани маънои фитофразеологизм на танҳо тарҷумаи ҷузъҳои он, балки шакли собити ибора, вазъияти истифода, тобиши услубӣ ва заминаи фарҳангии он ба назар гирифта мешавад. Чунин муносибат имкон мебахшад, ки байни таркиби озод, тасвири инфиродии муаллифӣ ва фразеологизми воқеан устувор фарқ гузошта шавад.

Маънои образии ангезишнок

Дар воҳидҳои дорои маънои образии ангезишнок образи аслӣ барои гӯянда то андозае фаҳмо мемонад ва ба дарки маънои умумӣ мусоидат мекунад. Дар таснифи В.В. Виноградов чунин воҳидҳо ба гурӯҳи фразеологизмҳои дорои ягонагии маъноӣ наздиканд: «маънои маҷозӣ аз образи ҷузъҳои таркибӣ ҷудо нашудааст, вале ҳамчун маънои яклухт дарк мешавад» [23, с. 140].

Ба ин гурӯҳ ибораи «гули сари сабад» [136, с. 354] дохил мешавад. Он ба маънои «чизи аъло, беҳтарин ва мавриди иззату икром» [136, с. 354] истифода мешавад. Дар ин ҷо ҷузъи «гул» тасаввури зебоӣ, баргузидагӣ ва арзишмандиро нигоҳ медорад, аммо маънои тамоми ибора аз маънои калимаи «гул» фаротар меравад. Барои собит кардани шакл ва маънои ин воҳид маълумоти фарҳангнома асос мебошад.

Аз ҷиҳати маъно ба ин воҳид «the cream of the crop» [142, с. 154] наздик аст, ки «беҳтарин намояндагони як гурӯҳ» [142, с. 154]-ро ифода мекунад. Аммо ин муодили пурра нест: дар воҳиди тоҷикӣ образи «гул» ва «сабад», дар

воҳиди англисӣ бошад, образи «ҳосил» мавҷуд аст. Аз ин рӯ, ҷуфти мазкур ҳамчун мутобиқати маъноии қисман арзёбӣ мешавад. Тавзеҳи англисии «гули сари сабад» – a highly valued and respected person or thing – танҳо тарҷумаи тавсифӣ аст.

Дар таҳқиқи мазкур чунин воҳидҳо аз рӯйи се меъёр таҳлил мешаванд: нигоҳ доштани образи фитонимӣ, наздикии маънои умумӣ ва мувофиқати сохтор. Ин тартиб имкон мебахшад, ки наздикии маъноӣ бо ҳаммонандии пурраи фразеологӣ омехта нашавад.

Ифодаи забони англисии «the life and soul of the party» [140, с. 217] муодили пурраи «гули сари сабад» нест, зеро он бештар шахси фаъолу шӯхтабъро, ки дар маркази маҳфил қарор дорад, тавсиф мекунад. Аз ин рӯ, онро танҳо муодили вазифавии қисман метавон донист.

Дар ибораи англисии «to nip something in the bud» [141, с. 89] низ маънои образии ангезишёфта мушоҳида мешавад: «bud» – «ғунча» ба марҳилаи аввали рушд ишора мекунад, аммо маънои умумии воҳид «дар оғози пайдоиш пеши роҳи густариш ёфтани падидаеро гирифтан» мебошад» [141, с. 89].

Пас, ҳангоми таҳлили фитофразеологизмҳо дараҷаи нигоҳ доштани образи растанӣ, маънои умумии воҳид ва вазъияти истифодаи он бояд дар ҳамбастагӣ баррасӣ шаванд. Ин меъёрҳо имкон медиҳанд, ки фразеологизми устувор аз ташбеҳи муаллифӣ ва таркиби озод фарқ карда шавад.

Сохтори маъноии фразеологизмҳои фитонимӣ аз робитаи байни маънои ҷузъҳои ибора ва маънои умумии он ташаккул меёбад. Номи растанӣ дар чунин воҳидҳо метавонад, аз як тараф, робитаи худро бо маънои бевоситаи ботаникӣ то андозае нигоҳ дорад ва, аз ҷониби дигар, барои офаридани маънои маҷозӣ замина фароҳам оварад. Аз ин рӯ, дар таҳлил танҳо муайян кардани номи гул, дарахт ё мева кофӣ нест; бояд нақши он дар ташаккули маънои умумӣ, баҳогузорӣ ва тобиши фарҳангии воҳид мушаххас карда шавад.

Ҳ. Маҷидов «якпорчагии маъно ва устувории таркибро аз нишонаҳои асосии воҳидҳои фразеологӣ медонад» [44, с. 45]. Барои фитофразеологизмҳо ин хусусият бо иштироки номи растанӣ равшантар зоҳир мешавад. Масалан,

«реша давондан» дар маънои аслӣ паҳн шудани решаи растаниро ифода мекунад, вале дар маънои маҷозӣ ба маъноҳои «мустаҳкам шудан; дар ҷомеа ҷой гирифтан; пойдор гардидани падида» [135, с. 231] истифода мешавад. Ба он «to take root» аз ҷиҳати маъно наздик аст. Ҳар ду воҳид ғояи пойдоршавиро тавассути образи реша мерасонанд, аммо мутобиқати онҳо пурра нест: дар таркиб феълҳои гуногун истифода шудаанд ва доираи ҳамнишинии онҳо дар матн ҳамеша яксон намемонад.

Ибораи «to nip something in the bud» низ гузариши маъно аз ҳолати табиии растанӣ ба маънои маҷозиро нишон мебахшад. Маънои он «пеш аз густариш ё мушкил гардидани падида онро қатъ кардан» мебошад. Ҷузъи «ғунча» – «bud» марҳилаи аввали сабзишро ифода мекунад ва маҳз ҳамин аломат барои ташаккули маънои умумии ибора замина мебахшад. Ба забони тоҷикӣ ин воҳидро бо тарҷумаи тавзеҳии «дар оғози пайдоиш пешгирӣ кардан» интиқол додан муносибтар аст. Барои он муодили собити тоҷикӣ сохтан ё тарҷумаи таҳтуллафзӣ пешниҳод намудан дуруст нест.

А.М. Бабкин таъкид мекунад, ки «калимаҳо ва мафҳумҳои муҳимми ҳар забон бо арзишҳои фарҳангии соҳибони он пайванд доранд» [18, с. 43]. Дар таҳлили фитофразеологизмҳо ин андеша муҳим аст, на худи номи растанӣ, балки тамоми воҳиди устувор бояд муқоиса шавад. Як фитоним метавонад дар ду забон наздик бошад, вале маънои маҷозӣ, доираи истифода ва вазифаи нутқии воҳид яксон набошад. Аз ҳамин рӯ, муқоисаи тоҷикӣ ва англисӣ бояд бар пояи маънои умумӣ, вазифаи нутқӣ ва заминаи фарҳангӣ анҷом дода шавад.

Фитоним дар адабиёт низ маънои иловагӣ мегирад, аммо ҳар тасвири бадеӣ фразеологизм нест. Вилям Шекспир дар «Romeo and Juliet» менависад:

«That which we call a rose

By any other word would smell as sweet» [175, с. 215].

Дар ин мисраъ «rose» воситаи баёни андешаи Ҷулетта дар бораи шартӣ будани номгузорӣ мебошад: агар номи чиз дигар шавад, моҳияти он тағйир намеёбад. Аз ин рӯ, «садбарг» дар ин ҷо танҳо рамзи зебоӣ ё муҳаббат нест,

балки ҷузъи далели бадеӣ-фалсафии муаллиф аст. Намуна барои таҳлили образнокии фитоним аҳаммият дорад, вале онро набояд ба гурӯҳи фразеологизмҳои собит дохил кард.

Яъне: Он чиро садбарг меномем, агар номи дигар медошт ҳам, ҳамон бӯи хушро медод. Дар ин мисол «rose» воситаи тасвири бадеии муаллиф аст, на воҳиди фразеологии собит. Чунин фарқгузорӣ барои рисола муҳим мебошад, зеро аз омехта шудани фразеологизм бо ташбеҳ ва тасвири озоди адабӣ пешгирӣ мекунад.

Ҳамин тавр, фитофразеологизм танҳо аз рӯйи мавҷуд будани номи растанӣ муайян намешавад. Барои шинохти он устувории таркиб, якпорчагии маъно, такрорпазирии истифода ва вазифаи маҷозии фитоним бояд дар ҳамбастагӣ ба назар гирифта шаванд.

Вижагиҳои сохтории фразеологизмҳои фитонимии исмӣ

Фразеологизмҳои исмӣ ё субстантивӣ воҳидҳои устуворе мебошанд, ки аз ҷиҳати вазифа ба исм наздиканд ва номгузории маҷозии шахс, ашё, ҳолат ё мафҳумро ифода мекунанд. Вобаста ба ҷойгоҳашон дар ҷумла онҳо метавонанд вазифаи мубтадо, пуркунанда ё қисми исмии хабарро иҷро намоянд.

А.В. Кунин фразеологизмҳоро аз рӯйи хусусияти сохторию дастурӣ гурӯҳбандӣ мекунад. «Дар гурӯҳи воҳидҳои номинативӣ фразеологизмҳои субстантивӣ, адъективӣ, адвербиалӣ ва пешояндӣ ҷой мегиранд; воҳидҳои феълӣ бошад, хусусияти номгузорӣ-муоширатӣ доранд» [42, с. 182]. Ин гурӯҳбандӣ ба вазифаи синтаксисӣ ва муносибати фразеологизм бо қисми нутқи асосӣ такя мекунад.

Дар таҳқиқи мазкур аз миёни фразеологизмҳои исмӣ воҳидҳое ҷудо карда мешаванд, ки номи растанӣ дар онҳо ҳамчун ҷузъи маънофар иштирок мекунад. Ин гуна воҳидҳо аз рӯйи таркиби фитонимӣ ба гурӯҳи фразеологизмҳои фитонимӣ мансуб мешаванд. Ҳузури фитоним навъи дастурии воҳидро тағйир намебахшад, вале дар ташаккули маънои маҷозӣ, баҳодиҳӣ ва тобиши фарҳангии он нақши фаъол мебозад.

Фразеологизмҳои исмии фитонимӣ воҳидҳое мебошанд, ки «аз ҷиҳати вазифа ба исм наздик буда, номгузории маҷозии шахс, ашё, ҳолат ё падидаро ифода мекунанд» [42, с. 185]. Дар таснифи А.В. Кунин онҳо ба гурӯҳи фразеологизмҳои номинативӣ дохил мешаванд; «вазифаи асосии чунин воҳидҳо номбаркунӣ аст» [42, с. 184]. Ҳузури номи растанӣ сохти исмии фразеологизмро тағйир намебахшад, вале дар ташаккули баҳодиҳӣ ва тобиши фарҳангии он саҳм мегузорад.

Ибораи англисии «a bad apple» [142, с. 65] намунаи фразеологизми исмии дорои фитоним мебошад. «Он шахси ношоям ё вайронкоре» [142, с. 65]-ро ифода мекунад, ки ба гурӯҳ таъсири манфӣ мерасонад. Образи «себ» дар ин ҷо бо тасаввури меваи вайроншуда пайваст буда, баҳодиҳии манфии воҳидро пурзӯр мекунад. Ба забони тоҷикӣ онро вобаста ба матн бо таркибҳои «шахси ношоям», «фарди вайронкор» ё «узви бадкирдори гурӯҳ» интиқол додан мумкин аст. Тарҷумаи таҳтуллафзии «себи пӯсида» муодили собити тоҷикӣ нест; он танҳо маънои зоҳирии ибораи англисиро бозмегардонад.

Фразеологизмҳои феълии фитонимӣ амал, ҳолат ё тағйири ҳолати шахсро ифода мекунанд. К.Т. Ғафарова дар таҳқиқи муқоисавии худ воҳидҳои «гул гуфтан, гул шунидан», «лола гаштан» ва «реша печидан»-ро дар қатори фразеологизмҳои дорои ҷузъи фитонимӣ меорад [29, с. 67]. Ибораи «гул гуфтан, гул шунидан» [136, с. 165] ба маънои «суҳбати хушу дилнишин» [136, с. 165] истифода мешавад, «to have a pleasant conversation» танҳо тарҷумаи тавзеҳии он аст. Дар воҳиди «лола гаштан» [136, с. 435] ранги сурхи лола асоси маънофарӣ буда, «ҳолати сурх шудан аз шарм ё ҳаяҷон» [136, с. 435]-ро ифода мекунад – «to blush» ва «to turn scarlet» тарҷумаҳои вазифавии он мебошанд. Ибораи «реша печидан» [135, с. 143] маънои «дил бастан ба касе» [135, с. 143]-ро дорад ва ба он «to fall in love with someone» яъне «ошиқ шудан» аз ҷиҳати маъно наздик аст. Дар ҳар се ҳолат маъно интиқол меёбад, аммо ҷузъи фитонимӣ дар тарҷумаи англисӣ нигоҳ дошта намешавад. Бинобар ин, онҳо на муодилҳои пурраи фразеологӣ, балки тарҷумаҳои маъноӣ ё вазифавӣ мебошанд.

Фразеологизмҳои сифатии фитонимӣ барои тавсифи хислат, ҳолат ё арзиши шахсу ашё истифода мешаванд. Таркиби «гули бехор» [136, с. 139] – «a thornless flower / a flower without thorns» маънои бевоситаи «гуле, ки хор надорад»-ро дорад, вале дар корбурди маҷозӣ ҳамчун киноя аз чизи «беайб, бенуқсон ва бехалал» [136, с. 139] истифода мешавад.

Аз ҷиҳати сохтор, ин воҳид аз исми «гул» ва сифати «бехор» таркиб ёфтааст. Дар маънои маҷозӣ фитоними «гул» тасаввури зебоӣ ва матлубиятро фаъол мекунад, дар ҳоле ки ҷузъи «бехор» набудани монеа, нуқсон ё ранҷро мефаҳмонад. Маънои умумии ибора аз ҷамъбасти механикии ҷузъҳо фаротар рафта, ба баҳодиҳии мусбати шахс ё ашё табдил меёбад.

Дар таҳқиқи мазкур «гули бехор» ҳамчун воҳиди сифатии дорои маънои образии ангезишнок баррасӣ мешавад, зеро робитаи маънои маҷозӣ бо тасвири аслии гул барои гӯянда ҳанӯз равшан аст. Ба забони англисӣ онро вобаста ба матн бо «flawless, perfect» ё «without fault» интиқол додан мумкин аст. Инҳо тарҷумаҳои маъноӣ мебошанд; барои онҳо муодили собити англисии фитонимӣ пешниҳод намешавад. Аз ин рӯ, дар ин маврид мувофиқати маъноӣ вуҷуд дорад, аммо мувофиқати образ ва сохторӣ мушоҳида намегардад.

Вижагиҳои сохтории фразеологизмҳои сифатии фитонимӣ аз вазифаи тавсифӣ ва баҳодиҳии онҳо бармеоянд. М. Султонзода номҳои растании забонҳои тоҷикӣ ва англисиро аз дидгоҳи сохторӣ ва маъноӣ меомӯзад; пажуҳиши ӯ барои муайян намудани доираи ҷузъҳои фитонимӣ аҳаммият дорад [82]. Аммо дар таҳқиқи мазкур фитоним на ҳамчун воҳиди алоҳидаи луғавӣ, балки ҳамчун ҷузъи воҳиди устувор баррасӣ мешавад. Аз ин рӯ, диққати асосӣ ба маънои яклухт, вазифаи сифатӣ ва имкони интиқоли он ба забони муқоисашаванда равона мегардад.

Вижагиҳои сохтории фразеологизмҳои сифатии фитонимӣ чунинанд:

1. Онҳо ҳолат, хислат ё баҳодиҳии шахс ва ашёро ифода мекунанд.

2. Дар таркиби онҳо ҷузъи фитонимӣ - номи гул, гиёҳ, дарахт, барг, мева ё дигар унсури набототӣ - иштирок мекунад.

3. Аксаран дар қолабҳои изофӣ, васфӣ ё ташбеҳӣ ташаккул меёбанд.

4. Дар ҷумла вазифаи муайянкунанда ё қисми исмии хабарро иҷро мекунанд.

Барои тавзеҳи сохти ташбеҳии сифатӣ метавон аз забони англисӣ ибораи «as cool as a cucumber» [141, с. 354]-ро оварда. Ин воҳид маънои «хеле ором, ботамкин ва худро идоракунанда» [141, с. 354]-ро ифода мекунад. Сохти он аз рӯйи қолаби «as + adjective + as + noun» ташкил ёфтааст. Ҷузъи «cucumber» – «бодиринг» образи набототиро нигоҳ медорад, вале маънои умумӣ танҳо аз тарҷумаи ҷудогонаи калимаҳо ба даст намеояд. Ба забони тоҷикӣ онро бо таркибҳои «хеле ором», «ботамкин» ё «худдор» интиқол додан мувофиқ аст. Дар ин маврид ҷузъи фитонимӣ нигоҳ дошта намешавад; бинобар ин, мутобиқат маъноӣ буда, на образ ва на сохторӣ мебошад.

Чунин таҳлил ба равиши А.П. Кауи дар омузиши идиомаҳои англисӣ ҳамоҳанг аст: «ҳангоми муқоиса бояд маънои умумии воҳид ва вазъияти истифодаи он ба назар гирифта шавад, на танҳо маънои луғавии ҷузъҳо» [113, с. 63]. Дар диссертатсияи мазкур ин меъёр барои ҷудо кардани муодили пурра, мутобиқати қисман ва тарҷумаи тавзеҳӣ истифода мешавад.

Аз таҳлил бармеояд, ки фразеологизмҳои сифатии фитонимӣ барои ифодаи хислат, ҳолат ва баҳодиҳии шахс ё ашё хизмат мекунанд. Номи растанӣ дар чунин воҳидҳо маънои умумиро образнок мегардонад ва метавонад тобишҳои мусбат, манфӣ ё эҳсосӣ ба вуҷуд оварад. Дар маводди таҳқиқшуда ин воҳидҳо бештар дар қолабҳои изофӣ, васфӣ ва ташбеҳӣ истифода мешаванд. Шаклҳои калимасозӣ бо пасвандҳои -монанд, -вор ва -сон бояд аз фразеологизм ҷудо баррасӣ шаванд, зеро онҳо воҳиди яккалимагӣ мебошанд.

Хусусиятҳои сохтории фразеологизмҳои фитонимӣ дар шакли ҷумлаҳои устувор

Ҷумлаҳои фразеологӣ воҳидҳои устуворе мебошанд, ки сохти ҷумлаи пурра дошта, андешаи ҷамъбастшуда, панд ё баҳодиҳиро ифода мекунанд. Дар гурӯҳи воҳидҳои дорои фитоним мақолу зарбулмасалҳо ҷойгоҳи муҳим доранд. Аммо ҷумлаи дорои номи растанӣ ҳатман фразеологизм нест: агар он

ба қалами шоир ё нависандаи муайян тааллуқ дошта бошад, онро бояд ҳамчун тасвири бадеӣ ё ҳикмати муаллифӣ таҳлил кард.

Намунаи сабтшудаи забони англисӣ мақоли «A rolling stone gathers no moss» [139, с. 183] мебошад. Тарҷумаи таҳтуллафзии он – «санги ғелон ушна намебандад» – танҳо тарҷумаи халқӣ аст, на мақоли собити тоҷикӣ мебошад. Дар яке аз тафсирҳои маъмули худ мақол ба шахсе ишора мекунад, ки пайваста ҷой, кор ё муҳити худро дигар мекунад ва аз ин сабаб наметавонад робита ё мақоми устувор ба даст орад. Ҷузъи «ушна» – «moss» дар ин ҷо нишонаи бо мурури замон пайдо шудани пайванд ва устуворӣ мебошад. Бинобар ин, фитоним дар таркиби мақол барои офаридани маънои ҷамъбастшуда хизмат мекунад, на барои номбар кардани ашёи табиӣ.

Дар назми тоҷикӣ Ҳофизи Шерозӣ менависад:

«Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,

Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад» [162, с. 183].

Тарҷумаи Ризо Собирӣ:

«Plant the tree of friendship, for the fruit of your heart’s desire to bring» [171, с. 86].

Дар ин байт «дарахт», «ниҳол» ва «бор» дар як низоми истиорӣ ҷой доранд. «Дӯстӣ» ба «дарахти самарабахш» монанд карда мешавад, «душманӣ» бошад ҳамчун «ниҳоле, ки бояд решакан гардад» тасвир меёбад. Муқобилгузории «шинондан» – «баркандан» ва «коми дил» – «ранҷи бешумор» ҷанбаи ахлоқӣ ва пандомӯзии байтро қавӣ месозад. Бо вуҷуди ин, байт дар таҳқиқи мазкур ҳамчун намунаи тасвири муаллифии фитонимӣ истифода мешавад, на ҳамчун фразеологизми умумимардумӣ, зеро устувории он дар фарҳангномаҳои фразеологӣ бояд алоҳида тасдиқ карда шавад.

Ҳамин тавр, дар таҳлили ҷумлаҳои фитонимдор бояд воҳидҳои воқеан устувор аз тасвирҳои инфиродии бадеӣ ҷудо карда шаванд. Аломати асосии онҳо на танҳо шакли ҷумла, балки маънои яклухт, такрорпазирии корбурд ва сабти онҳо дар фарҳанг ё маҷмуаҳои мақолу зарбулмасалҳо мебошад.

1.3. Нақши фитонимҳо дар фарҳангҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва ҷанбаҳои назариявӣ

Фитонимҳо дар низоми луғавии забон номҳои растаниҳоро ифода мекунанд, вале дар нутқ ва матн метавонанд дар ташаккули образ, баҳодиҳӣ ва маънои фарҳангӣ низ иштирок намоянд. Онҳо танҳо воситаи номгузории ашёи табиӣ нестанд: вобаста ба муҳити истифода ва таҷрибаи фарҳангии соҳибони забон, номи растанӣ метавонад барои ифодаи муносибат, ҳолати иҷтимоӣ, арзиши ахлоқӣ ё таҷрибаи зиндагӣ хизмат кунад. Аз ин рӯ, омузиши фитонимҳо имкон мебахшад, ки робитаи забон, табиат ва ҷаҳони маънавии ҷомеа баррасӣ гардад.

Фитонимҳо – номҳои гиёҳҳо, дарахтон, гулҳо, меваҳо ва дигар унсурҳои олами наботот, на танҳо вазифаи номгузориро иҷро мекунанд. Онҳо дар воҳидҳои фразеологӣ ба воситаи образофарӣ, рамзсозӣ ва арзёбӣ табдил ёфта, барои ифодаи муносибати инсон ба табиат, ҷомеа ва арзишҳои ахлоқӣ хизмат мекунанд.

Рамзи фитонимҳо дар фарҳангҳои гуногун яксон нест. Номи растанӣ метавонад дар мақол, зарбулмасал, воҳиди фразеологӣ ё матни бадеӣ мафҳумҳои сабзиш, тағйир, пойдорӣ, осебпазирӣ, натиҷаи амал ва баҳодиҳии ахлоқиро ифода намояд. Вале маънои рамзӣ бояд на ба худи фитоним дар алоҳидагӣ, балки ба воҳиди мушаххаси забонӣ ва вазъияти корбурди он нисбат дода шавад. Маҳз таркиб, маънои умумӣ ва заминаи фарҳангӣ муайян мекунанд, ки фитоним чӣ гуна тобиши маҷозӣ мегирад.

Дар фарҳангҳои тоҷикӣ ва англисӣ фитонимҳо метавонанд дорои умумиятҳои маъноӣ бошанд, «аммо образ, тобиши арзёбӣ ва доираи истифодаи онҳо на ҳамеша яксон аст. Як номи растанӣ вобаста ба таҷрибаи фарҳангӣ, анъана, фолклор ва адабиёти ҳар халқ метавонад маъноҳои рамзии гуногун пайдо кунад» [94, с. 10].

Дар таҳлили ангезаҳои номгузорӣ метавон аз гузариши маҷозӣ, гузариши метонимӣ ва луғавӣ гардидани баъзе номҳо сухан гуфт. Гузариши

маҷозӣ вобаста ба аломати асосии номгузорӣ метавонад шаклҳои гуногун дошта бошад. Мисол:

«- истиораи антропоморфӣ – номгузорӣ бар пояи монандӣ ба инсон ё узви бадани инсон;

- истиораи зооморфӣ – номгузорӣ бар асоси монандӣ ба ҳайвон ё ҷузъҳои бадани он;

- истиораи ашёӣ – номгузорӣ аз рӯйи монандӣ ба ашё, шакл, ранг, андоза ё вазифаи он» [82, с. 75].

Фарқи таҳқиқи мазкур аз кори М. Султонзода дар объект ва ҳадафи таҳлил зоҳир мешавад. М. Султонзода номҳои растаниро ҳамчун воҳидҳои луғавӣ аз дидгоҳи ангезаҳои номгузорӣ, сохтори калима ва роҳҳои калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ мекунад [82]. Дар таҳқиқи мазкур бошад, фитонимҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба ташаккули маънои маҷозӣ, образнокӣ, рамзсозӣ, вазифаи услубӣ ва хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии чунин воҳидҳо, инчунин ба мутобиқати онҳо дар забони англисӣ равона мешавад.

Фитонимҳо дар низоми забон ҷойгоҳи махсус доранд ва дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун такягоҳи маъно ва образ фаъол мешаванд. Р. Саидов воҳидҳои фразеологиро на танҳо падидаи забонӣ, балки «ганҷинаи фарҳангӣ-таърихии ҳар як халқ» [73, с. 108] мешуморад. Ин андеша барои таҳқиқи мазкур аҳаммияти методологӣ дорад, ҳангоми таҳлили фитофразеологизм бояд на танҳо маънои луғавии номи растанӣ, балки муносибати иҷтимоӣ ва баҳодиҳие, ки тамоми воҳид ифода мекунад, муайян карда шавад. Ба ҳамин сабаб, ҷузъи фитонимӣ метавонад дар таркиби ибораи устувор воситаи ифодаи меъёрҳои ахлоқӣ, муносибатҳои байни одамон ва таҷрибаи рӯзгор гардад.

Фитонимҳо дар мақолу зарбулмасалҳои мардумӣ низ барои ифодаи хислатҳои инсонӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳикматҳои зиндагӣ истифода мешаванд. Ин вазифа ба қобилияти образофарӣ ва рамзии номи растаниҳо вобастаанд. А.В. Уразметова ва Н.И. Рябтсова, ки фитофразеологизмҳоро дар

забони англисӣ, фаронсавӣ ва русӣ муқоиса кардаанд, менависанд: «Бозандешии маҷозӣ ва метонимии олами наботот забонро пурмазмунтар ва ифоданоктар мегардонад ва фразеологизмҳоро ба манбаи дониш дар бораи фарҳанг ва маданияти мардум табдил мебахшад» [94, с. 5]. Барои диссертатсияи мазкур ин ақида ҳамчун асоси назариявӣ истифода мешавад. Вале маводди забони тоҷикӣ бояд мустақилона бо такя ба фарҳангҳои фразеологӣ, маҷмӯаҳои мақолу зарбулмасалҳо ва манбаъҳои адабии дорои сабти дақиқ таҳлил шавад. Бо ин роҳ фарқи маънои фитоним дар воҳиди устувор аз тасвири озоди бадеӣ равшан мегардад.

А.П. Седих ва М.М. Бондарева нишон медиҳанд: «Фитоним ҳангоми ба ҷузъи воҳиди фразеологӣ табдил ёфтан робитаашро бо объекти мушаххас гум мекунад, вазифаи фитонимии худро аз даст мебахшад, мафҳуми умумитар ифода менамояд ва тобишҳои иловагии маъноӣ касб мекунад» [76, с. 157]. Аз ин рӯ, фитоним дар таркиби фразеологизм метавонад аз маънои бевоситаи ботаникӣ берун рафта, маъноҳои маҷозӣ, баҳодиҳӣ ва рамзӣ пайдо кунад.

«Рамзи фитонимҳо дар расму ойинҳо ба заминаи фарҳангӣ ва вазъияти истифода вобастаанд. Дар ҷашнҳо гулҳо метавонанд барои ороиш ва ифодаи шодмонӣ ба кор раванд; аммо маънои онҳо ҳамеша яксон нест» [82, с. 139]. Аз ин рӯ, робитаи номи растанӣ бо арзишҳои маънавӣ бояд бар асоси маводди мушаххаси фарҳанги тоҷикӣ таҳлил карда шавад.

«Фитонимҳо дар фарҳангҳои мардумӣ вазифаи рамзии гуногун доранд. Дар баъзе анъанаҳои фарҳангӣ дарахт нишонаи пойдорӣ, идомаи зиндагӣ ва пайванди наслҳо мебошад, дар тасаввуроти мифологӣ он метавонад ба образи «дарахти ҳаёт» пайванд гирад. «Гул» бошад бештар бо зебоӣ, муҳаббат ва покизагӣ алоқаманд мешавад» [82, с. 138]. Масалан, садбарги сурх дар бисёр анъанаҳои адабӣ рамзи муҳаббат аст, дар ҳоле ки гули сафед бештар ба покизагӣ ишора мекунад.

Фарҳанги рамзии фитонимҳоро бо як қатор тарҷумаҳои таҳтуллафзӣ муқоиса кардан дуруст нест. Дар таҳлил бояд фарқ гузошта шавад, воҳиди устувор дар фарҳанг сабт шудааст, вале тасвири назмӣ маҳсули сабки фардии

муаллиф аст. Аз ин рӯ, намунаҳои адабӣ дар ин бахш ҳамчун воситаи ошкор кардани рамзи фитонимҳо истифода мешаванд, на ҳамчун фразеологизмҳои собит.

Дар назми тоҷикӣ-форсӣ «сарв» бештар барои офаридани тасвири қадру эътибор ва устуворӣ ба кор меравад. Рӯдакӣ мегӯяд:

«Мир сарв асту Бухоро бӯстон,

Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме» [153, с. 42].

«The Amir is a cypress, Bukhārā, the garden;

The cypress is returning to the garden» [178].

Дар ин байт «сарв» ба маънои бевоситаи номи дарахт истифода нашудааст, балки ҳамчун истиораи бадеии амир омадааст. Образи «сарв» ба қомат, зебоӣ, бузургӣ ва мақоми волои ӯ ишора мекунад. «Бӯстон» низ танҳо макони табиӣ нест: он шаҳри Бухороро ҳамчун ҷойи обод, дӯстдошта ва шоистаи бозгашти амир тачассум менамояд. Ҳамин тавр, байни «сарв» ва «бӯстон» робитаи образии мутақобил ба вуҷуд меояд: бозгашти амир ба Бухоро ҳамчун бозгашти сарв ба бӯстони худ тасвир шудааст.

Ин намуна фразеологизми собит нест, зеро таркиб дар фарҳангҳои фразеологӣ ҳамчун воҳиди омода сабт нашудааст. Он истиораи инфиродии Рӯдакӣ буда, барои таҳлили рамзи фитоним дар матни бадеӣ аҳаммият дорад. Аз ин рӯ, байт метавонад дар рисола ҳамчун далели имконияти образофарии фитонимҳо истифода шавад, вале набояд ба корпуси фразеологизмҳои муқоисашаванда дохил карда шавад.

Дар осори Саъдӣ барги дарахт аз доираи маънои бевоситаи худ берун меравад ва ба нишонаи дониш, тафаккур ва шинохти офариниш табдил меёбад:

«Барги дарахтони сабз дар назари ҳушёр,

Ҳар варақаш дафтарест маърифати кирдгор» [154, с. 53].

Уилям Александр Клустон ин андешаро чунин ба англисӣ меорад:

«The foliage of a newly-clothed tree, to the eye of a discerning man,

Displays a whole volume of the wondrous works of the Creator» [166, с. 53].

Дар ин байт фитоними барг ба воситаи истиораи «варақ» ва «дафтар» бо дониш пайванд мегирад. Табиат ҳамчун матни пурмаъно тасвир мешавад, ки соҳибхирад метавонад онро бихонад ва аз он нишонаҳои қудрати офаридгорро дарёбад. Ин тасвири ахлоқию маърифатии муаллифӣ аст; онро бе сабти луғавӣ ё фарҳангӣ фразеологизми собит шуморидан мумкин нест.

Дар шеъри «The Flower»-и Александр Пушкин фитоним вазифаи дигарро иҷро мекунад. Иван Панин оғози шеърро чунин тарҷума кардааст:

«A floweret, withered, odorless
In a book forgot I find;
And already strange reflection
Cometh into my mind» [174, с. 147].

Мазмуни ин мисраъҳо чунин аст: «Гулчаи хушкшудаву бебӯйро дар китоб фаромӯшшуда меёбам ва андешаи аҷибе ба хотирам меояд». Гули хушк дар ин шеър рамзи пешакӣ муайяншуда нест; он ангезаи андеша дар бораи мулоқоти гузашта, ҷудоӣ ва гузашти замон мебошад. Аз ин рӯ, фитоним ҳолати ботинии қаҳрамони лирикиро бавосита ошкор месозад. Ин ҷо низ бо образи инфиродии бадеӣ рӯ ба рӯ ҳастем, на бо воҳиди фразеологии устувор.

Ин ду намуна фарқи байни тасвири бадеии муаллифӣ ва фразеологизмро равшан месозанд. Дар матни бадеӣ фитоним вобаста ба мақсаду нияти эҷодии муаллиф метавонад маъноҳои нав касб кунад. Вале ҳангоми ворид шудан ба таркиби воҳидҳои фразеологӣ маънои нави он дар натиҷаи истифода такрорӣ тадриҷан устувор гардида, ба ҷузъи ҷудонашавандаи низоми маъноии забон табдил меёбад.

Ҳамин тавр, фитонимҳо дар фарҳангҳои тоҷикӣ ва англисӣ на танҳо ҳамчун воҳидҳои номбаркунандаи олами наботот, балки ҳамчун воситаи таҷассумгари ҷаҳонбинӣ, арзишҳои миллӣ, анъанаҳо ва хусусиятҳои маъноиву фарҳангии ҳар ду забон нақши муҳим дошта, омузиши ҷанбаҳои назариявии онҳо барои муайян намудани умумият ва тафовути забониву фарҳангӣ заминаи илмӣ фароҳам меорад.

1.4. Омузиши муқоисавии фразеологизмҳои фитонимӣ аз дидгоҳи забоншиносии фарҳангӣ

Фразеологизмҳои дорои фитоним метавонанд ҳамчун нишондиҳандаи робитаи забон бо фарҳанг баррасӣ шаванд. А.В. Уразметова ва Н.И. Рябтсова дар фарзияи таҳқиқи худ менависанд: «Воҳидҳои фразеологие, ки фитонимҳои рамзӣ доранд, асосан ба манзараи забонии ҷаҳони худ хосанд. Онҳо хусусиятҳои таърихию фарҳангӣ, анъанаҳо, урфу одатҳо, тафаккури миллӣ ва низоми арзишҳои ҷомеаи забонию фарҳангиро инъикос мекунанд» [94, с. 7]. Муаллифон маводди англисӣ, фаронсавӣ ва русиро таҳлил мекунанд; аз ин рӯ, натиҷаҳои онҳо барои рисолаи мазкур ҳамчун асоси назариявӣ истифода мешаванд, на ҳамчун далели мустақим барои маводди тоҷикӣ.

«Забоншиносии фарҳангӣ робитаи байни забон ва фарҳангро меомӯзад. Фразеологизмҳои фитонимӣ ҳамчун интиқолдиҳандагони таҷрибаи фарҳангӣ, арзишҳои иҷтимоӣ ва тасаввуроти миллӣ аҳаммияти махсус доранд» [82, с. 12]. Дар онҳо номи растанӣ аз маънои бевоситаи худ фаротар рафта, ба воситаи образнокӣ, рамзсозӣ ва арзёбӣ табдил меёбад.

Таҳлили муқоисавии маводди тоҷикӣ ва англисӣ нишон медиҳад, ки байни воҳидҳои фитонимӣ умумиятҳои маъноӣ мавҷуданд, вале интихоби фитоним, тарзи образофарӣ, тобиши арзёбӣ ва доираи истифодаи онҳо метавонад фарқ кунад. Ин тафовутҳо ба хусусиятҳои миллӣ-фарҳангӣ ва таҷрибаи таърихии соҳибони ҳар ду забон вобастаанд.

Аз ин рӯ, ҳангоми таҳлили лингвофарҳангии фразеологизмҳои фитонимӣ бояд маънои яклухт, сохтор, образ, вазифаи услубӣ ва заминаи фарҳангии ҳар воҳид ба таври ҳамгиро баррасӣ карда шавад.

Образи «the grass is always greener on the other side» [23, с. 76] дар муқоисаи ду ҷойгоҳ бунёд ёфтааст: «the grass on the other side» ҳамеша сабзтар ва дилхоҳтар менамояд. Ин тасвир майли инсонро ба беҳтар шуморидани вазъи дигарон нисбат ба ҳолати худ ифода мекунад. Мазмуни воҳидро метавон чунин расонд: «Ба назари кас рӯзгори дигарон ҳамеша беҳтар менамояд».

Маънои умумии ин ибораи устувор на аз худи калимаи «grass», балки аз муқобилгузории «this side» ва «other side» ба вуҷуд меояд. Азбаски дар низоми воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ба ҳамин маъно ва образи набототӣ таркиби устувор ба назар намерасад, дар раванди тарҷума корбасти усули тарҷумаи тавзеҳӣ муносибтар мебошад.

Дар таҳлили фитонимҳо вазифаи муҳаққиқ танҳо муайян намудани номи растанӣ нест. Зарур аст, ки роҳҳои гузаштани маъно аз тасвири набототӣ ба ифодаи ҳолат, муносибат ё баҳодиҳиро низ равшан намояд. Ҳар воҳиди дорои ҷузъи набототӣ дар заминаи муайяни таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, барои дарки мазмуни он бояд таърихи корбурд, муҳити гуфтор, матни адабӣ ва дониши умумии соҳибони забон ба назар гирифта шавад. Маънои чунин воҳидҳо дар даврaҳои гуногун метавонад тобиши нав касб кунад, вале ин тағйир ҳамеша бо шакли устувори ибора ва меъёрҳои истифодаи он вобаста мебошад.

Муҳити зиндагӣ ва таҷрибаи фарҳангии ҷомеа барои интихоби образҳои набототӣ замина фароҳам меоранд. Растанӣ на аз рӯйи номи худ, балки аз рӯйи хосияти дар таҷрибаи мардум шинохташуда – сабзиш, ҳосил, хушкшавӣ, пойдорӣ ё нозукӣ – метавонад манбаи маънои маҷозӣ гардад. Ин аломатҳо дар таркиби воҳидҳои устувор ба муносибат, хислати инсон ё баҳодиҳии иҷтимоӣ иртибот пайдо мекунанд.

Воҳиди «sour grapes» муносибати шахсеро ифода мекунад, ки чизи ба дастнаомадаро паст мезанад ё худро ба беарзиш будани он бовар мекунонад. Дар ин маврид «grapes» ба маънои «ҳасад» истифода нашудааст. Маъно аз якпорчагии тамоми воҳид ба вуҷуд меояд: ангур ҳамчун чизи матлуб тасаввур мешавад, вале сифати sour баҳонаи рад кардани он аст. Мазмуни онро метавон чунин интиқол дод: «Чизи дастнорасро паст задан ё беарзиш нишон додан» [141, с. 224]. Ин тарҷума образи ангурро нигоҳ намедорад, аммо вазифаи маъноии ибораро дуруст мерасонад.

Аз ин лиҳоз, ҳангоми муқоисаи тоҷикӣ ва англисӣ аввал бояд мавҷудияти воҳиди устувор дар ҳар ду забон санҷида шавад. Агар дар забони

тоҷикӣ муодили собити фитонимӣ тасдиқ нагардад, тарҷума бо роҳи тавзеҳи маъноӣ дода мешавад. Бинобар ин, ҷумлаҳои пешина дар бораи «дарахт ҳамчун рамзи умед» ва «барг ҳамчун рамзи тарс» бояд хориҷ карда шаванд, зеро онҳо дар шакли овардашуда ба воҳидҳои мушаххаси фразеологӣ такя надоранд.

Муҳиммияти муқоисавии таҳқиқи фразеологизмҳои фитонимӣ танҳо ба муайян намудани маънои ботаникии ҷузъҳои таркибӣ маҳдуд намешавад. Он имкон мебахшад, ки роҳҳои ташаккули образ, тобиши арзёбӣ ва заминаи фарҳангии воҳидҳои устувор дар забонҳои муқоисашаванда ошкор карда шаванд. Дар натиҷа ҳам умумиятҳои маъноӣ ва ҳам тафовутҳои миллӣ дар истифодаи фитонимҳо равшан мегарданд.

Густариши маънои фитофразеологизмҳо дар иртиботи онҳо бо фолклор, адабиёт, матнҳои динӣ ва таҷрибаи рӯзмарраи соҳибони забон зоҳир мешавад. Образе, ки нахуст дар ривоят, масал ё матни бадеӣ истифода шудааст, метавонад дар шакли такрори васеъ ва устувор гардидани шаклаш ба воҳиди фразеологӣ табдил ёбад. Аммо чунин гузариш бояд бо сабти фарҳангӣ ё далелҳои корбурди такрорӣ тасдиқ карда шавад.

Аз ин рӯ, дар рисолаи мазкур муносибати байнифарҳангӣ ҳамчун муқоисаи воҳидҳои мушаххаси устувор баррасӣ мешавад. Барои ҳар намуна маънои умумӣ, образи фитонимӣ, тобиши услубӣ, доираи истифода ва роҳи интиқоли он ба забони дигар таҳлил мегардад. Ин усул имкон мебахшад, ки муодилияти пурра аз наздикии маъноӣ ва тарҷумаи тавзеҳӣ ҷудо карда шавад.

Фразеологизмҳо метавонанд рамзҳо ва маъноҳои нави адабӣ ва фарҳангӣ пайдо кунанд, ки бо дигар матнҳо ва фарҳангҳо пайвастанд.

Таъсири байнифарҳангӣ маънои таъсири фразеологизмҳо ва рамзҳои онҳо байни фарҳангҳои гуногун мебошад: Масалан, фитонимҳои мушаххас (садбарг, дарахт, барг) метавонанд дар фарҳангҳои мухталиф маъноҳои мухталиф дошта бошанд ва ин фарқиятҳо метавонанд барои таҳқиқи муқоисавӣ ва омузиши фразеологизмҳо истифода шаванд.

Дар баъзе ҳолатҳо, фразеологизмҳои фитонимӣ аз як фарҳанг ба дигаре бо тағйироти маъно ва шакл ворид мешаванд. Ин ҷараёнҳо маъно ва шакли фразеологизмҳоро тағйир медиҳанд ва ба онҳо маъноҳои нави рамзӣ ва маънавӣ мебахшанд.

Васеъшавӣ дар дохили забон. Фитофразеологизмҳо метавонанд аз доираи гуфтори маҳаллӣ ё гурӯҳӣ берун рафта, дар нутқи умумӣ, матни бадеӣ ва воситаҳои иртиботи ҷамъиятӣ фаъолтар истифода шаванд. Вале чунин паҳншавиро танҳо дар асоси далелҳои мушаххас сабти фарҳангӣ, маводди фолклор, матнҳои таърихӣ ё корпуси забонӣ метавон тасдиқ кард.

Аз ин рӯ, дар таҳқиқи мазкур васеъшавии корбурди воҳид на ҳамчун хулосаи пешакӣ, балки ҳамчун масъалаи санҷишшаванда баррасӣ мешавад. Агар як фразеологизм дар манбаъҳои даврaҳо ё минтақаҳои гуногун сабт шуда бошад, тағйири доираи истифода ва тобишҳои маъноии он таҳлил мегардад. Дар акси ҳол, воҳид танҳо ҳамчун намунаи эҳтимолии корбурди маҳаллӣ ё муаллифӣ арзёбӣ мешавад.

Васеъшавӣ байни забонҳо ва фарҳангҳо. Воҳидҳои фразеологӣ метавонанд тавассути тарҷума, иқтибос, робитаҳои адабӣ ва муоширати фарҳангӣ ба забони дигар роҳ ёбанд. Аммо монандии образ ё ҳузури як фитоним худ аз худ далели иқтибос ё таъсири таърихӣ нест. Барои собит намудани чунин робита бояд манбаи аслӣ, таърихи тарҷума, роҳи интиқоли матн ва сабти корбурди воҳид дар забони қабулкунанда санҷида шавад.

Дар таҳқиқи муқоисавӣ аломатҳои фарҳангӣ танҳо баъд аз муайян кардани маънои умумӣ, сохти воҳид, вазъияти истифода ва тобиши арзёбии он тафсир дода мешаванд. «Ин пайдарҳамӣ аз хулосаҳои умумии беасос пешгирӣ карда, имконият мебахшад, ки таҳлил ба маводди воқеии забонӣ такя намояд» [86, с. 88].

Муҳиммияти чунин равиш, пеш аз ҳама, дар ошкор кардани тағйири маъно ва образ ҳангоми интиқоли воҳид аз як муҳити забонӣ ба муҳити дигар зоҳир мешавад. Он, ҳамчунин, барои интихоби роҳи муносиб дар тарҷума

аҳаммият дорад: «Муодили пурра, муодили қисман ё тавзеҳи маъноӣ бояд вобаста ба сохтор, сабк ва вазифаи воҳид интихоб гардад» [22, с. 75].

Таҳлили байнифарҳангӣ, инчунин, нишон мебахшад, ки «фитоним дар таркиби ибораи устувор метавонад аз маънои ботаникии худ дур шуда, тобишҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ё фарҳангӣ касб намояд» [73, с. 157]. Аз ин рӯ, ҳангоми муқоиса на номи ҷудогонаи растанӣ, балки тамоми воҳиди фразеологӣ ва доираи истифодаи он мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Бо такя ба дидгоҳи забоншиносии фарҳангӣ, фразеологизмҳои дорои фитоним ҳамчун воҳидҳое баррасӣ мешаванд, ки таҷрибаи фарҳангӣ, арзёбӣ ва низоми рамзҳои соҳибони забонро инъикос менамоянд. Дар таҳқиқи мазкур муносибати байни воҳидҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз рӯйи се меъёр муайян карда мешавад:

1. «Ҷанбаи фарҳангию маъноӣ. Фразеологизмҳои фитонимӣ дар доираи таҷрибаи таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳар забон ташаккул меёбанд. Аз ин рӯ, фитоним дар таркиби воҳидҳои устувор метавонад тобишҳои рамзӣ ва арзёбии гуногун дошта бошад.

2. Мувофиқати маъноӣ. Ин меъёр наздикии маънои умумӣ ва вазифаи нутқии ду воҳидро муайян мекунад. Вале ҳаммазмунӣ ҳанӯз далели муодилияти пурра нест: образи фитонимӣ, сохтор ва доираи истифода метавонанд фарқ кунанд.

3. Мувофиқати сохторию образ. Дар ин сатҳ таркиби дастурӣ, ҳузур ё набудани фитоним, тарзи образофарӣ ва тобиши арзёбии воҳид муқоиса мешаванд. Натиҷаи чунин таҳлил имкон мебахшад, ки муодили пурра, муодили қисман ва тарҷумаи тавзеҳӣ аз ҳам ҷудо карда шаванд» [94, с. 1-14].

Он намунаҳои тоҷикие, ки аз маҷмӯаҳои мақолу зарбулмасал гирифта шудаанд, ба эҷодиёти даҳонии мардум тааллуқ доранд. Аз ин рӯ, онҳо муаллифи инфиродӣ надоранд. Ҳамин меъёр нисбат ба маводди англисӣ низ риоя мешавад. Воҳиди «Ҳар чӣ бикорӣ, ҳамонро медаравӣ» – «You reap what you sow» Ҳар ду воҳид натиҷаи амалро ба кори пешинаи инсон вобаста медонанд. Дар таркиби онҳо образи кишту дарав маънои маҷозӣ гирифта,

қонунияти «амал ва натиҷа»-ро ифода мекунад. Инҳо мақолҳои мардумӣ мебошанд; бинобар ин, муаллифи инфиродӣ надоранд. Дар кори илмӣ онҳо бояд ҳамчун «мақоли халқӣ» оварда шаванд ва танҳо манбаи фарҳангӣ ё маҷмӯаи мақолҳо зикр гардад.

Ин ҷуфт аз ҷиҳати маъно ва образ наздик аст: фитонимҳои кишт ва sow дар ҳар ду воҳид нигоҳ дошта шудаанд. Бо вуҷуди ин, барои муайян кардани муодилияти пурра бояд сабти фарҳангӣ ва доираи истифодаи ҳар ду мақол алоҳида санҷида шавад.

Таҳлили унсурҳои умумӣ ва миллӣ-хоси фразеологизмҳои фитонимӣ

Воҳидҳои фразеологии фитонимӣ дар забонҳои гуногун метавонанд бар пояи мушоҳидаҳои умумии инсон аз олами наботот ташаккул ёбанд. Сабзиш, хушкшавӣ, реша давондан, ҳосил додан ё хорнок будан ҳамчун аломатҳои табиӣ барои офаридани образ замина фароҳам меоранд. Аммо ин умумиятҳо маънои онро надоранд, ки ҳар номи растанӣ дар ҳамаи фарҳангҳо ҳамеша як маънои рамзӣ дорад. Маънои воҳид танҳо дар доираи таркиби устувор, муҳити истифода ва анъанаи забонӣ муайян мешавад.

Ҳангоми муқоиса унсурҳои умумӣ ва миллӣ-хоси ҳар воҳиди фразеологӣ ҷудо таҳлил мешаванд. Ба унсурҳои умумӣ наздикии маънои умумӣ, аломати табиии асоси образ ва вазифаи иртиботии воҳид дохил мешаванд. Унсурҳои миллӣ-хос дар интихоби фитоним, тобиши арзёбӣ, тарзи образофарӣ, шакли устувори ибора ва доираи истифода зоҳир мегарданд. Аз ҳамин рӯ, воҳидҳои дорои маънои наздик метавонанд аз ҷиҳати сохтор ва тасвири фарҳангӣ фарқ дошта бошанд.

Алоқаи байни маъно ва сохт дар фразеологизмҳои фитонимӣ аҳаммияти махсус дорад. Ҳатто дар шакли наздикии маъно, маркази дастурӣ тарзи корбурди воҳидро тағйир мебахшад, фразеологизми феълӣ амал ё тағйири ҳолатро ифода мекунад, воҳиди исмӣ шахс ё падидаро ном мебарад, ҷумлаи пандомӯз бошад баҳодиҳии ҷамъбастшуда ва таҷрибаи зиндагиро мерасонад. Бинобар ин, дар таҳлили муқоисавӣ маъно аз сохт ҷудо баррасӣ намешавад.

Муқоисаи воҳидҳои фитонимӣ бояд ҳамзамон маънои умумӣ, сохтори дастурӣ ва образи фарҳангии онҳоро фаро гирад. Ҳамсон будани яке аз ин ҷанбаҳо барои муодилияти пурра кофӣ нест. Агар маъно наздик бошад, вале образ ё сохти воҳид фарқ кунад, тарҷума хусусияти функсионалӣ ё тавзеҳӣ мегирад. Чунин муносибат ба усулҳои таҳлили муқоисавии фразеологизмҳо такя дорад.

Барои тафсири меъёрҳои боло метавон як ҷуфти воҳидҳои сабтшударо баррасӣ кард: «оби зери коҳ» – «a snake in the grass».

Ибораи тоҷикӣ шахсеро ифода мекунад, ки дар зоҳир сода ё некхоҳ менамояд, вале дар ботин маккор ва фитнаангез аст. Дар таркиби он коҳ ҷузъи фитонимӣ буда, пинҳон доштани нияти воқеиро ба таври образ мефаҳмонад. Ибораи англисӣ низ ба шахси боваринокнабуда ва хиёнаткор ишора мекунад; аммо образи он бар пинҳон шудани мор дар алаф асос ёфтааст.

Аз ҷиҳати маъно ин ду воҳид ба ҳам наздиканд, зеро ҳар ду хислати пинҳонкорӣ ва беэътимодиро ифода мекунанд. Вале мувофиқати онҳо пурра нест: дар воҳиди тоҷикӣ фитоними коҳ такягоҳи образ мебошад, дар воҳиди англисӣ бошад, фитоними «grass» бо ҷузъи зоонимии «snake» якҷо омадааст. Бинобар ин, ин ҷуфт ҳамчун муодили вазифавии қисман арзёбӣ мешавад, на ҳамчун ҳаммонанди пурраи сохторию образ.

Муҳиммияти муқоисавӣ дар таҳқиқи фразеологизмҳои фитонимӣ ва рамзҳои умумӣ дар он аст, ки онҳо маънои рамзиро дар доираи фарҳанг ва забон дақиқтар муайян карда, тафовут ва шабоҳатҳои маъноӣ ва бадеиро мушаххас намуда, таҳлили маҷозӣ ва рамзии забонро фароҳам меорад.

Вижагиҳои муқоисавии фразеологизмҳои фитонимӣ бо маъноҳои маҳаллии фарқкунанда, яъне фразеологизмҳои фитонимӣ, ибораҳои устувор бо номи растаниҳо дар забонҳои гуногун ва ҳатто дар минтақаҳои мухталифи як забон метавонанд маъноҳои гуногун дошта бошанд. Ин маъноҳои маҳаллӣ, яъне маъноҳои фарқкунандаи маҳаллӣ ё диалектикӣ, аз фарҳанг, муҳити зист, урфу одат ва тафаккури мардум маншаъ мегиранд. Таҳқиқи муқоисавӣ

имконият мебахшад, ки ин тафовутҳои маъноӣ муайян ва таҳлил карда шаванд**.**

Мақсад аз таҳқиқи муқоисавии фразеологизмҳои фитонимӣ бо маъноҳои маҳаллии фарқкунанда фаҳмидани таъсири муҳити фарҳангӣ ва урфу одатҳо ба шакл ва мазмуни фразеологизмҳо мебошад. А.В. Уразметова ва Н.И. Рябтсова таъкид мекунанд: «Воҳидҳои фразеологии дорои фитонимҳои рамзӣ хусусиятҳои таърихию фарҳангӣ, анъанаҳо, урфу одатҳо, маданияти миллӣ ва низоми арзишҳои ҷомеаи лингвомаданиро инъикос менамоянд» [94, с. 2].

Бо такя ба ин андеша, хусусиятҳои муқоисавии фразеологизмҳои фитонимӣ бо маъноҳои маҳаллии фарқкунанда метавонанд чунин дастабандӣ шаванд:

1. Маънои рамзӣ ва маҷозӣ бо таъсири муҳити маҳаллӣ – маънои фразеологизм вобаста ба хусусиятҳои табиӣ ва иҷтимоии минтақа фарқ мекунад. Масалан, дарахт ё гул метавонад дар фарҳангҳои гуногун рамзи қудрат, заъф ё дигар сифатҳо бошад;

2. Тағйирёбии маъно бо урфу одат ва анъанаҳои маҳаллӣ – урфу одатҳои маҳаллӣ ба маъно ва истифодаи фразеологизмҳо таъсир мерасонанд. Баъзе фитонимҳо метавонанд дар як минтақа маънои мусбат ва дар минтақаи дигар маънои манфӣ дошта бошанд;

3. Сарчашмаҳои фолклор ва халқӣ бо хусусияти маҳаллӣ – фразеологизмҳои фитонимӣ аксаран аз афсонаҳо, масалҳо ва дигар жанрҳои фолклории маҳаллӣ сарчашма мегиранд;

4. Ҳудуди паҳншавӣ ва истифода – баъзе фразеологизмҳои дорои маънои маҳаллӣ танҳо дар минтақаҳои муайян истифода мешаванд, дар ҳоле ки воҳидҳои умумимаъно доираи васеътари корбурд доранд;

5. Муқоисаи сохторӣ ва маъноӣ – тафовутҳои маҳаллӣ метавонанд ба сохтор, маъно ва такягоҳҳои рамзии фразеологизмҳо таъсир расонанд. Хусусиятҳои муқоисавии фразеологизмҳои фитонимӣ бо истифода дар масалҳо ва мақолҳои мардумӣ. Фразеологизмҳои фитонимӣ, яъне ибораҳои устувор, ки дар таркиби онҳо номи растаниҳо ҳастанд, дар фарҳанг ва забони

мардум нақши махсус доранд. Онҳо дар шакли масалҳо ва мақолҳои мардумӣ ҳамчун таҷрибаи ҳаётӣ ва таҷассумкунандаи хирад истифода мешаванд. Омузиши муқоисавии истифодаи ин фразеологизмҳо дар масалҳо ва мақолҳои халқӣ имконият мебахшад, ки ҳамдигарфаҳмӣ ва таъсири фарҳангии байни халқҳо равшан гардад.

Забоншинос Н. Қурбонов қайд мекунад, ки «мақолу зарбулмасалҳои мардумиро бозгӯйи фарҳанг, ҷаҳонбинӣ ва таҷрибаи ҳаётии мардум медонад. Аз ин рӯ, фразеологизмҳои фитонимӣ дар таркиби онҳо метавонанд барои ифодаи маъноҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ хизмат кунанд» [125, с. 25]. Истифодаи фитонимҳо дар ин жанрҳоро муҳаққиқ Т. Назарзода чунин иброз медорад, ки «маъноҳои пандомез, таълимӣ ва рамзиро пурзӯр мекунад, ки ба рушди нутқ ва иртиботи иҷтимоӣ кумак мерасонад» [57, с. 29]. Ҳ. Маҷидов мегуяд «устувории таркиби луғавӣ ва ифодаи маънои яклухтро аз нишонаҳои асосии воҳиди фразеологӣ» [52, с. 45]. Аз ин рӯ, фразеологизм дар нутқ ҳамчун сохти омода истифода мешавад; тағйири худсаронаи ҷузъҳои он метавонад маънои умумӣ ё хусусияти услубии воҳидро халалдор созад.

Хусусиятҳои муқоисавии фразеологизмҳои фитонимӣ дар масалҳо ва мақолҳои мардумиро дар ҷадвал нишон медиҳем:

«Пандомӯзӣ дар фитофразеологизмҳо бештар аз худи номи растанӣ не, балки аз хулосаи ҷамъбастшудаи мақол бармеояд. Фитоним бо хусусияти шиноси худ ба шунаванда дар дарки тезтари маъно мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, таҳлил бояд ҳам образ ва ҳам ҳадафи ахлоқии гуфтаи мардумиро дар бар гирад» [44, с. 54].

Ҷанбаи пандомӯзии воҳидҳои фитонимӣ пеш аз ҳама дар мақол ва зарбулмасал зоҳир мешавад. Дар онҳо хусусияти растанӣ ба таҷрибаи иҷтимоӣ ва баҳодиҳии ахлоқӣ пайванд мегирад. Барои далелнок будани таҳлил танҳо намунаҳое истифода мешаванд, ки дар фарҳангнома ё маҷмӯаи фолклор сабт шудаанд.

«Ҳангоми гирдоварии мавод аз фолклор ва адабиёт ҳар намуна аз рӯйи навъи манбаъ қайд карда мешавад. Чунин шиноснома барои санҷидани

фарогирии корпус ва муқоисаи дақиқи воҳидҳои ду забон зарур аст. Он инчунин нишон мебахшад, ки кадом маъно дар гуфтори мардумӣ ва кадомаш дар матни адабӣ фаъол аст» [42, с. 148].

Маводди фолклор ва адабӣ вазифаи гуногун дорад. Мақол ҳамчун воҳиди устувор дар шакли бозофаршаванда амал мекунад, дар ҳоле ки байти шеър метавонад танҳо тасвири фардии фитоним бошад. Ин фарқгузорӣ ҳангоми интихоби мавод аз омехтани паремия бо образи адабӣ ҷилавгирӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, истифодаи фразеологизмҳои фитонимӣ дар масалҳо ва мақолҳои мардумӣ ҳамчун воситаи таълимӣ, пандомез ва ифодаи урфу одати миллӣ нақши муҳим мебозад. Муҳиммияти муқоисавӣ дар таҳқиқи онҳо имконият мебахшад, ки ҳам хусусиятҳои умумӣ ва ҳам фарқиятҳои маҳаллиро фаҳмем ва таъсири фарҳангиро дар ташаккули маъно ва истифодаи фразеологизмҳо муайян намоем.

Хусусиятҳои муқоисавии фразеологизмҳои фитонимӣ бо ҷиҳати шаклӣ ва сохторӣ, яъне фразеологизмҳои фитонимӣ (ибораҳои устувор бо унсурҳои растаниҳо) дар забон ҳамчун як қисми муҳимми фразеология ва забоншиносии фарҳангӣ шинохта мешаванд. Омузиши муқоисавии онҳо аз ҷиҳати шаклӣ ва сохторӣ имкон мебахшад, ки ҷузъиёти сохтмонию шаклӣ ва хусусиятҳои омехта дар байни намудҳои фразеологизмҳоро дақиқ фаҳмем.

Хусусиятҳои шавлии фразеологизмҳои фитонимӣ дар қолабҳои исмӣ, феълӣ, сифатӣ ва ҷумлаҳои устувор зоҳир мешаванд. Дар таркиби онҳо фитоним метавонад номи гул, дарахт, мева, барг, реша ва дигар унсурҳои наботот бошад. Аз рӯйи ҳаҷм ин воҳидҳо аз таркибҳои кӯтоҳ то ҷумлаҳои пандомез фарқ мекунанд. Таснифи мазкур барои таҳлили минбаъдаи тарҷума муҳим аст: воҳиди феълӣ амал ё тағйири ҳолатро, воҳиди исмӣ номгузории маҷозӣ ва баҳодиҳиро, ҷумлаи устувор хулосаи таҷрибаи иҷтимоиро ифода мекунад.

Хусусиятҳои сохтории фразеологизмҳои фитонимиро метавонанд дар шакли ибораҳои феълӣ, исмӣ, сифатӣ ва ҳатто ҷумлаҳои устувор ба кор

раванд. Н. Қурбонов дар китоби «Мақолу зарбулмасалҳои тоҷикӣ» намунаҳои мақолу зарбулмасалҳои халқиро гирд овардааст, ки дар байни онҳо «воҳидҳои дорои образи растанӣ низ дучор мешаванд» [125, с. 28]. Дар ин ҷадвал мисолҳои муқоисавӣ бо таҳлили формативӣ ва сохториро баён мекунем:

Вижагиҳои сохтории фразеологизмҳои фитонимӣ ба таркиби луғавӣ, маркази дастурӣ ва вазифаи онҳо дар ҷумла вобастаанд. Фитоним дар чунин воҳидҳо метавонад номи гиёҳ, дарахт, гул, мева, реша, барг, тухм ё дигар ҷузъи олами наботот бошад. Воҳид аз ду ё чанд калима таркиб ёфта, дар баъзе мавридҳо шакли ҷумлаи пандомӯзро мегирад.

Дар таҳқиқи мазкур воҳидҳои интихобшуда аз рӯйи вазифаи дастурӣ ба гурӯҳҳои исмӣ, феълӣ, сифатӣ ва ҷумлаҳои устувор ҷудо карда мешаванд. Воҳиди феълӣ бештар амал, раванд ё тағйири ҳолатро мефаҳмонад; воҳиди исмӣ барои номгузории маҷозӣ ва арзёбӣ хизмат мекунад; воҳиди сифатӣ хислат ё ҳолати шахсу ашёро тавсиф менамояд; ҷумлаи устувор бошад, таҷрибаи ҷамъбастшуда ё хулосаи пандомӯзро ифода мекунад.

Н. Қурбонов дар маҷмуаи «Мақолу зарбулмасалҳои тоҷикӣ» намунаҳои эҷодиёти даҳонии мардумро гирд овардааст; чунин мавод барои «муайян кардани сохти ҷумлаҳои пандомӯзи дорои ҷузъи набототӣ аҳаммият дорад» [125, с. 102]. Таснифи сохторӣ дар таҳқиқи минбаъда имкон мебахшад, ки маъно, вазифаи нутқӣ ва роҳи интиқоли ҳар воҳид ба забони муқоисашаванда алоҳида баррасӣ шавад.

Афкори назарии донишмандонро чунин ҷамъбаст менамоем, ки фразеологизмҳои фитонимӣ дар шакл ва таркиб гуногунанд, аммо ҳамеша фитоним ҳамчун унсури асосӣ ва рамзӣ дар маркази онҳо қарор дорад. Ин унсур дар сохтор ва маънои фразеологизм нақши пандомез ва рамзиро мебозад, ки дар тарбияи маънавӣ ва фарҳангии мардум аҳаммияти калон дорад.

Хусусиятҳои муқоисавии фразеологизмҳои фитонимиро дар ҷадвал бо зикри мисол меорем:

Рамз дар фитофразеологизм як маънои омодаи ҳамагонӣ нест. «Он аз таърихи истифода, муҳити фарҳангӣ ва мавқеи фитоним дар сохтори воҳид ба вуҷуд меояд» [94, с. 12]. Бинобар ин, дар тавсифи ҳар воҳид бояд ба манбаи сабт ва ба намунаи корбурд такя кард.

Маъноҳои умумӣ ва маҳаллӣ бояд дар сатҳи воҳиди пурра таҳлил шаванд. «Монандии як фитоним дар ду фарҳанг барои тасдиқи муодилияти фразеологӣ басанда нест, зеро низоми ассотсиатсия ва доираи истифода метавонад фарқ кунад» [94, с. 13].

Тафсири фарҳангӣ бояд нисбат ба ҳар забон мустақилона анҷом гирад. «Пеш аз муқоиса маънои воҳид дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, воҳид дар доираи забонҳои мавриди назар тафсир дода мешавад; баъд монандӣ ё фарқияти он дар заминаи ду забон муайян мегардад» [82, с. 146]. Ин усул аз таҳмили маънои як фарҳанг ба фарҳанги дигар ҷилавгирӣ мекунад.

«Тафсири муқоисавии рамзҳои набототӣ ба маълумоти фарҳангӣ такя мекунад, аммо аз тафсири умумии «гул», «дарахт» ё «барг» ҳамчун рамзи доимӣ худдорӣ менамояд. Маънои фарҳангӣ дар ҳудуди ибораи сабтшуда ва бо назардошти манбаи он муайян карда мешавад» [86, с. 132].

Барои мубаллал шудани гуфтаҳои хеш фразеологизмҳои фитонимии зеринро бо мушобеҳи забони англисӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Аз намунаҳои овардашуда ибораҳои халқӣ буда, маълум шуд, ки баъзе фразеологизмҳои фитонимӣ байни забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ робита доранд, ки мафҳуми шабеҳ бо ҳамро инъикос менамоянд.

А.П. Седих ва М.М. Бондарева қайд мекунанд, ки «фитоним ҳангоми ворид шудан ба таркиби воҳиди фразеологӣ аз маънои мустақими ботаникии худ дур шуда, маъноҳои маҷозӣ ва коннотатсияҳои иловагӣ касб мекунад» [76, с. 156]. Аз ин рӯ, фразеологизмҳои дорои фитоним дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ метавонанд аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздик бошанд, аммо бо образ, сохтор ва тарзи ифодаи гуногун зоҳир гарданд.

«Корпуси таҳқиқ аз воҳидҳои сабтшуда дар фарҳангномаҳо, мақолҳои гирдовардашуда ва мисолҳои адабии дорои манбаи мушаххас ташкил меёбад.

Таркибҳои сохтаи тарҷумавӣ ё ибораҳои тасодуфӣ ба таҳлил ворид намешаванд. Ин маҳдудият эътимоднокии натиҷаҳои муқоисавиро таъмин мекунад» [75, с. 138].

«Намунаҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ метавонанд аз рӯйи шакл ба ҳам монанд бошанд, вале аз рӯйи вазифа ва тобиши арзёбӣ фарқ кунанд. Аз ин рӯ, ҳар воҳид пеш аз гурӯҳбандӣ бо тавзеҳи маъно, манбаи сабт ва доираи истифода тафсир дода мешавад» [83, с. 39].

Пас дар забони англисӣ бештари фразеологизмҳои фитонимӣ мушобеҳи маъноӣ, на калимавӣ доранд. Масалан, «to blossom» маънои пешравӣ ё гул кардани истеъдодро на танҳо маънои ботаникӣ дорад. Баъзе тарҷумаҳо «thorn in the eye, fruit of labor» – «хор дар чашм / касе ё чизе, ки сахт нописанд аст» тарҷумаи шарть дар забони тоҷикӣ мебошанд, вале ба воҳиди забони англисӣ наздиканд.

Фразеологизмҳои фитонимӣ, ки дар таркибашон унсурҳои ботаникӣ (номи растаниҳо, дарахтҳо, гиёҳҳо) доранд, дар забонҳои гуногун ва фарҳангҳои мухталиф мавқеи муҳим доранд. Ин фразеологизмҳо на танҳо дар шакл ва сохтор, балки дар маъно ва рамзгузорӣ низ фарқ мекунанд ва муҳиммияти таҳлили муқоисавии онҳо дар он аст, ки он имкон мебахшад: тафовутҳои фарҳангӣ ва ҷаҳонбинӣ байни халқҳоро ошкор созад; рамзҳои ботаникӣ ва маъноҳои онҳо дар фарҳангҳои мухталифро фаҳмад; нуктаи баробарӣ ва фарқиятҳоро дар истифода ва эҳсосоти рамзӣ муайян намояд.

Ҳар як фитоним дар фарҳангҳои гуногун метавонад маънои рамзии алоҳида дошта бошад. Ин фарқият асосан ба сабабҳои таърихӣ, эътиқодӣ, иҷтимоӣ ва экологии муҳити зиндагӣ вобастаанд.

Дарахт: дар фарҳанги тоҷикон дарахт рамзи зиндагӣ, устуворӣ ва решаҳои аҷдодӣ шинохта мешавад. Масалан, «дарахти умед» рамзи умед ва пояи зиндагист;

1. Дар фарҳанги қадимаи скандинавҳо «дарахти Ҷаҳон» рамзи пайвастагии тамоми ҷаҳон аст, ки маънои рамзии куллӣ дорад.

2. Дар фарҳанги славянии қадим «дарахт» метавонад рамзи муҳофизати рӯҳонӣ бошад.

Ҳамин тариқ, омузиши муқоисавии фразеологизмҳои фитонимӣ ҳамчун объекти забонию фарҳангӣ имконият мебахшад, ки ба таври васеъ ва фарогир муносибатҳои байни забон, фарҳанг ва маънавиётро дарк кунем. Ин таҳқиқ ба рушди илми забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва фарҳангшиносӣ мусоидат мекунад ва ҷойгоҳи забонро ҳамчун омил ва нишонаи фарҳанг дар ҷаҳони муосир мустаҳкам месозад.

БОБИ 2. ТАСНИФ ВА ТАҲЛИЛИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲОИ ФИТОНИМӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

2.1. Гурӯҳбандии фразеологизмҳои фитонимӣ бар асоси намудҳои растаниҳо

Таснифи фразеологизмҳои фитонимӣ аз рӯйи навъи фитоним, сохтори воҳид, маънои яклухт ва вазифаи услубии он анҷом дода мешавад. Аз рӯйи навъи растанӣ воҳидҳои дорои номҳои дарахт, гул, гиёҳ, мева, тухм ва дигар унсурҳои наботот ҷудо карда мешаванд. Аммо худи номи растанӣ ба таври худкор маънои муайянро ифода намекунад: маънои рамзӣ ва арзёбии воҳид аз сохтори фразеологизм, контексти истифода ва заминаи фарҳангӣ вобаста аст.

Гурӯҳбандии мавод аз интихоби корпус оғоз мешавад. «Ба корпус танҳо воҳидҳое дохил мешаванд, ки дар фарҳангномаҳо, маҷмӯаҳои мақол ё осори адабии дорои манбаи мушаххас сабт шудаанд. Ҳар воҳид бо шакли аслӣ, манбаи сабт, маънои умумӣ ва тафсири ҷузъи фитонимӣ қайд карда мешавад. Ин шиноснома барои муқоисаи минбаъдаи маводди тоҷикӣ ва англисӣ асос мегардад» [45, с. 76].

«Таснифи аввал аз рӯйи навъи фитоним анҷом дода мешавад: номи дарахт, гул, гиёҳ, мева, тухм, реша, барг ё маҳсулоти кишоварзӣ. Ин гурӯҳбандӣ танҳо роҳи ташкил кардани мавод аст; он дар бораи маънои воҳид пешакӣ хулоса намебахшад. Пас аз он ҳар гурӯҳ аз рӯйи вазифаи маъноӣ ва услубӣ таҳлил мешавад» [45, с. 77].

Дар гурӯҳбандии маъноӣ воҳидҳо аз рӯйи мафҳуми ифодашаванда: муносибат, ҳолати рӯҳӣ, натиҷаи амал, баҳодиҳӣ, панд ё тавсифи иҷтимоӣ ҷудо мешаванд. «Як фитоним метавонад дар якчанд гурӯҳ иштирок кунад, бинобар ин тасниф бояд чандсатҳа бошад. Ин усул муносибати байни номи растанӣ ва маънои маҷозиро дақиқтар ошкор мекунад» [27, с. 73].

Аз ҷиҳати маъноӣ фитофразеологизмҳо метавонанд барои ифодаи хислат, ҳолат, муносибати иҷтимоӣ, арзёбии ахлоқӣ, умед, фаровонӣ, заҳмат ё дигар мафҳумҳои маҷозӣ истифода шаванд. М. Фозилов «устувории таркибро аз аломатҳои муҳимми воҳидҳои фразеологӣ мешуморад» [19, с. 61]. Аз

ҷиҳати услубӣ онҳо дар нутқи гуфтугӯйӣ, фолклор, адабиёти бадеӣ ва матнҳои публисистӣ ба кор мераванд.

«Барои ҳар гурӯҳи маъноӣ намунаҳои тоҷикӣ ва англисӣ алоҳида тавсиф мешаванд. Танҳо баъд аз ин марҳила ҳаммонандӣ ё фарқият баррасӣ мегардад. Чунин пайдарҳамӣ аз он пешгирӣ мекунад, ки воҳидҳои нобаробар танҳо аз сабаби иштирок доштани як фитоним ҳамчун муодил пешниҳод шаванд» [3, с. 34].

Сарчашмаи воҳид ба дараҷаи эътимоди таҳлил таъсир мерасонад. Мақолҳо одатан, бо шакли собит меоянд; идиомаҳо дар фарҳангнома тавзеҳи маъно ва сабк доранд; тасвири адабӣ бошад метавонанд танҳо як бор истифода шавад.

«Ҷузъи фитонимӣ метавонад дар чанд шакли дастурӣ пайдо шавад. Номи растанӣ баъзан қисми марказии ибораи исмӣ аст, баъзан бо феъл пайваста амал ё тағйири ҳолатро ифода мекунад, ва баъзан дар сохти ҷумлаи пандомез меояд. Ин тафовут ба доираи истифода ва тарзи интиқоли воҳид таъсир мерасонад» [56, с. 78].

Таснифи услубӣ муайян мекунад, ки воҳид дар гуфтори адабӣ, гуфтугӯйӣ, ҳазломез ё пандомез фаъол аст. «Дар тарҷума нигоҳ доштани ҳамин тобиш баробари интиқоли маъно муҳим мебошад. Агар сабк иваз шавад, ҳаммаъноии зоҳирӣ метавонад натиҷаи нодуруст диҳад» [58, с. 106].

Дар гурӯҳбандии фарҳангӣ танҳо маълумоти санҷидашуда истифода мешавад. Маънои рамзӣ бо маводди фарҳангнома, матни адабӣ ё таҳқиқи махсус тасдиқ мегардад. Тавзеҳҳои умумӣ дар бораи «рамзи доимии ҳар растанӣ бе далели воҳиди мушаххас ба таҳлил дохил карда намешаванд» [72, с. 138].

Муодилнокии байнизабонӣ ҳамчун натиҷаи тасниф муайян мешавад. «Воҳидҳои дорои маънои наздик, вале фитоними гуногун ба гурӯҳи муодилҳои функсионалӣ дохил мешаванд; воҳидҳои дорои фитоними яксон, вале маънои дигар, муодил ҳисобида намешаванд. Ин фарқ барои кори тарҷумонӣ ва таълими фразеология аҳаммияти амалӣ дорад» [58, с. 108].

Таҳлили алоҳидаи фитоним ва зооним низ зарур аст. «Баъзе мақолҳо ҳар ду гурӯҳи лексемаро доранд; дар чунин ҳолат нақши фитоним бояд мустақилона нишон дода шавад» [1, с. 103]. Омехта будани ҷузъҳо сабаб намешавад, ки воҳид пурра ба гурӯҳи фитофразеологизмҳо дохил гардад, масъала аз вазифаи маъноии ҷузъи набототӣ ҳал мешавад.

Ҳангоми қайди фитоним шакли аслии калима бояд нигоҳ дошта шавад. Тарҷумаи англисӣ баъд аз он дода мешавад, зеро «ҳар фитоним метавонад якчанд номи луғавӣ дошта бошад» [82, с. 52]. Нишон додани шакли аслӣ ба хонанда имкон мебахшад, ки алоқаи воҳидро бо манбаи тоҷикӣ ва сохти он мустақилона бинад.

«Таснифи мавзуӣ ба масъалаи бисёрмаъноӣ ҳам вобастаанд. Як воҳид дар матнҳои гуногун метавонад як ядрои маъноӣ дошта бошад, вале бо лаҳни дигар истифода шавад. Дар чунин ҳолат воҳид ба як гурӯҳи асосӣ дохил мешавад ва тобишҳои матнӣ дар тафсири он алоҳида қайд мегарданд» [56, с. 78].

Гурӯҳи воҳидҳои омехта бо фитоним ва ҷузъҳои дигари луғавӣ ба таҳлили махсус ниёз дорад. «Агар фитоним танҳо заминаи тасвир бошад, нақши он аз унсури марказии маъноӣ фарқ мекунад» [1, с. 101]. Чунин таҳлил имкон мебахшад, ки ҳузури расмии номи растанӣ бо саҳми воқеии он дар маъно омехта нашавад.

«Таснифи фитонимҳо набояд ба номҳои «гул» маҳдуд гардад. Қисмҳои растанӣ, маҳсулоти кишоварзӣ ва номи ҳолатҳои ботаникӣ низ метавонанд дар фразеологизм ҷой дошта бошанд. Муҳим он аст, ки онҳо дар воҳиди устувор воқеан ба маънофарӣ иштирок кунанд. Ин меъёр доираи маводро васеъ, вале идорашаванда нигоҳ медорад» [83, с. 38].

Ҳар гурӯҳи сохтӣ бо намунаҳои воқеӣ тавсиф мешавад, на бо ибораҳои сохташуда барои ҷадвал. Ин талаб, бахусус, дар таҳлили муқоисавӣ муҳим аст, зеро тарҷумаи таҳтуллафзӣ метавонад шакли зоҳирии нав, вале ғайритабииро ба вуҷуд оварад. Манбаи фарҳангӣ роҳи асосии санҷиши табиӣ будани воҳид аст.

«Ҷанбаҳои маъноӣ ва услубӣ дар гурӯҳбандӣ аз ҳам ҷудо, вале пайваста истифода мешаванд. Масалан, воҳид метавонад аз ҷиҳати маъноӣ ба ҳолати рӯҳӣ дахл дошта бошад, аз ҷиҳати услубӣ бошад ҳазломез ё адабӣ бошад. Чунин тавсифи дуқабата барои интихоби муодили англисӣ роҳнамо мешавад» [86, с. 128].

Гурӯҳбандии фарҳангӣ аз худи корпус бармеояд. «Агар маънои воҳид бо маълумоти таърихӣ, маросимӣ ё адабӣ пайваст бошад, ин далел дар тафсир оварда мешавад» [86, с. 156]. Дар акси ҳол, воҳид танҳо бо тавзеҳи маъноӣ маҳдуд мегардад. Ин талаб аз афзудани маълумоти умумии беасос худдорӣ мекунад.

Муқоисаи гурӯҳҳои мавзуӣ имкон мебахшад, ки хусусияти сермаҳсул ё каммаҳсули фитонимҳо дар ҳар ду забон муайян шавад. Вале шумораи намунаҳо худ аз худ далели бартарии фарҳангӣ нест, он метавонад ба ҳаҷм ва навъи сарчашмаҳои интихобшуда ҳам вобаста бошад. Аз ин рӯ, натиҷаҳо бо тафсири маҳдудиятҳои корпус пешниҳод мешаванд.

«Дар ҷамъбасти тасниф барои ҳар гурӯҳ меъёрҳои ҷудокунӣ ва аломатҳои асосии маъноӣ нишон дода мешаванд. Ин тартиб маводди таҳқиқро барои истифодаи минбаъда дар фарҳанги дузабона, машғулияти тарҷума ва таҳқиқи дигар дастрас мегардонад. Ҳамин гуна гурӯҳбандӣ ба таҳлили муқоисавӣ пайдарҳамӣ мебахшад» [27, с. 76].

Ҳамин тавр, чунин навъи гурӯҳбандӣ барои муайян намудани хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи воҳидҳои тоҷикӣ ва ҳамтоҳои англисии онҳо замина фароҳам меорад. Муқоиса нишон медиҳад, ки баъзе фитонимҳо дар ҳар ду забон метавонанд вазифаи образофарӣ дошта бошанд, вале маъно, тарзи ифода ва тобиши фарҳангии онҳо на ҳамеша яксон аст.

Фразеологизмҳо яке аз бахшҳои муҳимтарини лексикаи забон мебошанд, ки дар онҳо маънои мустақим ва рамзӣ омезиш ёфтааст. Фразеологизмҳои фитонимӣ – ифодаҳое, ки дар онҳо номи растаниҳо ҳамчун нишонаи маънавӣ, иҷтимоӣ ё ахлоқӣ истифода мешаванд – дар забони тоҷикӣ мақоми махсус доранд. Фразеологизмҳои фитонимӣ ин ибораҳои якпорчагии

луғавӣ мебошанд, ки дар таркиби онҳо номҳои растаниҳо ба ҳайси унсури асосӣ истифода мешаванд. Ин фразеологизмҳо дар нутқи ҳаррӯза ва адабӣ ҳамчун воситаи баёни образҳои таъсири бадеӣ ва зебоӣ, рамзӣ ва маънавӣ нақши муҳим доранд. В.В. Виноградов яке аз асосгузорони фразеологияи классикӣ ва таҳлилгари муҳим аст. М. Султонзода зимни таҳқиқи типологии фитонимҳо нишон мебахшад, ки «номҳои растанӣ дар асоси интиқоли маҷозӣ, метонимия ва лексикализатсия ташаккул меёбанд. Ба андешаи муҳаққиқ, фитонимҳо метавонанд тавассути образҳои антропоморфӣ, зооморфӣ, ҳарбӣ ва предметӣ маъноҳои гуногун касб намоянд» [82, с. 36]. Ин нукта нишон мебахшад, ки унсурҳои фитонимӣ, аз ҷумла дарахт, гул ва барг, дар таркиби ибораҳои образнок барои ифодаи маъноҳои рамзӣ ва маҷозӣ имкони васеъ доранд.

Муҳаққиқ К.Т. Ғафарова дар рисолаи худ воҳидҳои фразеологии дорои ҷузъҳои зоонимӣ ва фитонимиро дар забонҳои тоҷикӣ, немисӣ ва русӣ ба таври муқоисавӣ баррасӣ менамояд [29]. Таҳқиқи мазкур барои ошкор намудани хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии фразеологизмҳои фитонимӣ аҳаммият дорад.

Ба ақидаи ӯ, рамзҳои фитонимӣ дар забон воситаи асосии баёни ҳиссиёт ва таҷрибаҳои инсонӣ мебошанд. Забоншиносони тоҷик дар таҳқиқи худ оид ба фразеологизмҳои тоҷикӣ зикр мекунад, ки «фразеологизмҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ бо вазифаҳои рамзӣ, образсозӣ ва таъсири бадеӣ ва зебоӣ алоқаманданд ва дар нутқ нақши муҳим доранд» [29, с. 64]. Онҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи унсурҳои фитонимӣ дар фразеологизмҳо боиси афзоиши таъсири ҳиссии нутқ ва баёни воқеиятҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ мегардад.

Ин гурӯҳи фразеологизмҳо дар рушди фарҳангӣ ва гуфторӣ нақши муассир мебозанд. Олимон дар соҳаи фразеология ва забоншиносӣ ба фразеологизмҳои фитонимӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардаанд. Ба гуфтаи забоншинос М. Султонзода «фитонимҳо дар забон ҳамчун рамзҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ амал мекунанд ва таҷрибаи фарҳангии халқро инъикос менамоянд» [82, с. 37] Инчунин, забоншинос таъкид мекунад, ки

фразеологизмҳои фитонимӣ дар таркиби забон ҳамчун як ҷузъи системаи маъноӣ ва фарҳангӣ ҷой доранд ва таҳлили онҳо барои фаҳмиши умумии системаи фразеологии забон зарур аст ва дар таҳқиқи муқоисавии фарҳангӣ менависад: «Дар ҳарду забон унсури фитонимӣ воситаи шадидест барои ифодаи эҳсосот ва арзёбиҳои ахлоқӣ. Аммо дар забони тоҷикӣ он бештар хусусияти эҳсосӣ ва лирикӣ, дар ҳоле ки дар забони англисӣ – амалӣ ва образнок дорад» [82, с. 40].

В.В. Виноградов, ҳамчун яке аз асосгузорони фразеология, таъкид мекунад, ки фразеологизмҳо ба унсурҳои махсуси забонӣ ва маъноӣ тақсим мешаванд, ки фразеологизмҳои фитонимӣ бо истифодаи унсурҳои растанӣ образҳои пурқувват ва рамзиро ба вуҷуд меоранд. Ӯ ҳангоми таҳлили воҳидҳои фразеологӣ мисол меорад: «Мисли он ки гиёҳи масткунанда (белена) хӯрда бошад» [22, с. 97]. Ин ибора маънои девонавор, беандеша ё ғайриодӣ рафтор кардан-ро ифода мекунад. Дар таркиби он фитоними «белена» номи гиёҳи заҳрнок ва масткунанда ҳамчун унсури образсоз истифода шудааст. Ю.Д. Апресян дар назарияи маъноии фразеологизмҳо мегуяд, ки «фразеологизмҳо системаи маъноӣ доранд, ки дар онҳо унсурҳои фитонимӣ ҳамчун рамзҳои табиӣ нақши муҳим мебозанд ва маънои онҳоро пурқувват мекунанд» [14, с. 38].

Тасниф ва таҳлили илмии фразеологизмҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ нишон мебахшад, ки онҳо як системаи мукаммал буда, дар таркиб ва маънои худ ба унсурҳои растанӣ асос ёфтаанд. Ин фразеологизмҳо вазифаҳои муҳим – рамзӣ, образсозӣ, таъсири бадеӣ ва зебоӣ ва иҷтимоӣ – иҷро мекунанд. Назари олимон аз ҷиҳати назариявӣ, аз ҷумла В.В. Виноградов, Ю.Д. Апресян, М. Султонзода, К.Т. Ғаффорова ва дигарон барои таҳқиқи ин мавзуъ асоси устувор фароҳам меоранд. Фразеологизмҳои фитонимӣ бо истифодаи унсурҳои растанӣ: дарахтон, гулҳо, баргҳо, меваҳо ва тухмиҳо на танҳо образҳои зебо ва таъсирбахш эҷод мекунанд, балки ҳамчун рамзҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ фаъолият мекунанд. Маънои доимӣ: Фразеологизмҳои фитонимӣ аксаран маънои доимиро нигоҳ медоранд ва дар луғатҳо ва луғати

идиоматикӣ сабт шудаанд. Образсозӣ: Бо истифодаи унсурҳои растанӣ, фразеологизмҳо образҳои зинда, таъсирбахш ва рамзиро эҷод мекунанд, ки дар нутқ таъсири баланди эҳсосӣ доранд. Вазифаи рамзӣ ва фарҳангӣ: Ин фразеологизмҳо, бар ивази маънои мустақим, рамзҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ низ доранд, ки бо истифодаи унсурҳои табиӣ мафҳумҳои мушаххасро ба тасвирҳои мушаххас ва даркшаванда табдил медиҳанд.

Фразеологизмҳо бо унсурҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ на танҳо воҳидҳои устувори забон, балки воситаи ифодаи маъноҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Бисёре аз онҳо дар ҷараёни таърих ташаккул ёфта, таҷриба ва ҷаҳонбинии мардумро инъикос менамоянд. Тавре А.П. Седих ва М.М. Бондарева қайд мекунанд, қонуниятҳои истифодаи фразеологизмҳои фитонимӣ нишондиҳандаи ҷаҳонбинии миллӣ ва рафтори иртиботии соҳибони забонанд; манзараи фразеофитонимии ҷаҳон ҷузъи муҳимми манзараи миллии забонӣ мебошад.

Фразеологизмҳо дар забон на танҳо ҷузъи луғавӣ, балки таҷассумгари фарҳанг, тафаккур ва арзишҳои иҷтимоии як халқ мебошанд. Аз ин лиҳоз, таҳлили фразеологизмҳои фитонимӣ, яъне онҳое, ки дар онҳо номи растаниҳо ҳамчун унсури асосӣ истифода мешавад, дар омухтани фарҳанг ва маъноҳои рамзии забони тоҷикӣ аҳаммияти махсус дорад.

Дар назарияи фразеологияи тоҷикӣ ва умумӣ, фразеологизмҳои фитонимӣ ҳамчун як зергурӯҳи фразеологизмҳои маъноӣ баррасӣ мешаванд. Олимон таъкид мекунанд, ки фитонимҳо дар системаи маъноӣ ва рамзии забон нақши муҳим доранд, зеро онҳо мафҳумҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фарҳангиро ба воситаи тасвирҳои табиӣ инъикос мекунанд. Аз ҷумла, донишмандони соҳа ба ин мавзуъ таваҷҷуҳи зиёд ҷалб намуда, таъкид кардаанд, ки фитонимҳо ба таҳкими алоқамандии байни забон ва фарҳанг мусоидат мекунанд.

Таснифи фразеологизмҳои фитонимӣ асосан ба ду бахш тақсим мешавад: бар асоси таркиб ва намуди (номҳои растанӣ) ва бар асоси маъно ва вазифаҳои услубӣ**.** Ин амал бар асоси хусусиятҳои маъноӣ, таркибӣ ва услубӣ,

фразеологизмҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ метавонанд ба гурӯҳҳои зерин тақсим шаванд. Маслан таснифи бар асоси намудҳои растанӣ:

Дарахтони ин гурӯҳ фразеологизмҳоро дар бар мегирад, ки унсури асосии онҳо номҳои дарахтон мебошанд. Ин фразеологизмҳо аксар рамзи устуворӣ, қувват, ҳаёт ва пойдории арзишҳоро доранд. Чунончи: «себи чашм – the apple of one's eye» [123, с. 209] – рамзи чиз ё шахси хеле азиз ва дилкаш аст, аммо ин намуд мисол монанд ба фитоним аст аммо ин мисолро ба воҳидҳои фразеологии фитоними дохил кардан мумкин нест; «бедона сар – seedless head» [123, с. 269] – ба маънои сарвазири бемаъно ё сарваре, ки камзӯр аст; «сангари дарахт – a tree barricade» [123, с. 269] нишонаи устувории оила ё муҳофизат.

Гулҳо ва гиёҳҳо. Ба ин гурӯҳ воҳидҳои дорои номи гулҳо, гиёҳҳо ва қисмҳои онҳо дохил мешаванд. Онҳо дар матни бадеӣ метавонанд маъноҳои зебоӣ, нозукӣ, баҳор, навшавӣ ва умедро ифода намоянд. Масалан, гулпӯш – flower-clad; covered with flowers; гулдар – flowering; floral; барги сабз – green leaf. Дар заминаи бадеӣ «барги сабз» метавонад рамзи баҳор, тозагӣ ва навшавии зиндагӣ бошад.

Меваҳо ва тухмиҳо. Ба ин гурӯҳ воҳидҳое дохил мешаванд, ки дар таркибашон номи мева ё тухмӣ омадааст. Дар истифодаи маҷозӣ чунин унсурҳо метавонанд мафҳумҳои самар, натиҷа, фаровонӣ, камолот ва оғози навро ифода намоянд. Аммо ҳар як таркиби дорои номи мева ё тухмӣ фразеологизм ҳисобида намешавад; барои ворид намудани он ба таҳлил сабти луғавӣ ё истифодаи он дар манбаи бадеӣ зарур аст.

Дар таснифи бар асоси маъно ва вазифаҳои услубӣ фразеологизмҳо аз рӯи вазифаҳои маъноӣ, услубӣ ва рамзии худ гурӯҳбандӣ мешаванд:

Фразеологизмҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ на танҳо рамзҳои табиӣ, балки таҷрибаи иҷтимоӣ ва ахлоқии мардумро инъикос мекунанд. Онҳо дорои ду сатҳи маъно мебошанд – маънои буквалӣ ва маънои рамзӣ, ки бо таҷрибаи фарҳангӣ ва таърихӣ сахт алоқаманданд.

Таҳлил нишон мебахшад, ки фразеологизмҳои фитонимӣ дар баробари ифодаи мафҳумҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ, нақши муҳим дар ташаккули худшиносии миллӣ ва эҳтироми арзишҳои анъанавӣ доранд.

Тасниф ва таҳлили илмии фразеологизмҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ нишон мебахшад, ки онҳо ҳамчун як унсури фарҳангӣ ва забонӣ нақши муҳимро иҷро мекунанд. Ин гурӯҳи фразеологизмҳо на танҳо маъноҳои таърихӣ ва иҷтимоиро таҷассум менамоянд, балки барои таҳкими иртиботи байни наслҳо ва ҳифзи мероси фарҳангӣ саҳм мегузоранд.

Бо такя ба гурӯҳбандии анъанавии номҳои растанӣ, ки ба Ли Шичжэн нисбат дода мешавад ва Л. Дин онро дар таҳлили фразеологизмҳои фитонимӣ истифода кардааст, дар таҳқиқи мазкур фразеологизмҳои фитонимии забони тоҷикӣ аз рӯйи ҷузъи ботаникии худ ба чор зеркатегория ҷудо карда мешаванд:

«1. фразеологизмҳои дорои номи дарахтон;

2. фразеологизмҳои дорои номи гулҳо ва гиёҳҳо;

3. фразеологизмҳои дорои номи меваҳо;

4. фразеологизмҳои дорои номи зироатҳои донагӣ ва тухмиҳо» [32, с. 4].

А.П. Седих ва М.М. Бондарева «фразеофитонимҳоро нишондиҳандаи ҷаҳонбинии миллӣ ва рафтори иртиботии соҳибони забон медонанд» [76, с. 157]:

– шоха кандан – to break off a branch

– навдаи сабз – a green shoot

– дарахти хушк – a dry tree / a withered tree

– чамани дил – the garden of the heart

– себи пӯсида – a rotten apple

– тарбузи нимпухта – an unripe watermelon

– ангуру май – grapes and wine

– тухми бад – a bad seed

– донаи ҳақиқат – a grain of truth

– аз тухм калон шудан – to grow from an egg

– тухми нек коштан – to sow good seeds.

Фразеологизмҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ на танҳо ифодаҳои образ мебошанд, балки рамзҳои фарҳангии мардум мебошанд. Таҳлили маъноӣ ва маънавӣ нишон мебахшад, ки онҳо таҷрибаи ҷамъиятӣ, ахлоқ ва муносибатҳои иҷтимоиро инъикос мекунанд.

«Дар маънои умумӣ, фразеологизмҳои фитонимӣ ду сатҳи маъно доранд: маънои мустақим ба номи растание марбут аст, ки ҷузъи таркиби ибора мебошад (себ, гул, дарахт), ва маънои маҷозӣ ба маънои томи фразеологизм дахл дорад. Маънои маҷозӣ метавонад хусусиятҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, аз ҷумла азизӣ, зебоӣ, заъф, нерумандӣ ё таҷрибаи зиндагиро ифода кунад» [110, с. 416].

Фразеологизмҳои фитонимӣ воҳидҳои фарҳангбори забон мебошанд, зеро дар онҳо таҷрибаи маънавӣ, образҳои миллӣ ва тарзи ҷаҳонбинии соҳибони забон инъикос меёбанд. А.П. Седих ва М.М. Бондарева таъкид мекунанд, ки «қонуниятҳои истифодаи воҳидҳои фразеологӣ нишондиҳандаи ҷаҳонбинии миллӣ ва рафтори иртиботии соҳибони забонанд; манзараи фразеофитонимии ҷаҳон бо манзараи миллии забонӣ пайванд дорад» [76, с. 156].

Дар фразеологизмҳои фитонимӣ муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳолатҳои инсонӣ ба таври рамзӣ ифода мешаванд: муҳаббат, умед, сабр, рушд, заъф ва нокомӣ. Масалан, «гул барин» метавонад зебоӣ, тароват ё ҳолати хубро ифода намояд. Вале таркибҳои «тухми нек» ва «шоха кандан» бе сабти луғавӣ ё манбаи бадеии мушаххас набояд ҳамчун фразеологизмҳои устувор пешниҳод шаванд.

«Гурӯҳбандии маъноӣ бояд аз мушоҳидаи мавод ба даст ояд. Масалан, як фитоним метавонад дар чанд воҳиди гуногун маъноҳои зид ё нобаробар дошта бошад. Аз ин сабаб, гурӯҳҳои маъноӣ аз рӯйи вазифаи воҳид, на танҳо аз рӯйи номи растанӣ ташкил мешаванд» [83, с. 38].

«Ҳангоми таҳлили муқоисавӣ ҳамон гурӯҳҳои маъноӣ асос гирифта мешаванд, ки бо маводди воқеӣ тасдиқ шудаанд: муносибати инсонӣ, натиҷаи

амал, ҳолати рӯҳӣ ва баҳодиҳӣ. Гурӯҳбандӣ набояд аз тарҷумаҳои тасодуфӣ ё аз як номи растанӣ барояд» [4, с. 76].

Гурӯҳбандии фразеологизмҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ нишон мебахшад, ки тафаккури забонӣ ва ахлоқии тоҷикон ба василаи рамзҳои табиат ифода мешавад. «Ҳар як фразеологизми фитонимӣ дорои решаи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ буда, таҷрибаи ахлоқии ҷомеаро мунъакис мекунад. Ифодаҳои фитонимдор ба тарзи рамзии афкору эҳсосот, пайванди наслҳо, муҳаббат ва ахлоқро бо зеботарин ва табиитарин симо нишон медиҳанд» [94, с. 5].

Ҳамин тавр, гурӯҳбандии фразеологизмҳои фитонимӣ имкон мебахшад, ки ҷанбаҳои гуногуни ҷаҳонбинии миллӣ ва таҷрибаи иҷтимоии соҳибони забони тоҷикӣ ошкор карда шаванд. Дар ин воҳидҳо номҳои растанӣ метавонанд маъноҳои рамзии зебоӣ, умед, рушд, натиҷа, сабр ва муносибатҳои инсонӣ дошта бошанд. Дар муқоиса бо забони англисӣ, фитонимҳо дар ҳар ду забон таҷрибаи инсонӣ ва арзишҳои фарҳангиро ифода мекунанд, вале тарзи образнокӣ ва доираи маънои онҳо аз анъанаҳои миллӣ, муҳити иҷтимоӣ ва захираи фразеологии ҳар забон вобаста мебошад.

2.2. Маъно ва вазифаҳои услубии фразеологизмҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ ва мушобеҳи онҳо дар забони англисӣ

Фразеологизмҳо яке аз ҷанбаҳои ҷолиби забонанд, ки таҷассумгари тафаккур, фарҳанг ва ҷаҳонбинии халқҳо мебошанд. Дар миёни онҳо, фразеологизмҳое, ки унсурҳои фитонимӣ – яъне номи растаниҳоро дар бар мегиранд, ҷойгоҳи махсус доранд. Ин гуна ибораҳо на танҳо маънои маҷозӣ доранд, балки рамзҳои фарҳангӣ ва таърихии мардумро низ таҷассум мекунанд.

Фразеологизмҳои фитонимӣ – ин ибораҳои устувори забонанд, ки дар таркиби худ номи растанӣ доранд ва маънои маҷозӣ (истиорагӣ) ифода мекунанд. Онҳо як навъи фразеологизмҳои истиорагӣ (маҷозӣ) ба шумор мераванд, ки дар ҳар ду забон – тоҷикӣ ва англисӣ – фаровон истифода мешаванд. Таҳлили муқоисавии фразеологизмҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ имкон мебахшад, ки мо на танҳо шабоҳату тафовутҳои

луғавӣ ва услубиро муайян кунем, балки инчунин ба таҳаввули тафаккури фарҳангӣ ва иртиботи он бо муҳити табиӣ назар афканем. Фразеологизмҳои фитонимӣ дорои маънои рамзӣ, ҳиссӣ ва истиораикӣ мебошанд. Маънои онҳо аз фарҳанг, дину оин ва муҳити зисти мардуми ҳар як забон таъсир гирифтааст.

Фразеологизмҳои фитонимӣ воҳидҳои устуворе мебошанд, ки дар таркиби онҳо номи растанӣ меояд, вале маънои яклухти онҳо аксаран маҷозӣ ва рамзӣ мебошад. Ҳангоми таҳлил на танҳо маънои луғавии фитоним, балки образнокӣ, тобиши арзёбӣ, вазифаи услубӣ ва шароити истифодаи воҳид ба назар гирифта мешавад.

Фразеологизмҳои фитонимӣ – гурӯҳи фразеологизмҳое мебошанд, ки дар таркиби онҳо номи растанӣ маънои маҷозӣ доранд. Фарзан, дар забони тоҷикӣ: «гули сари сабад», «хор шудан», «барги сабз шудан» ва дар забони англисӣ: «go to seed», «turn over a new leaf», «to blossom».

Муқоисаи воҳидҳои тоҷикӣ бо мушобеҳҳои англисии онҳо имкон медиҳад, ки умумият ва тафовути маъноӣ, сохторӣ ва фарҳангии онҳо муайян карда шаванд. Дар баъзе ҳолатҳо байни воҳидҳо мутобиқати пурра ё қисман вуҷуд дорад; дар ҳолатҳои дигар бошад, маънои умумӣ нигоҳ дошта шуда, образ ё сохтори ифода тағйир меёбад.

Фразеологизмҳо бештар дар адабиёт, фолклор, нутқи рӯзмара ва матни расонавӣ истифода мешаванд ва нақши муҳим дар ифодаи эҳсосот, арзёбӣ ва тавсиф доранд.

Ҳангоми тарҷумаи фразеологизмҳои фитонимӣ маънои маҷозӣ, заминаи истифода ва тобиши услубии онҳо бояд ба назар гирифта шавад. Тарҷумаи таҳтуллафзӣ на ҳамеша мазмуни фарҳангӣ ва образнокии воҳидро пурра мерасонад. Аз ин рӯ, дар баъзе мавридҳо муодили маъноӣ ё тарҷумаи тавзеҳӣ мувофиқтар мебошад. Масалан, «гули сари сабад» – «the pride of the gathering» ба шахси азизу обрӯманди ҷамъомад ишора мекунад.

Дар ҳар ду забон тоҷикӣ ва англисӣ фразеологизмҳои фитонимӣ сохтори шабеҳ доранд, аммо маъно, рамз ва маншаи фарҳангиашон фарқ мекунад.

Манбаъ ва пайдоиши фразеологизмҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ ин таъсири бузурги адабиёти классики форсу тоҷик (Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Ҳофиз, Саъдӣ); рамзикаи гулҳо дар фарҳанги исломӣ ва адабиёти классикӣ; табиати кӯҳистонӣ ва мардуми деҳот вуҷуд дорад. Дар забони англисӣ бошад тасвирҳои табиат дар адабиёти англисӣ; таъсири масеҳият ва рамзҳои библиявӣ; образҳои табиати Британия (apple tree, rose, thorn, seed, leaf) ҷой дорад.

Фразеологизмҳои фитонимӣ дар ду забон метавонанд аз рӯи маъно ба гурӯҳҳои зерин ҷудо шаванд:

а) Фразеологизмҳо бо маънои мусбат. Чунончи:

«Барои муодилҳои пурра ҳамзамон се аломат санҷида мешавад: наздикии маъно, нигоҳ доштани образи растанӣ ва наздикии қолаби дастурӣ. Агар яке аз онҳо фарқ кунад, воҳид ба гурӯҳи муодили қисман ё функционалӣ мегузарад. Ин меъёр таҳлили тарҷумаро низ равшан месозад» [4, с. 51].

Мувофиқати байнисистемавӣ метавонад пурра, қисман ё функционалӣ бошад. «Муодили пурра маъно ва образи наздик дорад; дар муодили қисман яке аз ҷанбаҳо фарқ мекунад; дар тарҷумаи функционалӣ танҳо натиҷаи маъноӣ ва иртиботӣ нигоҳ дошта мешавад» [49, с. 16].

б) Фразеологизмҳо бо маънои манфӣ

«Тафовути байни воҳидҳои наздик аз рӯйи тобиши иловагии маъноӣ ва эҳсосӣ ва доираи истифода зоҳир мешавад. Иборае, ки дар як забон бетараф аст, метавонад дар забони дигар ҳазломез ё танқидӣ бошад. Барои ҳамин тарҷумон бояд на танҳо маънои фарҳангӣ, балки оҳанги нуткро низ интиқол диҳад» [22, с. 43].

«Фарқияти маъноии воҳидҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бояд бо тафсири дақиқи матн нишон дода шавад. Ҳангоми набудани муодили собит дар забони мақсад, тарҷумаи тавзеҳӣ аз сохтани ибораи нав бартарӣ дорад» [113, с. 43].

в) Фразеологизмҳои бетараф ё матнӣ

«Ҳар воҳид дар таҳқиқ ҳамчун воҳиди пурра тавсиф мешавад: шакли аслӣ, маъно, манбаи сабт, тарҷума ва дараҷаи мутобиқат нишон дода мешавад. Ин шиноснома ба хонанда имкон мебахшад, ки хулосаи таҳлилро санҷад ва дар мавридҳои баҳсбарангез тарҷумаи дигар пешниҳод намояд» [118, с.87].

Як фитоним дар забонҳои гуногун метавонад ба образҳои фарқкунанда дохил шавад. Бинобар ин, таҳлил бояд аз воҳиди сабтшуда оғоз ёбад ва танҳо баъд ба хулосаҳои фарҳангӣ гузарад. «Ин меъёр барои пешгирӣ аз баробар кардани воҳидҳои аз ҷиҳати сохтор ва вазифа нобаробар муҳим аст» [74, с. 155-159].

Тавофут ва фарқияти маъноӣ фразелогизмҳои фитонимиро дар ду забон тоҷикӣ ва англисӣ чунин нишон додан мумкин аст:

Мафҳумҳои рамзӣ ва образ:

«Хусусияти фитонимӣ дар муқоисаи байнизабонӣ ба худӣ худ далели ҳаммаъноӣ нест. Ҷузъи растанӣ метавонад дар як забон маркази образ бошаду дар забони дигар танҳо нишонаи қисми таркиб. Аз ин рӯ, коркарди мавод бо таҳлили матн ва муқоисаи вазифаи воҳид анҷом дода мешавад» [26, с. 98].

Ҷузъи фитонимӣ дар маънофарӣ танҳо дар ҳамбастагӣ бо дигар ҷузъҳои ибора фаъол мешавад. «Махсусияти миллӣ на дар номи растанӣ ба танҳоӣ, балки дар роҳи ташаккули образ, арзёбӣ ва корбурди он зоҳир мегардад» [26, с. 54].

Фарқиятҳои маъноӣ ва фарҳангӣ

Маншаъшиносии мавод барои нишон додани дараҷаи эътимоднокии фразеологизмҳо зарур аст. «Мақол, фарҳангнома ва байти адабӣ як дараҷаи далел надоранд, ҳарчанд ҳамаи онҳо метавонанд барои тафсири фарҳангӣ муфид бошанд. Дар хулосаҳо ин фарқ пайваста ба ҳисоб гирифта мешавад» [30, с. 87].

«Маншаи воҳиди устувор ҳангоми муқоиса аҳаммияти асосӣ дорад. Маводди фолклор, фарҳангномаҳо ва осори бадеӣ бояд аз ҳам ҷудо нишон дода шаванд, зеро дараҷаи устуворӣ ва тарзи истифодаи онҳо яксон нест» [32, с. 5].

Таҳлилҳои мазкур нишон медиҳанд, ки маънои фразеологизмҳои фитонимӣ дар ҳар ду забон аз муҳити табиӣ, забон ва фарҳанги сухан бармеояд. Гарчанд образҳои ботаникӣ монанд бошанд, маъно ва корбурдашон метавонад куллан фарқ кунад. Забони тоҷикӣ бештар аз нигоҳи зебоӣ, эҳсосот ва суханварӣ истифода мебарад, дар ҳоле ки забони англисӣ бештар амалгаро ва ахлоқӣ аст. Барои фаҳмиши амиқи маъно ва истифодаи ин ифодаҳо, омузиши матн ва фарҳанги забон зарур аст. Онҳо бештар бо образи гул, себ, хор, барг ифода шуда, рамзҳои эҳсосотӣ ва фарҳангиро доранд. Маъно ва услуби онҳо вобаста ба шароити забонӣ ва фарҳангӣ фарқ мекунанд. Барои тарҷумаи дуруст ва муассир, фаҳмиши чуқури фарҳанг ва маънои маҷозӣ зарур аст. Таҳқиқи ин навъи фразеологизмҳо ба фаҳмиши амиқи фарҳанги миллӣ ва байнифарҳангӣ мусоидат мекунад. «Фразеологизмҳои фитонимӣ, ки дар онҳо номи растаниҳо ҳамчун унсури асосӣ истифода мешавад, яке аз зергурӯҳҳои муҳим ва таърихан ташаккулёфтаи фразеологизмҳои забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Маънои чунин фразеологизмҳо дар забоншиносӣ на танҳо ҳамчун маҷмуи маъноҳои мустақим ва образ, балки ҳамчун таҷассумгари муносибатҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ мавриди таҳлил қарор мегирад» [110, с. 416]. Бар асоси назарияи фразеология, маънои фразеологизмҳо ду сатҳ дорад:

Маънои луғавӣ (вобаста ба калима ва маънои луғавии он): маънои калимаҳои растаниро дар бар мегирад ва барои дарки маънои аслӣ калимаҳо, ки дар фразеологизм истифода мешаванд. Нишонаҳои маънои аслӣ ин: устуворӣ ва қувват: номи дарахтҳои барҷаста ба унвони рамзи устуворӣ ва нерӯ истифода мешаванд; зебоӣ ва камол: номи гулҳо бештар рамзи зебоӣ ва хушахлоқӣ мебошанд; нокомӣ ва заъиф: баъзе растаниҳо, мисли меваҳои ноқис ё гулҳои хазоншуда, маънои нокомӣ ё заъфро доранд. Мисол: чун барги бед ларзидан – to tremble like an aspen leaf.

Маънои идиоматикӣ (рамзӣ) маънои яклухти фразеологизм аст, ки аз ҷамъ кардани маъноҳои бевоситаи калимаҳои таркибӣ ҳосил намешавад. Дар

чунин воҳидҳо номи растанӣ танҳо номи ашё нест, балки барои ифодаи муносибат, ҳолати равонӣ ё арзёбии иҷтимоӣ хизмат мекунад.

Масалан, «шаф-шаф нагуфта, шафтолу гӯй» ба маънои «суханро рӯирост ва бепарда гуфтан» истифода мешавад. Калимаи «шафтолу» дар ин ҷо на меваи воқеӣ, балки қисми образи идиоматикӣ мебошад» [39, с. 71]. Муодили функсионалии англисӣ – «to beat around the bush – аз гуфтани фикри асосӣ гурехтан, бо киноя сухан гуфтан» [138, с. 132] мебошад.

Таҳлили маъноии фразеологизмҳои фитонимӣ нишон мебахшад, ки онҳо на танҳо маҷмӯи истилоҳоти идиоматикӣ ҳастанд, балки рамзҳои маънавӣ ва иҷтимоии фарҳанги тоҷикро ифода мекунанд. Маънои онҳо дар табиати рамзӣ ва фарҳангии забон шакл гирифта, пайваста таҳаввул меёбад ва барои ташаккули худшиносии миллӣ ва эҳтироми арзишҳои таърихӣ муҳим мебошад. Фразеологизмҳои фитонимӣ одатан, барои тавсифи сифатҳои ахлоқӣ, табиат ва муносибатҳои иҷтимоӣ истифода мешаванд, ки дар фарҳанги тоҷикӣ қадри баланди маънавӣ доранд.

Фразеологизмҳои фитонимӣ дар нутқи ба таври гуногун истифода мешаванд ва вазифаҳои услубии зеринро иҷро мекунанд:

Вазифаи образсозӣ: Онҳо ҳамчун воситаи таъсиргузори образ ва тасвирии нутқ хизмат мекунанд. Истифодаи номи растаниҳо ба нутқ зебоӣ ва равшанӣ мебахшад ва фикрҳоро ба тарзи саҳеҳтар ва равшантар ифода менамояд. Фразеологизмҳои фитонимӣ ҳамчун воситаи визуалӣ ва образ хизмат мекунанд. Онҳо бо истифода аз тасвирҳои табиӣ – дарахт, гул, мева – ба нутқ зебоӣ ва равшанӣ мебахшанд. Дар ин ришта, ба гуфтаи Ю.Д. Апресян, «фразеологизмҳо ҳамчун «блокҳои маъноӣ» хизмат карда, имкон медиҳанд, ки мафҳумҳо бо нақши образ баён шаванд» [14, с. 39].

Образсозӣ яке аз вазифаҳои муҳимми услубии фразеологизмҳо мебошад. Воҳидҳои фитонимӣ бо ҷалби номҳои растанӣ ба нутқ равшанӣ, таъсирбахшӣ ва образнокӣ мебахшанд. Дар онҳо хусусиятҳои намоёни растанӣ – тароват, зебоӣ, сабзиш, хазон ё ларзиш – барои тасвири ҳолат ва эҳсоси инсон истифода мешаванд. Аз ин рӯ, фитоним дар фразеологизм танҳо

номи растанӣ набуда, воситаи офаридани образи зинда ва ифоданок низ мебошад.

Фразеологизмҳои фитонимӣ тавассути истифодаи образҳои растаниҳо мафҳумҳоро ба шакли визуалӣ табдил медиҳанд. Ин намуд ба шунаванда ё хонанда имконият мебахшад, ки маънои онро бо воситаи тасвирҳои шинос ва равшан дар хотира эҳсос кунад ва фаҳмад. Образсозии фразеологизмҳои фитонимӣ асосан бар пояи алоқамандии хоси табиӣ (характеристикаҳои растаниҳо) ва арзишҳои маънавӣ (рамзикаи онҳо) ташкил мешавад. Ба мисол, дарахт ҳамчун рамзи устуворӣ ва қувват, гул ҳамчун рамзи зебоӣ ва шукуфоӣ баён карда мешавад. Образҳои визуалӣ, ки бо фразеологизмҳои фитонимӣ ба вуҷуд меоянд, таъсири эҳсосиро дар нутқ зиёд мекунанд. Онҳо метавонанд равшанӣ, гармӣ, меҳрубонӣ, ё баръакс, нисбати чизе нафрат ва ё танқидро таҷассум кунанд. В.В. Виноградов қайд кардааст, ки «образсозӣ бо истифодаи фразеологизмҳо таъсири нуткро дар шунаванда торафт афзоиш мебахшад» [23, с. 145].

Дар умум, вазифаи образсозӣ дар фразеологизмҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ асосан дар ташаккули визуал ва маънавии маъноҳо ифода мешавад. Истифодаи тасвирҳои табиӣ ва растаниҳо ба нутқ қудрати эҷодӣ ва таъсирбахшии ҳиссиро мебахшад, ки ин барои пешбурди муошират ва таъсири таъсири бадеӣ ва зебоӣ муҳим мебошад.

Вазифаи эҳсосӣ. Фразеологизмҳои фитонимӣ метавонанд ҳолат ва муносибати эҳсосии инсонро таъсирбахш ифода намоянд. Тасвири растанӣ ба нутқ тобиши образнок дода, ҳиссиёти шодӣ, тароват, тарс, ғам ё эҳтиромро равшантар менамояд. Масалан, «лола барин сурх будан» – «to blush like a rose ё to turn red with embarrassment» ҳолати шармгинӣ ё ҳаяҷони шахсро ифода мекунад. Образи лолаи сурх ба сурх шудани рӯй пайваст шуда, таъсири эҳсосии нуткро қавӣ мегардонад. тарҷума кард.

Вазифаи эҳсосӣ дар услубшиносӣ маънои ифодаи эҳсосот, афкор ва ҳолатҳои равонӣ дар нуткро дорад. В.В. Виноградов дар таҳқиқи худ «фразеологизмҳо на танҳо маънои лексикиро ифода мекунанд, балки

қобилияти ташаккули ҳолати равонии шунавандаро доранд» [24, с. 56]. Фразеологизмҳои фитонимӣ бо истифода аз унсурҳои табиат, аз ҷумла номҳои дарахт, гул, мева ва дигар растаниҳо, метавонанд ҳолатҳои гуногуни равонӣ ва эҳсосоти инсонро ифода намоянд. Чунин образҳо бо таҷрибаи маънавӣ ва фарҳангии мардум пайванд дошта, ба нутқ таъсирбахшӣ ва ранги эҳсосӣ мебахшанд. Масалан, ибораи «гул-гул шукуфтан» ҳолати шодмонӣ, болидахотирӣ ва равшан шудани чеҳраи инсонро ифода мекунад. Образи гули шукуфон дар ин ҷо рамзи хушнудӣ ва эҳсоси мусбат мебошад. Ибораи «лола барин сурх будан» бошад, ҳолати шармгинӣ ё ҳаяҷонро нишон мебахшад: сурх шудани рӯй ба ранги лола монанд карда мешавад.

Фразелогизмҳои фитонимӣ дорои баёни эҳсосоти мусбат ва манфӣ ифода мекунанд.

Баёни эҳсосоти мусбат дар фразеологизмҳои фитонимӣ:

Фразеологизмҳои фитонимии дорои тобиши мусбат метавонанд на танҳо ҳолати рӯҳиро, балки муносибати нек, ситоиш ва қадршиносиро низ ифода намоянд. Масалан, ибораи «дасташ гул аст» – «hands of gold» шахси моҳир, ҳунарманд ва кордонро тавсиф мекунад. Дар ин ҷо калимаи гул ҳамчун рамзи зебоӣ ва сифати баланд омада, ба арзёбии мусбати шахс мусоидат менамояд. Дар забони англисӣ ба он hands of gold ё a handy man мувофиқат мекунад.

Аз мисолҳои фавқ бар меояд, ки образи гул ҳамчун рамзи шукуфоӣ ва зебоӣ истифода шуда, эҳсоси хурсандиро баён мекунад. Мисоли дуюм бошад, ин шахс беҳтарин, дӯстдоштарин ва азизтарин ба ҳисоб меравад, сеюмаш бо баёни эҳсости нишонаи афзалият ва муҳаббати амиқ аст, панҷумаш, маҷозан ишора ба ҳамшаҷара будан ва дӯстӣ дорад ва мисоли ахир образи табассуму хушҳолӣ бо гул пайванд ёфтааст.

Фразеологизмҳое, ки растаниҳоро бо ҳолатҳои хазоншуда, заъф, берангӣ, талхӣ ва афсурдагӣ тасвир мекунанд, эҳсосоти манфӣ баён мекунанд: ғам, хастагӣ, нафрат, бетарафӣ, ранҷу алам ва ғайра.

«Фразеологизмҳои фитонимӣ метавонанд ҳолатҳои манфии равонии инсонро низ ифода намоянд. Образи гули пажмурда, барги рехта ё дарахти хушк дар матн метавонад бо андӯҳ, сустӣ, ноумедӣ ва аз даст рафтани нерӯ пайванд дошта бошад. Чунин образҳо ҳолати эҳсосии шахсро ба таври таъсирбахш нишон дода, ба дарки хонанда ё шунаванда таъсир мерасонанд» [31, с. 198].

Фитонимҳо дар матни бадеӣ метавонанд ҳолатҳои нохуши равонии инсонро ба таври образнок нишон диҳанд. Образи гули пажмурда, барги ба бод афканда ё гиёҳи хушкида ба андӯҳ, сустӣ, танҳоӣ ва ноумедӣ тобиши маъноӣ мебахшад. Вале чунин маъно аз мазмуни ҷумла ва вазъияти истифода вобастаанд, на танҳо аз номи растанӣ.

Арзёбии услубӣ аз муносибати гӯянда ба ашё ё шахс бармеояд. Фитоним метавонад ба сухан меҳрубонӣ, танқид, киноя ё лаҳни пандомӯз диҳад. Ин ҷанба танҳо баъд аз таҳлили маънои умумии фразеологизм муайян карда мешавад.

«Дар таҳлили услубӣ фитоним метавонад тобиши мусбат, манфӣ, ҳазломез ё пандомӯз диҳад. Ин тобиш аз муҳити нутқ ва образи яклухти воҳид бармеояд; бинобар ин, маъно танҳо бо тарҷумаи ҷузъҳои алоҳида муайян карда намешавад» [87, с. 378].

Ҳамин тавр, фитонимҳо дар нутқи тоҷикӣ метавонанд барои офаридани образҳои мусбат ва манфӣ истифода шаванд. Образи гул, сабзиш ва мева бештар ба зебоӣ, тароват ва фаровонӣ пайванд дорад; образи хазон, барги ба бод афканда ва гиёҳи хушкида бошад, метавонад андӯҳ, сустӣ ва ноумедиро нишон диҳад. Таъсири чунин таркибҳо аз маънои калима, оҳанги гуфтор ва заминаи матн вобаста мебошад.

Дар умум, вазифаи эҳсосӣ дар фразеологизмҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ барои ифода ва ташаккули эҳсосоти гуногун хизмат мекунад. Бо ёрии рамзҳои табиӣ, ин фразеологизмҳо қобилияти зиёд дар баёни ҳолатҳои равонӣ ва таъсири эҳсосотӣ доранд, ки ин барои муошират ва таъсири нутқ муҳим мебошад.

Вазифаи рамзӣ ва фарҳангӣ. Фразеологизмҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ метавонанд рамзҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоиро ифода намоянд. Тавассути номи растанӣ дар онҳо тасаввуроти мардум дар бораи зебоӣ, меҳнат, фаровонӣ, сабр, умед ва муносибатҳои инсонӣ таҷассум меёбад. Аз ин рӯ, чунин воҳидҳо танҳо маънои луғавӣ ё ҳиссиётӣ надоранд, балки таҷрибаи маънавӣ, арзишҳо ва суннатҳои фарҳангии ҷомеаро низ бозтоб медиҳанд. Дар нутқ онҳо барои расондани маънои ғайримустақим ва тақвияти таъсири услубӣ хизмат мекунанд.

Вазифаи рамзӣ дар забон ҳамчун унсури маъноӣ-услубӣ маънои батафсил ва умумӣ дорад, ки ба воситаи як унсури конкретӣ ифода мешавад. Фразеологизмҳои фитонимӣ ба воситаи унсурҳои растанӣ рамзҳои мушаххасро ташкил медиҳанд, ки метавонанд маъноҳои гуногун дошта бошанд. Масалан:

- дарахт – рамзи устуворӣ, поягӣ ва ҳаёт;
- гул – рамзи зебоӣ, муҳаббат ва шукуфоӣ;
- мева – рамзи фаровонӣ ва самаранокӣ;

Вазифаи фарҳангӣ. Фразеологизмҳои фитонимӣ бо урфу одат, анъанаҳои мардумӣ ва таҷрибаи таърихии ҷомеа пайванд доранд. Онҳо ҷаҳонбинӣ, арзишҳо ва хусусиятҳои фарҳанги миллиро дар шакли образнок инъикос менамоянд.

Нақши зебо кардани сухан. Фразеологизмҳои фитонимӣ ба нутқ тароват, образнокӣ ва таъсир мебахшанд. Бо ёрии номи дарахт, гул ва мева мазмуни сухан равшантар ва дилнишинтар мегардад.

Фразеологизмҳои фитонимӣ бо таъсири ҳунарӣ ва зебоӣ нуткро бой мегардонанд. Онҳо матни гуфтор ё навиштаро пурмазмун, ҷолиб ва таъсирбахш месозанд. Дар назарияи услубшиносӣ, ин вазифа ба унсурҳои зебоӣ ва таъсири ҳунарӣ равона шудааст, ки бо истифодаи фразеологизмҳо комилан амалӣ мешавад.

Тавре В.В. Виноградов дар таҳқиқи фразеология нишон мебахшад, «воҳидҳои фразеологӣ бо устуворӣ, образнокӣ ва таъсирбахшии худ аз

таркибҳои оддии калимаҳо фарқ мекунанд. Дар таҳқиқи мазкур ин хусусият ба фразеологизмҳои фитонимӣ низ дахл дорад: номи растанӣ метавонад мазмуни суханро равшан ва хотирмон гардонад» [22, с. 194].

Ю.Д. Апресян робитаи маънои забонро бо тарзи дарки ҷаҳон аз ҷониби соҳибони забон баррасӣ мекунад. Аз ин нуқтаи назар, «фитонимҳо дар фразеологизмҳо танҳо номи растанӣ набуда, метавонанд тасаввуроти фарҳангии мардумро дар бораи зебоӣ, тароват, рушд ё хазон инъикос намоянд» [14, с. 38].

Дар фразеологияи забони тоҷикӣ чунин воҳидҳо ба сухан ранги бадеӣ ва ифоданокӣ мебахшанд. Образҳои табиӣ матнро дилнишинтар намуда, баён кардани ҳолат, муносибат ва арзёбии инсонро осон мегардонанд.

Натиҷаи баррасии афкори забоншиносон нишон мебахшад, ки фразеологизмҳои фитонимӣ, яъне ибораҳои дорои номи растанӣ, танҳо барои ифодаи маъно истифода намешаванд. Онҳо ҳамчунин рамзҳо, муносибатҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои фарҳангиро дар бар мегиранд. Ғайр аз ин, чунин воҳидҳо дар офаридани зебоӣ ва таъсирбахшии сухан саҳм доранд, образи растанӣ мазмунро равшантар ва гуфторро дилнишинтар мегардонад. Бо ёрии онҳо метавон муносибати инсонро ба зебоӣ, зиндагӣ ва табиат ба таври образнок баён кард.

Нақши зебоии сухан дар фразеологизмҳои фитонимӣ тавассути образҳои растанӣ падид меояд. Номи гул, дарахт, барг ё мева ба баён тароват ва таъсирбахшӣ мебахшад, ҳолат ва муносибати инсонро ба таври образнок нишон мебахшад.

а) Баёни зебоӣ ва табиат. Растаниҳо дар фарҳанги тоҷикон бо тароват, нозукӣ ва зиндагӣ пайванд доранд. Аз ин рӯ, фразеологизмҳои дорои фитоним метавонанд барои тасвири ҳусн, ҳолати хуб ва муносибати нек истифода шаванд. Масалан, «гул барин зебо» барои тавсифи шахси зебо омада, ба англисӣ ҳамчун «fair as a rose ё beautiful as a flower» тарҷума мешавад.

б) Ҳамоҳангии овозӣ ва таъсири ҳиссӣ. Дар баъзе фразеологизмҳо такрори калима, ҳамсадоӣ ва образи равшани табиӣ нутқро дилнишин

мекунад. Вале ин хусусият ба ҳамаи фразеологизмҳои фитонимӣ яксон хос нест; он аз сохти ибора ва мавқеи истифодаи он дар матн вобаста мебошад. Тақвияти оҳанг ва таъсири сухан тавассути омилҳои зерин сурат мегирад:

Такрори овозҳо ва ҳамоҳангии калимаҳо метавонанд ба нутқ оҳанг ва таъсирбахшӣ бахшанд. Дар матни бадеӣ номҳои растанӣ баъзан бо такрор, ҳамсадоӣ ё ҳамоҳангии сохторӣ истифода мешаванд. Аммо чунин хусусият ба ҳар як фразеологизми фитонимӣ хос нест; он бештар ба тарзи истифодаи воҳид дар ҷумла ва матн вобаста мебошад.

в) Образнокӣ ва баёни бадеӣ. Фразеологизмҳои фитонимӣ дар нутқи бадеӣ барои офаридани тасвирҳои равшан истифода мешаванд. Онҳо шеваи баёнро ғанӣ гардонда, ҳолат, хислат ва муносибати инсонро ба таври таъсирбахш нишон медиҳанд. Номи растанӣ дар чунин воҳидҳо метавонад бо зебоӣ, тароват, сабзиш, устуворӣ ё хазон пайванд ёбад ва мазмуни суханро равшантар гардонад.

г) Оҳангнокии сухан. Баъзе фразеологизмҳои фитонимӣ вобаста ба сохт ва ҷойгоҳи худ дар матн ба сухан ҳамоҳангӣ мебахшанд. Такрори ҷузъҳо, ҳамсадоии овозҳо ва ҳамсонии сохтор метавонанд таъсири нутқро бештар кунанд. Аммо ин хусусият ба ҳар як фразеологизм яксон хос нест; он аз тарзи истифодаи воҳид дар ҷумла ва матни бадеӣ вобаста мебошад.

Фразеологизмҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ бо хусусиятҳое чун: «баёни зебоии табиат ва муҳити атроф, эҷоди образҳои зинда ва таъсирбахш бо истифода аз унсурҳои растанӣ, таъсири мусиқӣ ва ритмикӣ дар забон, ифодаи эҳсосоти нозук ва лирикӣ вазифаи эстетикиро иҷро мекунанд. «Вазифаи таъсири бадеӣ ва зебоӣ дар фразеологизмҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ таҷассумгари зебоии табиат ва муҳити атроф, таъсири лирикӣ ва образсозии таъсирбахш мебошад» [46, с. 18]. Онҳо ба нутқ шевоӣ ва зебоӣ мебахшанд ва ҳиссиёти нозукро ифода мекунанд. Ин унсурҳо барои таблиғи муҳаббат ба табиат ва ҳифзи анъанаҳои фарҳангии тоҷикон нақши муҳим доранд.

Фразеологизмҳои фитонимӣ на танҳо дар нутқи рӯзмарра, балки дар адабиёти классик ва муосири тоҷик низ нақши муҳим доранд. Онҳо нутқи шоирона ва шеъру достонро шево ва зебо мегардонанд. Фразеологизмҳои фитонимӣ дар адабиёти классикӣ ҳамчун воситаи баёни зебоӣ, образсозӣ ва баёнгари ҳиссиёти нозук ва пурмаънӣ истифода мешаванд. Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҳофиз ва дигар шоирони бузург дар осорашон бо истифодаи унсурҳои растанӣ тасвирҳои лирикӣ ва рамзҳои фарҳангиро ба вуҷуд овардаанд.

Дар осори Рӯдакӣ**,** Фирдавсӣ**,** Ҳофиз ва дигар шоирони бузурги форсу тоҷик фразеологизмҳои фитонимӣ бо сифати образҳои назмӣ бисёр барҷаста тасвир гардидаанд. Рӯдакӣ фразеологизмҳои фитонимиро ҳамчун унсурҳои образ ва лирикӣ дар ашъораш истифода кардааст. Рӯдакӣ бо истифодаи унсурҳои фитонимӣ ба образҳои зинда ва таъсирбахш шеваи лирикӣ мебахшад, ки боиси баёни эҳсосоти шодӣ ва муҳаббат мегардад. Устод Рӯдакӣ чунин овардааст:

«Эй аз гули сурх ранг бирбудаву бӯ,

Ранг аз пайи рух рабуда, бӯ аз пайи мӯ.

Гулранг шавад чу рӯй шӯйӣ ҳама ҷӯ,

Мушкин гардад, чу мӯ фишонӣ ҳама кӯ» [153, с. 59].

Дар шеъри устод «гули сурх» – рамзи муҳаббат ва зебоӣ, ки дар ашъори Рӯдакӣ ба маънии ишқу муҳаббат истифода шудааст. «Гулранг» – баёнгари фазои пур аз шукуфоӣ ва зебоӣ, ки рамзи умед ва шодмони аст.

Фирдавсӣ дар асари безаволи «Шоҳнома» ибораҳои фитонимиро барои офаридани образу рамз корбаст кардааст. Чунончи:

«Ҳама бӯстон зи барги гул аст,

Ҳам кӯҳ пурлолаву сунбул аст» [157, с. 145].

Дар ҷойи дигари асар мехонем:

«Бигуфт, ину бод аз ҷигар баркашид,

Шуд он барги гулнор чун шанбалид» [157, с. 189].

Ё ин ки:

«Шуда кӯж болои сарви сиҳӣ,

Гирифта гули сурх ранги биҳӣ» [157, с. 213].

Мисолҳо: «Барги гул» – рамзи умед ва зиндагӣ, ки дар шеъри Фирдавсӣ барои тавсифи табиат ва ҳаёт истифода мешавад. «Сарви сиҳӣ» – тасвири зебоӣ ва ишқ, ки дар сатҳи шеъри воситаи баёни ҳусн ва муҳаббат мебошад.

Инчунин, Ҳофизи Шерозӣ бо истифодаи фразеологизмҳои фитонимӣ дар шеъраш эҳсосоти ҳавас, муҳаббат ва зебоии ҳаётро баён мекунад, ки боиси таъсири амиқ ба шунаванда ва хонанда мегардад. Чунончи:

«Эй ҳама шакли ту матбуъу ҳама ҷойи ту хуш,

Дилам аз ишваи ширини шакархойи ту хуш.

Ҳамчу гулбарг тари ҳаст вуҷуди ту латиф,

Ҳамчу сарви чамани хулд саропои ту хуш» [162, с. 278].

Дар шеъри фавқ шоир бо истифода аз ибораҳои фразеологии фитонимӣ тавсифи зебоҳои маҳбуба ва аз ишқу алоқааш ба ӯ сухан мегуяд. Яъне, зебоиҳои ту дилчаспу хушоянд мебошад ва ман аз нозу зебоиҳои ширини шакархойи ту хуш ҳастам. Вуҷуди ту монанди гулбарге аст, ки латофати хосе дорад ва ҳамчун сарви боғи биҳишт мебошад.

Дар ғазали мазкур вожаи «гулбарг» – рамзи нармӣ, муҳаббат ва шодмонӣ; «сарви чамани хулд» – нишонаи маъшуқи зебо ва зиндагии шод аст.

Корбурди фразеологизмҳои фитонимиро дар ашъори шоирони англис ҳам мушоҳида мекунем ва барои муқоисаву муқобала онҳо лозим аст, якчанд намуна зикр намоем. Масалан: шоирони англиси Олферд Нюиз фразеологияи фитонимии «the gusty trees» чунин овардааст:

«The wind was a torrent of darkness among the gusty trees,

The moon was a ghostly galleon tossed upon cloudy seas,

The road was a ribbon of moonlight over the purple moor,

And the highwayman came riding... » [173, с. 244].

Тарҷума ба забони тоҷикӣ:

Бод селе аз торикӣ дар миёни дарахтони туфонӣ буд,

Моҳ мисли як киштии бодбондори арвоҳмонанд буд, ки бар рӯи баҳрҳои абрнок партофта шуда буд.

Ҷодаи Рибон аз маҳтоб буд бар рӯйи бунафш,

Роҳзани ҷода савор омад...

Дар назми англисӣ номи гулҳо аксар барои офаридани тасвири муҳаббат истифода мешавад. Чунончи, Роберт Бёрнс дар шеъри «A Red, Red Rose» маҳбубаро ба садбарги тозашукуфта ташбеҳ мебахшад:

«O my Luve is like a red, red rose

That’s newly sprung in June;

O my Luve is like the melody

That’s sweetly played in tune» [168, с. 367].

Дар ин мисраъҳо red, red rose фразеологизм нест, балки ташбеҳи бадеӣ мебошад. Образи садбарги сурх покӣ, тароват ва умқи муҳаббатро ифода мекунад. Такрори red ба тасвир равшанӣ ва таъсири ҳиссӣ мебахшад.

Тарҷумаи тоҷикӣ:

Оҳ ишқи ман монанди гули раз сурхи сурх аст,

Ки дар моҳи январ шукуфтааст.

Оҳ, ишқи ман мисли мусиқист,

Ки ба тарзи дилнишине навохта мешавад.

Дар шеъри «The Road Not Taken» Роберт Фрост образи табиии a yellow wood «ҷангалзори зардранг»-ро истифода мебарад:

«Two roads diverged in a yellow wood,

And sorry I could not travel both» [167, с. 99].

Тарҷумаи тоҷикӣ:

Ду роҳ дар ҷангалзори зардранг аз ҳам ҷудо шудаанд,

Ва афсӯс, ки натавонистам ҳар дуро бипаймоям.

Дар ин ҷо yellow wood фразеологизм нест, балки тасвири бадеии муаллиф мебошад. Манзараи ҷангалзори тирамоҳӣ ҳолати дудилагӣ ва лаҳзаи интихоби роҳро пуртаъсир нишон мебахшад.

Фразеологизмҳои фитонимӣ одатан, бо истифодаи калимаҳои ҳамсадо, такрор, ритм ва ҷуфтҳои луғавӣ ба нутқ таъсири мусиқӣ мебахшанд. Ин унсурҳо ба таъсири шево ва таъсири шунаванда дар нутқ мусоидат мекунанд.

Вазифаи муоширатӣ. Ин фразеологизмҳо ба беҳтар фаҳмидани маъно ва таъсири нутқ мусоидат мекунанд. Онҳо воситаи устувори пайваст намудани суҳбаткунандагон буда, робитаи байни онҳо ва шунавандагонро мустаҳкам менамоянд. Забоншинос А.В. Кунин дар муқаддимаи фарҳанги хеш чунин иброз намудааст: «Вазифаи муоширатӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳои фразеологизмҳо дар забон аст, ки ба воситаи онҳо муошират байни одамон самаранок ва муассир мегардад» [45, с. 101]. Фразеологизмҳои фитонимӣ, ки унсурҳои растанӣ доранд, дар нутқи муоширатӣ нақши бориз ва хосса мебозанд, зеро онҳо метавонанд бо тавзеҳоти рамзӣ, образ ва аҳаммияти фарҳангӣ паёмро ба самаранокӣ расонанд.

Фразеологизмҳои фитонимӣ бо истифода аз унсурҳои шинохта ва маъруфи табиат (масалан, себ, гул, барг ва ғайра) як маҷмуи маъноҳои рамзӣ ва фарҳангиро дар бар мегиранд. Ин унсурҳо ба таври васеъ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ маъруфанд ва барои шунаванда ё хонанда равшану фаҳмо мебошанд.Таъкид мешавад, ки ин гуна ибораҳо барои ифодаи эҳсосот ва фикрҳои мураккаб дар шакли мухтасар истифода мешаванд, ки боиси бештар ҷолиб ва ёдрас гаштани нутқ мегардад. Дар ин раванд нақши растаниҳо ҳамчун образҳо хеле калон аст.

В.В. Виноградов қайд мекунад: «Пайвастагии фразеологӣ воҳиди маъноиест, ки аз ҷиҳати маъноӣ ба калима монанд буда, шакли дохилӣ надорад» [22, с. 77].

Ю.Д. Апресян мегуяд, ки «фразеологизмҳо дар раванди муошират воситаи таъсиррасонӣ ва эҳсосотии муҳокимаҳо мебошанд. Бо ёрии онҳо гӯянда метавонад паёмро ба тарзи мураккабтар ва рамзӣ ба қабулкунанда расонад, ки ин нақши муҳим дар равандҳои муоширатӣ дорад. Ба воситаи онҳо гӯяндаҳо метавонанд паёмҳоро на танҳо дақиқ, балки таъсиргузортар расонанд» [14, с. 39].

Фразеологизмҳои фитонимӣ метавонанд маъно ва ҳиссиёти пурқувватро дар як ё ду калима ва ибора ифода намоянд, ки ин равандро самараноктар

мекунад. Ин усули кӯтоҳ ва ёдгории забонӣ барои муошират дар ҳаёти рӯзмарра хеле муфид аст.

Яке аз вазифаҳои асосии иртиботии фразеологизмҳои фитонимӣ дар он зоҳир мешавад, ки онҳо муносибат, арзёбӣ ё ҳолати муайянро бо шакли кӯтоҳ ва образнок мерасонанд. Номи дарахт, гул ё мева дар чунин воҳидҳо танҳо номи растанӣ нест, балки метавонад барои баёни маънои маҷозӣ хизмат кунад. Ин хусусият нутқро фишурда, равшан ва таъсирбахш мегардонад.

Ба вазифаҳои иртиботии фразеологизмҳои фитонимӣ дохил мешаванд:

1. Интиқоли муассири паём. Воҳиди устувор ба гӯянда имкон мебахшад, ки муносибати худро бе тавзеҳи тӯлонӣ баён кунад. Образи фитонимӣ маънои умумиро пурратар намуда, ба сухан тобиши арзёбӣ ва эҳсосӣ мебахшад.

Дар таҳқиқ танҳо он таркибҳое ба гурӯҳи фразеологизмҳои фитонимӣ дохил карда мешаванд, ки ҳамчун воҳиди устувор дар луғат ё матни бадеии мушаххас сабт шудаанд. Таркибҳои «барги сабз», «гулпӯш» ва «дарахти решадор» худ аз худ фразеологизм нестанд; онҳо бештар номгузории оддӣ ё тасвири бадеии муаллифӣ мебошанд. Аз ин рӯ, онҳоро набояд ҳамчун далели вазифаи иртиботии фразеологизмҳо истифода кард.

2. Таъсиррасонӣ ва баёни эҳсосот. Фразеологизмҳои фитонимӣ метавонанд муносибати эҳсосии гӯяндаро – аз меҳру самимият то андӯҳ, норозигӣ ё умед – ба таври образнок нишон диҳанд. Таъсири онҳо аз маънои маҷозӣ, вазъияти гуфтор ва тарзи корбурдашон вобастаанд. Аз ин рӯ, чунин воҳидҳо нутқро танҳо «ширин» намекунанд, балки муносибати шахсро ба воқеа ё ҳамсуҳбат равшан месозанд.

Таркибҳои «гули гулзор» – «the flower of the flower garden» ва «сабзи рӯй» – «the greenness of the face» ҳамчун фразеологизмҳои устувори тоҷикӣ тасдиқ нашудаанд. Онҳоро метавон дар матни бадеӣ ҳамчун тасвир ё ташбеҳи муаллифӣ истифода бурд, вале барои таҳлили фразеологӣ далел қарор додан дуруст нест.

3. Нигоҳдорӣ ва бозтоби суннатҳои фарҳангӣ. Фразеологизмҳои дорои номи растанӣ метавонанд таҷрибаи таърихӣ, тасаввуроти мардумӣ ва

арзишҳои фарҳангиро инъикос намоянд. Дар онҳо муносибати инсон ба табиат, меҳнат, оила ва ахлоқ ба таври рамзӣ зоҳир мешавад. Ин гуна воҳидҳо дар осори бадеӣ, фолклор ва гуфтори рӯзмарра истифода шуда, ба пайванди маънавии наслҳо мусоидат мекунанд.

4. Рамзофарӣ ва густариши маъно.

Яке аз вазифаҳои муҳимми фразеологизмҳои фитонимӣ офаридани маънои рамзӣ мебошад. Дар чунин воҳидҳо номи дарахт, гул, мева ё дигар растанӣ аз маънои аслии худ фаротар рафта, метавонад муносибати ахлоқӣ, иҷтимоӣ ё фарҳангиро ифода намояд. Маънои рамзӣ на аз номи растанӣ ба танҳоӣ, балки аз маънои умумии фразеологизм ва вазъияти истифодаи он ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, ҳар таркиби дорои номи растанӣ фразеологизм ё рамзи фарҳангӣ ҳисобида намешавад; устувории он бояд бо манбаи луғавӣ ё матни бадеӣ тасдиқ гардад.

Маънои паём на танҳо аз воҳидҳои забонӣ, балки аз робитаи гӯянда, шунаванда, заминаи гуфтор ва рамз вобаста дониста мешавад. «Ин дидгоҳ имкон мебахшад, ки фразеологизмҳои фитонимӣ ҳамчун воҳидҳои дорои маънои маҷозӣ баррасӣ шаванд: номи растанӣ дар онҳо вобаста ба замина метавонад маънои иловагӣ пайдо кунад» [115, с. 25].

Михаил Бахтин забонро дар робита бо муҳити иҷтимоӣ ва навъҳои гуфтор меомӯзад. «Аз ин нуқтаи назар, фразеологизмҳои фитонимӣ метавонанд таҷрибаи фарҳангӣ, арзёбиҳои ахлоқӣ ва муносибатҳои иҷтимоиро бозтоб диҳанд. Аммо чунин маъно на дар ҳар таркиби дорои номи растанӣ, балки танҳо дар воҳидҳои устувори сабтшуда муайян карда мешавад» [20, с. 45].

Фразеологизмҳои фитонимӣ аксар вақт ба унсурҳои табиӣ такя мекунанд, ки дар фарҳанги мардумии тоҷику англис рамзҳои пуразриш ва маънавӣ доранд. Ин унсурҳо ба таври рамзӣ ба маъноҳои иловагӣ ва гуногунҷабҳа равона шудаанд. Фразеологизмҳои фитонимӣ бо истифодаи рамзҳо ва образҳо воситаи таҳкими маънои иловагӣ ҳастанд, ки ба шунаванда ё хонанда имконият медиҳанд, ки паёмро на танҳо дар сатҳи бевоситаи маъно,

балки дар сатҳи рамзӣ ва фарҳангӣ фаҳманд. Ин намуди ибораҳо ташвиқ мекунанд, ки хонанда дарк ва тафсири васеътару амиқтаре аз маънои ибора пайдо кунад, ки ин ба шиддат ва фарогирии паём меафзояд. Мисолҳо:

1. «гули танҳоӣ» – «lonely flower» – рамзи ҳолати танҳоӣ ва яктоягӣ, ки маънои иловагӣ ва эҳсосоти амиқро дорад. Ин ибора ташвиқ мекунад, ки шахс дар ҳолати душвор ва танҳоӣ қарор дорад.

2. «дарахти решадор» – «a deep-rooted tree» – рамзи устуворӣ ва муқовимат ба душвориҳо, ки дар фарҳанги тоҷикон таъйиноти амиқ дорад. Ин фразеологизм ташвиқ мекунад, ки дар зиндагӣ бояд устувор ва боэътимод буд.

3. «гулпӯш» – «flower-covered» – рамзи зебоӣ ва муҳаббат дар фарҳанги тоҷикон, ки паёмҳои ифодашударо бой ва фарҳангӣ мекунад. Ин ибора дар нутқ метавонад ҳисси гармӣ ва муҳаббатро баён кунад, ки барои муошират самимӣ муҳим аст.

4. «барги сабз» – «a green leaf» – рамзи умед, навоварӣ ва шодмонӣ, ки тавассути он гӯянда эҳсоси мусбатро баён мекунад. Барои ташвиқи фикру ҳисси мусбат истифода мешавад. Рамзсозӣ ва ташвиқ ба фаҳмиши иловагӣ дар фразеологизмҳои фитонимӣ на танҳо маънои ибораҳоро васеъ мекунад, балки нақши фарҳангӣ ва иҷтимоии онҳоро тақвият мебахшад.

5. Таҷассуми урфу одат ва фарҳанг. Фразеологизмҳои фитонимӣ нақши васеъ дар ифодаи урфу одатҳои мардумӣ ва фарҳанги миллӣ доранд. Онҳо дар нутқ ҳамчун як рамзи иртиботи фарҳангӣ хизмат мекунанд ва муҳити умумии забониро устувор мегардонанд. «Фразеологизмҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ на танҳо ифодаи маъноҳои забонӣ ва таъсири бадеӣ ва зебоӣ мебошанд, балки таҷассумгари урфу одат, анъанаҳо ва арзишҳои фарҳангии ҷомеа низ ҳастанд. Ин идиоматикҳо бо унсурҳои табиӣ, ки дар фарҳанги миллии тоҷикон мавқеи махсус доранд, бо худ паёмҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ меборанд. Ин фразеологизмҳо ба маънои васеъ, рамзи тамаддуни мардум ва муошират ахлоқӣ мебошанд» [82, с. 109].

Фразеологизмҳои фитонимӣ вазифаҳои образофарӣ, арзёбӣ, эмотсионалӣ ва экспрессивиро иҷро мекунанд. Онҳо дар нутқи гуфтугӯйӣ,

адабиёти бадеӣ ва матнҳои публисистӣ барои ифодаи хислат, ҳолат, муносибат ва арзёбии иҷтимоию ахлоқӣ истифода мешаванд.

Азбаски на ҳамаи чунин воҳидҳо дар ду забон муодили дақиқ доранд, ҳангоми тарҷума маънои маҷозӣ, контексти истифода ва хусусияти услубии матн бояд мавриди асос қарор гиранд. Дар ҳолати набудани мушобеҳи пурра тарҷумаи функсионалӣ ё тавзеҳӣ истифода мешавад.

Забон ва фразеология бо таҷрибаи иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа робитаи зич доранд. Аз ҳамин рӯ, фитофразеологизмҳоро метавон ҳамчун воҳидҳое баррасӣ кард, ки дар онҳо арзёбӣ ва рамзи фарҳангӣ тавассути маънои яклухти ибора амал мекунад.

Гуфтаҳои фавқро метавон чунини хулосабарорӣ намуд, ки фразеологизмҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ таҷассумгари урфу одати миллӣ ва арзишҳои фарҳангӣ мебошанд. Онҳо на танҳо маънои луғавиро ифода мекунанд, балки таърих, анъана ва фарҳанги мардумро низ баён менамоянд. Ин идиоматикҳо на танҳо воситаи ифодаи маъно ҳастанд, балки рамзи ҳастии фарҳанг ва иртиботи байни наслҳоро ҳам бо худ доранд.

Ифодаи мухтасар ва таъсирбахши вазифаи муоширатии фразеологизмҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ ба мухотаб имконият мебахшад, ки фикру эҳсосоти худро бо камтарин калимаҳо, вале бо пуррагии маъно ва таъсир, баён кунад. Ин Вижагӣ барои самаранокӣ ва зебогии нутқ аҳаммияти муҳим дорад ва нақши муҳим дар равобити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебозад.

Фразеологизмҳо бо ёрии унсурҳои табиӣ баёнгари арзишҳо, одатҳо ва эҳсосоти фарогир ва рамзӣ мебошанд, ки ба муошират мафҳуми бештару амиқ мебахшанд. Фразеологизмҳои фитонимӣ дар нутқ ҳамчун рамзҳои фарҳангӣ хизмат мекунанд ва бо истифодаи онҳо шунавандаву гӯянда имконият доранд рамзҳои маъмул ва урфу одатҳои миллиро баён намоянд.

2.3. Образҳои миллӣ-маънавии фитонимҳо дар фарҳанги тоҷикӣ англисӣ

«Фразеологизмҳои дорои ҷузъи фитонимӣ на танҳо воситаи образнокии нутқ, балки интиқолдиҳандаи таҷрибаи фарҳангӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва муносибати мардум ба табиат, инсон ва ҷомеа мебошанд» [76, с. 157]. Дар чунин воҳидҳо номи растанӣ метавонад барои ифодаи зебоӣ, тароват, фаровонӣ, умед, заҳмат, устуворӣ ё арзёбии манфӣ истифода шавад.

Муқоисаи маводди забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон медиҳад, ки баъзе образҳои фитонимӣ аз таҷрибаи умумии ҳаёти инсон сарчашма гирифта, вазифаҳои маъноии наздик доранд. Аммо интихоби номи растанӣ, тарзи образофарӣ, тобиши арзёбӣ ва доираи истифодаи он дар ҳар забон метавонад фарқ кунад. Уразметова Н.Ю. ва Рябтсова Е.П. менависанд: «Воҳидҳои фразеологии дорои фитонимҳои рамзӣ хусусиятҳои таърихию фарҳангӣ, анъанаҳо, урфу одатҳо, менталитети миллӣ ва низоми арзишҳои ҷомеаи забонию фарҳангиро инъикос менамоянд» [94, с. 11]. Ин тафовутҳо ба анъанаҳои фарҳангӣ, муҳити таърихӣ ва ҷаҳонбинии соҳибони забонҳо вобаста мебошанд.

Аз ин рӯ, образҳои фитонимӣ бояд дар иртибот бо маънои яклухти фразеологизм, контексти истифода ва манбаи фарҳангии он таҳлил карда шаванд. Чунин равиш барои муайян намудани умумият ва тафовути фарҳангии воҳидҳои тоҷикӣ ва мушобеҳҳои англисии онҳо замина фароҳам меорад.

Образҳои фитонимӣ дар забони тоҷикӣ ҳамчун рамзҳои пурмаъно ва таҷассумгари фарҳанги миллӣ ва маънавӣ нақши муҳим доранд. Фитонимҳо – ибораҳои фразеологӣ бо унсурҳои табиӣ дар фарҳанги тоҷикон бештар ҳамчун образҳои рамзӣ ва маънавӣ истифода мешаванд. Ин образҳо на танҳо зебоии забониро таҳким мебахшанд, балки арзишҳои миллии ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро низ таҷассум мекунанд.

Оид ба мавзуи мазкур забоншинос В.В. Виноградов бар ин бовар аст, ки «фразеологизмҳои фитонимӣ дар ҳар фарҳанг рамзҳои маънавӣ ва фарҳангиро

ифода мекунанд ва ин унсурҳо бештар бо маъноҳои миллӣ ва анъанавӣ алоқаманданд» [23, с. 152]. Ба андешаи А.А. Потебня, «образҳои табиӣ дар шеъри мардумӣ танҳо тасвири табиат нестанд, балки воситаи ифодаи таҷриба, эҳсос ва ҷаҳонбинии инсон мебошанд» [61, с. 119]. Ӯ рамзҳои табииро ҳамчун ҷузъи муҳимми тафаккури образии халқ тафсир мебахшад. Аз ин нуқтаи назар, воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои фитонимӣ низ метавонанд маъноҳои рамзӣ ва фарҳангӣ касб намоянд.

Образҳои фитонимӣ дар фарҳанги тоҷику англис таҷассумгари арзишҳои маънавӣ ва урфу одатҳои миллӣ мебошанд, ки дар таърих ва адабиёт ба таври густурда истифода шудаанд.

Образҳои миллӣ-маънавии фитонимҳоро дар фарҳангҳои мардумӣ ба тарзи зерин тасниф намуда, барои мудаллал шудани иддаои худ намунаҳое аз фразеологизмҳои фитонимии фарҳанги мардумии тоҷику англис зикр хоҳем кард:

1. Образҳои рамзии муҳаббат ва эҳтиром: фитонимҳое, ки ишора ба муҳаббат, эҳтиром ва дӯстӣ доранд. Ин образҳо ба ҳиссиёти амиқи инсонӣ ва урфу одати муҳаббат ва эҳтироми мардум алоқаманданд.

Муҳаббат ва эҳтиром дар фарҳанги ҳар миллат, аз ҷумла тоҷику англис, ҳамчун арзишҳои асосӣ маҳсуб мешаванд ва забон яке аз воситаҳои муҳимест, ки онҳоро баён мекунад. Дар забони тоҷикӣ, образҳои фитонимӣ (яъне ибораҳои фразеологӣ, ки унсурҳои растаниҳоро дороянд) ҳамчун рамзҳои муҳаббат ва эҳтиром ба таври густурда истифода мешаванд. Ин образҳо на танҳо ҳиссиётро баён мекунанд, балки арзишҳои маънавӣ ва урфу одати миллӣ – эҳтиром ба оила, дӯстӣ ва алоқаи инсонӣро таҷассум мекунанд.

– Себи чашм – the apple of one’s eye – ин образ рамзи шахси азиз, гаронбаҳо ва дилафрӯз аст. Ибораи «себи чашм» маънои шахсест, ки аз ҳама наздиктар ва дӯстдошта аст. Ин фразеологизм эҳсоси муҳаббат ва эҳтиромро дар сатҳи баланд ифода мекунад. Масалан: Ӯ барои ман ҳамон себи чашм аст, ки ҳаргиз фаромӯш намекунам. Ибора фразеологияи фитонимии мазкур дар

гуфтор барои таъкид кардани муҳаббат ва қадргузорӣ ба касе истифода мешавад.

– Гули саманд – a yellow flower / a pale flower – образи гул дар фарҳанги тоҷикӣ маънои покӣ ва муҳаббатро дорад. Ибораи «гули саманд» ифодаи муҳаббат, самимият ва покии дил мебошад: «Дилам мисли гули саманд шукуфтааст».

Ин ибора эҳсоси муҳаббат ва шодии руҳӣ ва эҳтироми самимиро баён мекунад.

– Барги ширин - sweet leaf - барг дар фарҳанги тоҷикӣ рамзи муҳаббат ва назокат аст. Ибораи «барги ширин» барои тавсифи шахси меҳрубон ва меҳнати дӯстона истифода мешавад. «Вай мисли барги ширин дилпазиру меҳрубон аст».

Ҳамчунин, дар забони англисӣ фитонимҳое, ки ишора ба муҳаббату дӯстӣ доранд, ба унвони мисол дар зайл хоҳем зикр кард:

«You can’t see the wood for the trees – он қадар суман аст, ки ёсамин пайдо нест» [123, с. 345];

«As rosy as an apple – гулгун монанди як себ» [123, с. 197];

«As welcome as flowers in May – хушоянда монанди гулҳои май» [123, с. 393];

«One flower makes no garland – як гул тоҷи гуле намесозад» [123, с. 145].

Образҳои рамзии муҳаббат ва эҳтиром дар фитонимҳои забони мухталиф таҷассумгари арзишҳои маънавӣ ва ахлоқии миллӣ мебошанд. Онҳо бо истифода аз унсурҳои табиӣ эҳсоси муҳаббат, самимият ва эҳтиромро ба таври таъсирбахш ва зебо ифода мекунанд. Ин идиоматикҳо барои рушди нутқи зебо ва пурмазмун ва ташаккули фарҳанги миллӣ нақши муҳим доранд.

2. Образҳои устуворӣ ва боэътимодӣ:

Ба назари мо, дар фарҳангҳои тоҷикӣ ва англисӣ баъзе образҳои фитонимӣ метавонанд рамзи устуворӣ, решадорӣ ва пояндагӣ бошанд. Чунин воҳидҳо дар забон ва нутқ на танҳо маънои образ, балки арзиши фарҳангиро низ ифода менамоянд. Ин дидгоҳ бо таҳқиқе ҳамоҳанг аст, ки фитонимҳоро

ҷузъи рамзии тасвири миллии ҷаҳон ва нишонаи тааллуқоти фарҳангӣ медонанд.

Сарчашмаи сабз – рамзи зиндагии бардавом ва нусрат;

Барги сабз – рамзи умед ва зиндагию навсозӣ;

Дарахти решадор - рамзи устуворӣ, пояндагӣ ва пайванди амиқи таърихӣ ва оилавӣ мебошад. Ин фитоним барои нишон додани қавӣ будан ва ба душвориҳо тобоварӣ истифода мешавад. Масалан: «Маҳз мисли дарахти решадор ӯ дар зиндагӣ устувор ва боэътимод аст» [149, с. 214].

– Сарчашмаи сабз – рамзи зиндагии бардавом, тоза ва пойдор. Образи сарчашма ба маънои манбаи асосӣ ва доимӣ низ истифода мешавад. Чунончи: «Муҳаббат мисли сарчашмаи сабз тоза ва беохир аст» [149, с.105].

– Дарахти қавӣ – рамзи қудрат ва устувории ҷисмонӣ ва маънавӣ. Ин образ дар адабиёти классикӣ ва халқӣ барои тавсифи шахсони пурқувват истифода мешавад: «Вай мисли дарахти қавӣ дар миёни мардум эҳтиром дошт» [149, с. 54].

– Гулханҳои поянда – гулхан ҳамчун рамзи зиндагӣ ва устуворӣ низ истифода мешавад, ки оташи он ҳамеша фурӯзон мемонад.

Образҳои устувориву эътимодро тавассути фитонимҳо дар забони англисӣ ҳам мушоҳида мекунем. Чунончи:

«What goes around, comes around – ҳар касе он даравад оқибат кор, ки кишт» [123, с. 368];

«Without friends a tree like without roots – одами бе дӯст, мисли дарахти бе реша аст» [123, с. 372];

«The apple doesn’t fall far from the tree – себ зери дарахти худаш меафтад» [125, с. 52].

Ин образҳо дар гуфтор вазифаи таъкид ва мустаҳкам кардани арзишҳои иҷтимоӣ ва маънавиро доранд. Онҳо воситаи эътимодбахшӣ ва устувор кардани иртиботот байни одамон мебошанд. Истифодаи чунин фитонимҳо дар нутқи ҳаррӯза ва адабӣ ифодаи собитқадамӣ ва эътимодро дар ҷомеа баён мекунад.

Дар умум, образҳои устуворӣ ва боэътимодӣ дар фитонимҳои забони тоҷикӣ рамзҳои амиқи маънавӣ мебошанд, ки арзишҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии мардумро таҷассум мекунанд. Онҳо бо истифода аз унсурҳои табиӣ ҳисси устуворӣ, эътимод ва пояндагиро баён менамоянд ва нақши муҳим дар ташаккули забони зебо ва таъсирбахш доранд.

3. Образҳои ҳунару заҳматдӯстӣ:

Фитонимҳое, ки заҳматкашӣ, меҳнат ва барқарории зиндагиро ифода мекунанд. Ҳунар ва заҳматдӯстӣ ҳамчун арзишҳои муҳим дар фарҳанги миллӣ ҷойгоҳи воло доранд. Ин арзишҳо асоси рушди ҷомеа ва шукуфоии зиндагии инсон мебошанд. Дар забонҳои маврди пажуҳиш фитонимҳои фразеологӣ ҳамчун рамзҳои заҳматкашӣ, ҳунар ва кӯшиш васеъ истифода мешаванд. Ин образҳо баёнгари меҳнат, устуворӣ ва арзишҳои маънавии мардуми тоҷиканд.

Олими рус В.В. Виноградов таъкид мекунад, ки «фразеологизмҳо воситаҳои пурқуввати баёни аҳаммияти ахлоқӣ ва иҷтимоии арзишҳо, аз ҷумла меҳнат ва ҳунар мебошанд» [22, с. 340]. Инчунин, забоншинос Ю.Д. Апресян қайд мекунад, ки «образҳои табиӣ дар фразеологизмҳо қобилияти баёни амиқи маъноҳои иҷтимоӣ ва ахлоқиро доранд ва дар ин замина нақши муҳим доранд» [14, с. 39].

Бо таваҷҷуҳ ба ақволи боло овардани мисолро аз фразеологизмҳои фитонимӣ ҷоиз медонем. Чунончи:

Занбӯри гул – занбӯр рамзи меҳнат ва ҳунар аст, ки бо заҳмати зиёд барои ҷамъоварии неъмати табиӣ машғул аст. Ин фитоним барои баён кардани заҳматкашӣ ва садоқати меҳнат истифода мешавад.

Масалан: Вай мисли занбӯри гул соати зиёд кор мекунад ва ҳеҷ гоҳ даркор наменомад.

Тухми наботот – тухм рамзи оғози ҳаёт ва заҳмати барпо намудани чизҳои нав аст. Ибораи «тухми наботот» барои ифодаи ибтидои як кори заҳматталаб ва эҳёгар истифода мешавад.

Масалан: Ҳар як идея мисли тухми наботот аст, ки бояд бо меҳнат парвариш шавад.

Гиёҳи шифобахш – гиёҳ рамзи табобат ва ҳифзи саломатӣ мебошад, ки барои барқарорсозии неруи инсон муҳим аст. Ин образ алоқаманд ба меҳнат ва эҳтиёткорӣ аст.

Шохаҳои устувор – шохаҳо ҳамчун бахшҳои дарахт рамзи таҳаммулпазирӣ ва устувории кори дастӣ ва ҳунарӣ мебошанд.

Образи гулҳои парваришшуда дар матни бадеӣ метавонад натиҷаи меҳнат ва заҳматро ифода кунад, аммо бе сабти фарҳангӣ ё такрорпазирии шакл онро фразеологизми устувор номидан дуруст нест. Бинобар ин, чунин тасвирҳо ба корпуси асосии таҳқиқ ворид карда намешаванд.

Фитонимҳое, ки образҳои ҳунару ҳунармандӣ ва меҳнатдӯстиро тасвир мекунанд, дар забони англисӣ бештаранд ва мо барои огоҳии мухотабон баъзе аз онҳоро меорем. Чунончи:

«You can’t dance at two weddings – бо як даст наметавон коре анҷом дод» [27, с. 56];

«Action is the proper fruit of knowledge – бори дарахти илм надонам, ба ҷуз амал» [123, с. 37];

«As the twig is bent, so is the tree inclined – шохи пурсамар сар ба замин аст» [123, с. 58];

Бо таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои боло ин образҳо дар нутқ вазифаи тарғиб ва ташвиқи заҳматкашӣ ва ҳунарро доранд. Онҳо аҳаммияти меҳнат ва эътимод ба қудрати инсонро таъкид мекунанд, ки барои ташаккули фарҳанги меҳнатдӯстӣ ва муваффақият дар ҷомеа муҳим мебошанд.

Образҳои ҳунару заҳматдӯстӣ дар фитонимҳои забони тоҷикӣ - англисӣ таҷассумгари арзишҳои меҳнат ва кӯшиши инсонӣ мебошанд. Онҳо бо истифода аз унсурҳои табиӣ – мисли занбӯр ва гул – аҳаммияти заҳматро баён мекунанд ва нақши муҳим дар ташаккули маънавиёт ва фарҳанги миллӣ доранд.

4. Образҳои табиат ва покӣ:

Образҳои миллӣ-маънавии фитонимӣ дар забони тоҷикӣ ҳамчун рамзҳои фарҳангӣ ва маънавӣ нақши муҳим доранд. Ин образҳо арзишҳои

миллӣ, урфу одат ва таърихро таҷассум карда, ба рушди забон ва фарҳанг таъсири мусбат мерасонанд. Фитонимҳо на танҳо ба нутқ зебоӣ ва таъсирбахшӣ мебахшанд, балки рамзҳои амиқи маънавӣ ва иҷтимоиро ифода менамоянд. Образҳои марбут ба табиат, покӣ, софдилӣ ва муҳити зист, ки таҷассумгари покию одоби миллии тоҷикон ҳастанд.

Фарҳанг ва таърих рукнҳои асосии ҳастии ҳар миллатанд, ки арзишҳо, суннатҳо ва тақрибаи умумии онро таҷассум мекунанд. Дар забони тоҷикӣ фитонимҳо (фразеологизмҳои бо унсурҳои растаниҳо) ҳамчун рамзҳои фарҳангӣ ва таърихӣ нақши муҳим мебозанд. Ин образҳо на танҳо маъноҳои маънавӣ доранд, балки нишондиҳандаи мероси фарҳангӣ ва тамаддуни миллати тоҷик низ ҳастанд.

Фразеологизмҳо на танҳо ҳамчун унсурҳои забонӣ, балки ҳамчун боркунандагони арзишҳои фарҳангӣ ва таърихӣ шинохта мешаванд. «Фитонимҳо, ки дар онҳо унсурҳои табиӣ мавҷуданд, барои ифодаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ хизмат мекунанд. Фразеологизмҳо дар ташаккули шинохти фарҳангӣ нақши муҳим доранд, зеро онҳо бо аломатҳо ва рамзҳои фарҳангӣ ҳамҷоя шудаанд» [82, с. 44].

Робитаи фитоним бо маънои фразеологӣ доиман якхела нест. Дар баъзе воҳидҳо номи растанӣ тасвири асосиро нигоҳ медорад, дар гурӯҳи дигар он ба воситаи ифодаи маънои маҷозӣ ё арзёбӣ табдил меёбад. Дар забони мақсад ҳамон мафҳум метавонад тавассути фитоними дигар, образи ғайринабототӣ ё ибораи озоди тавзеҳӣ ифода гардад. Аз ин рӯ, муқоисаи воҳидҳои фразеологӣ-фитонимӣ дар забони тоҷикӣ ва мутобиқати онҳо дар забони англисӣ муносибати байни маъно, образ ва сохтори онҳо дар забонҳои мавриди назар на ҳамеша яксон аст. Беназирии воҳидҳои фразеологӣ ба вижагиҳои забонӣ ва фарҳангии тоҷикзабонон ва англисзабонон вобаста мебошад.

Ҳамин тавр дар асоси таҳлили анҷомёфта чунин натиҷаҳои умумӣ ба даст омаданд:

1. Воҳидҳои фразеологии бо ҷузъи «фитоним» гурӯҳи махсуси воҳидҳои фразеологӣ ба шумор меравад. Дар таркиби онҳо, одатан, номи растаниҳо, дарахтон, гулу гиёҳ ва меваҳо ифода меёбанд, ки дар бештари мавридҳо маънои маҷозӣ касб менамоянд [3-М].

2. Воҳидҳои фразеологӣ-фитонимӣ вобаста ба маъно ба гурӯҳҳои мухталиф, аз қабили, воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи хислатҳои инсонӣ, ҳиссиёту эҳсосот, муносибати иҷтимоӣ, рафтору кирдор, ҳолати равонӣ ва амсоли инҳо тасниф мешаванд. Ҳар яке аз ин гурӯҳҳо дорои вижагиҳои хоси маъноӣ ва услубӣ буда, нуткро латиф ва ҷаззоб мегардонанд [4-М].

3. Ба гурӯҳи воҳидҳои фразеологӣ-фитонимии ифодакунандаи хислатҳои инсонӣ он воҳидҳое дохил мешаванд, ки намуди зоҳирӣ, олами ботинӣ ва ҳолати равонии шахсро тавсиф мекунанд. Дар ин навъи воҳидҳои фразеологӣ ҷузъи «фитоним» ҳамчун воситаи образноки тавсифи хислати инсон корбаст мешавад. Фитонимҳо дар ин навъи воҳидҳои фразеологӣ зебоӣ, нозукӣ, меҳрубонӣ, қавииродаву қавиазмӣ, заифӣ, якравиву саркаш будани инсонро ифода мекунанд [5-М].

4. Ба гурӯҳи воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи ҳиссиёту эҳсосот он воҳидҳое шомиланд, ки ҳама гуна эҳсосоти инсонӣ, аз қабили, ғаму андӯҳ, шодию хурсандӣ, муҳаббату дӯстӣ, нафрату бадбинӣ ва амсоли инҳоро ифода мекунанд. Дар ин навъи воҳидҳои фразеологӣ номи растанӣ тавассути хусусиятҳои зоҳирӣ, рангу бӯй ба эҳсосоти инсонӣ муқоиса карда мешавад [5-М].

5. Ба гурӯҳи воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ он воҳидҳое мансуб мебошанд, ки муносибат миёни одамон, робитаҳои дӯстиву ҳамкорӣ, хешутаборӣ ва мавқеи иҷтимоии шахсро ифода мекунанд. Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ чунин воҳидҳои фразеологӣ, дар баробари муносибатҳои иҷтимоӣ, арзиш ва меъёрҳои ахлоқиро низ ифода мекунанд [5-М].

6. Вазифаи услубии воҳидҳои фразеологӣ-фитонимӣ, пеш аз ҳама, дар он зорҳир меёбад, ки онҳо нуткро муассир, ҷолиб ва дилкаш мегардонанд. Воҳидҳои фразеологӣ-фитонимӣ муносибати фардии гӯяндаро нисбат ба ҳама гуна ашёву ашхос ва падидаву ҳодисаҳои муҳити атроф ифода мекунанд [5-М].

7. Вазифаи дигари услубии воҳидҳои фразеологӣ-фитонимӣ дар образофарии онҳо зоҳир меёбад. Ин навъи воҳидҳои фразеологӣ дар шуури хонанада ва ё шунаванда образҳои муайянро марбут ба муҳити атроф ба вуҷуд меоранд. Ҳамзамон, воҳидҳои фразеологӣ-фитонимӣ вазифаи арзёбиро доро буда, тавассути онҳо гӯянда ва ё нависанда муносибати худро нисбат ба ҳодисаву падидаҳо иброз медорад [3-М].

8. Воҳидҳои фразеологии фитонимӣ дар ҳар ду забон дорои устувории таркибӣ ва маъноӣ мебошанд. Онҳо ҳамчун воҳиди яклухти нуткӣ дарк мешаванд ва номи гиёҳ, дарахт, гул ё мева барои ифодаи хислат, ҳолат, рафтор, муносибат ё арзёбии шахс ва ҳодиса ба кор меравад. Ҳамзамон, чунин воҳидҳои фразеологӣ дорои хусусиятҳои миллию фарҳангӣ буда, ҷаҳонбинӣ, тафаккур ва таҷрибаи ҳаёти соҳибзабононро инъикос менамоянд [6-М].

9. Таснифи маводди забони тоҷикӣ аз рӯйи навъи фитоним ва самти маъноӣ нишон дод, ки растаниҳо дорои имкони гуногуни образофарӣ мебошанд. Номҳои дарахтон бештар бо мафҳумҳои устуворӣ, решадорӣ ё тағйирпазирӣ, номҳои гулҳо бо ҳиссиёт, зебоӣ, нозукӣ ё пажмурдагӣ ва номҳои меваву гиёҳҳо бо фаровонӣ, камол, ҳосил, таъм ва арзёбии иҷтимоӣ алоқаманд мешаванд [7-М].

10. Механизмҳои асосии маъносозӣ дар фитофразеологизмҳо маҷоз, ташбеҳ, рамз ва киноя мебошанд. Онҳо имкон медиҳанд, ки номи растанӣ маънои нави иҷтимоӣ ё равонӣ гирифта, муносибати мусбат, манфӣ ё киноявии гӯяндаро нисбат ба воқеа ифода намоянд [8-М].

11. Ташаккул ва инкишофи воҳидҳои фразеологӣ-фитонимӣ бо ҳаёти рӯзмарра ва иҷтимоӣ, таҷрибаи инсонӣ, ҷаҳонбинӣ ва анъанаҳои фарҳангии соҳибзабонон алоқаманд мебошад. Соҳибзабонон дар натиҷаи мушоҳидаи намуд ва хусусиятҳои зоҳирии растаниҳо ва муқоисаи онҳо бо сифату хислатҳо ва тарзи зиндагии худ дар забон воҳидҳои устувореро ифода намудаанд, ки аз ҷузъи «фитоним» таркиб ёфта, дорои тобишҳои гуногуни маъноӣ мебошанд [8-М].

12. Манбаҳои асосии пайдоиши воҳидҳои фразеологӣ-фитонимӣ – адабиёти бадеӣ, фолклор, расму оин ва урфу одатҳои мардумӣ маҳсуб меёбанд, зеро маҳз дар ин сарчашмаҳо таҷрибаи зиндагӣ, ҷаҳонбинӣ, тасаввурот ва фикру ақидаҳои соҳибзабонон дар бораи муҳити атроф инъикос ёфтаанд [8-М].

13. Адабиёти бадеӣ аз ҷумлаи сарчашмаҳои муҳимми ташаккул ва густариши воҳидҳои фразелогӣ-фитонимӣ маҳсуб меёбад. Дар ашъори

шоирону нависандагони тоҷику англис корбасти фитонимҳо ва воҳидҳои фразеологӣ-фитонимӣ ба назар мерасад, ки нақши онҳо дар офаридани образҳои бадеӣ, ифодаи ҳиссиёту эҳсосот, тасвир ва тавсифи симои зоҳирӣ ва хислатҳои ботинии инсон муҳим арзёбӣ мегардад [6-М].

14. Фолклор яке аз қадимтарин ва муҳимтарин сарчашмаҳои пайдоиш ва ташаккули воҳидҳои фразеологӣ-фитонимӣ ба шумор меравад. Дар таркиби афсонаҳо, зарбулмасалу мақолҳо, чистонҳо, сурудҳои халқӣ ва достону ривоятҳо фитонимҳо ба таври васеъ корбаст мешаванд. Дар таркиби осори фолклорӣ номи растиҳо маъноҳои рамзӣ ва маҷозӣ касб менамоянд ва дар бештари мавридҳо маънои аслии онҳо заиф мешаванд ва ё пурра аз байн мераванд [7-М].

15. Саҳми урфу одат ва анъанаҳои мардумӣ низ дар ташаккул ва густариши воҳидҳои фразеологӣ-фитонимӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Растаниҳо дар ҳаёти тоҷикзабонон ва англисзабонон дорои арзишҳои маънавӣ ва рамзӣ мебошанд. Онҳо дар ҷашну маросимҳои миллӣ, расму оин ва анъанаҳои мардумӣ ҳамчун рамзи некиву некбахтӣ, фаровонӣ, зебоиву покизагӣ истифода мешаванд [7-М].

16. Омузиши сарчашмаҳои пайдоиш ва ташаккули воҳидҳои фразеологӣ-фитонимӣ барои муайян кардани вижагиҳои миллию фарҳангии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аҳаммияти хосса дорад, зеро ҳар як халқ вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ, таърих ва арзишҳои фарҳангӣ ба растаниҳо маъно ва рамзҳои гуногун нисбат медиҳанд.

17. Муқоисаи воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз мавҷудияти ҳам умумият ва ҳам тафовути миллӣ-фарҳангӣ шаҳодат медиҳад. Умумият аз таҷрибаи муштараки инсон дар муносибат бо табиат, меҳнат, ҳаёт ва ҳолатҳои равонӣ бармеояд; тафовут ба интихоби фитоним, тарзи тасвир, анъанаи истифода ва тобиши услубии воҳид вобаста аст [2-М].

18. Мутобиқати пурра, нопурра ва функсионалӣ дар муайян намудани мутобиқати байнизабонӣ муҳим арзёбӣ мегарданд. Дар ин замина, мутобиқати

пурра ҳолатеро фаро мегирад, ки воҳидҳои забонҳои муқоисашаванда аз ҷиҳати маъно ва вазифаи коммуникативӣ ба ҳамдигар мувофиқ буда, метавонанд дар мавқеъҳои якхела истифода шаванд. Мутобиқати нопурра бошад, дар ҳолате ба назар мерасад, ки воҳидҳои забонӣ танҳо аз баъзе ҷиҳатҳо ба ҳам мувофиқат мекунанд ва байни онҳо фарқиятҳои маъноӣ, сохторӣ ё услубӣ вуҷуд доранд. Мутобиқати функционалӣ бошад, на ба ҳаммонандии шаклии воҳидҳои забонӣ, балки ба иҷрои вазифаи якхелаи онҳо дар раванди муошират асос меёбад. [2-М].

19. Ҳангоми тарҷумаи воҳидҳои фразеологии фитонимӣ нигоҳ доштани номи растанӣ на ҳамеша ҳадафи асосӣ ба ҳисоб меравад. Агар корбасти тарҷумаи таҳтуллафзӣ боиси норавшан ё ғайритабиӣ садо додани воҳиди фразеологӣ дар забони тарҷумашаванда гардад, пас, дар ин маврид, бояд ба интиқоли маънои маҷозӣ ва муассирии воҳид афзалият дода мешавад. Дар сурати мавҷуд набудани муодили устувор тарҷумаи тавсифӣ ё омезиши муодили функционалӣ бо шарҳи мухтасари фарҳангӣ роҳи муносиби интиқол воҳиди фразеологӣ маҳсуб меёбад.

20. Ҳангоми интихоби роҳи тарҷума нахуст маънои умумӣ ва марказии воҳид муайян карда мешавад; баъдан вазифаи он дар матн, тобиши услубӣ ва самти арзёбӣ ба назар гирифта мешавад. Танҳо пас аз таҳлили ин ҷанбаҳо масъалаи нигоҳ доштани фитоними аслӣ, иваз намудани он бо унсури мувофиқ дар забони тарҷума ё ба таври тавзеҳӣ ифода кардани маънои воҳид баррасӣ мешавад. Дар ин раванд, тарҷумон бояд на танҳо маънои луғавӣ ва маҷозии воҳиди фразеологиро, балки таъсири эҳсосию муассирӣ, тобишҳои миллию фарҳангӣ ва мақсади баёнро низ ба инобат гирад [5-М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқ оид ба мавзуи «Воҳидҳои фразеологӣ-фитониии забони тоҷикӣ ва мушобеҳи онҳо дар забони англисӣ» тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Натиҷаҳои таҳқиқи мазкурро метавон зимни омузиши масъалаҳои мухталифи воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногун ҳамчун дастури амалӣ истифода намуд, зеро дар доираи ин таҳқиқ на танҳо вижагиҳои сохторию маъноии воҳидҳои фразеологӣ-фитонимӣ, балки масоили назариявии воҳидҳои фразеологӣ дар умум мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

2. Натиҷаҳои таҳқиқ, инчунин, барои мутахассисони соҳаи тарҷума метавонанд ҳамчун роҳнамо ва дастурӣ амалӣ кӯмак расонанд, зеро дар доираи диссертатсияи мазкур вижагиҳои тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ-фитонимӣ баррасӣ гардида, роҳу воситаҳои муносибтарини тарҷумаи ин навъи воҳидҳои фразеологӣ пешниҳод шудаанд.

3. Маводди таҳқиқ метавонад дар раванди таълими забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода шавад. Омузгорон аз натиҷаҳои таҳқиқ зимни шарҳи маънои воҳидҳои фразеологӣ, таҳлили вижагиҳои сохтории онҳо, ҳамзамон, муайян кардани муодилҳои онҳо метавонанд истифода намоянд.

4. Бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқ метавон фарҳангҳои дузабонаи воҳидҳои фразеологӣ-фитонимиро таҳия намуд, зеро дар доираи диссертатсияи мазкур шарҳи маъноии ин воҳидҳо пешниҳод гардида, маънои маҷозӣ, тобишҳои миллию рамзӣ, вижагиҳои сохторӣ, дараҷаҳои мутоиқати онҳо ошкор гардидааст.

5. Ҳамчунин, маводди ҷамъоваришударо метавон ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, маҷмуаи машқҳо ва маводди методӣ оид ба фразеология, назария ва амалияи тарҷума мавриди истифода қарор дод, зеро онҳо метавонанд барои баланд бардоштани сатҳи донишҳои забонӣ ва фарҳангии донишҷӯён мусоидат намоянд.

6. Ба натиҷаҳои таҳқиқ, дар тарҷумаи матнҳои бадеӣ ва оммавӣ зимни интихоби муодил муроҷиат кардан мумкин аст. Чунин санҷиш эҳтимоли аз даст рафтани маънои маҷозӣ, таъсири услубӣ ва нишонаҳои фарҳангии воҳидро кам мекунад.

7. Таҳқиқоти минбаъда метавонанд ба ҷамъоварии маводди корпусӣ, омузиши истифодаи фитофразеологизмҳо дар жанрҳои гуногуни нутқ, таҳлили таърихии онҳо ва таҳияи фарҳанги махсуси фразеологизмҳои фитонимии тоҷикӣ-англисӣ равона гардад.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

I. Адабиёти илмӣ

1. Абдуллоева, С.Ю. Контактность фразеологических единиц с фитонимиями и зоокомпонентами в таджикском и шугнанском языках [Текст] / С.Ю. Абдуллозода, С.Ш. Шосафоева // Номаи донишгоҳ. Учёные записки. – Душанбе, 2018. – №3 (56). – С. 99-103.
2. Азимова, М.Н. О сопоставительно-типологическом изучении таджикской фразеологии [Текст] / М.Н. Азимова // Лингвометодологические вопросы преподавания иностранных языков: тез. докл. – Душанбе: Дониш, 1982. – С. 12-18.
3. Азимова, М.Н. Сопоставительно-типологические исследования фразеологической системы таджикского и английского языков [Текст] / М.Н. Азимова. – Душанбе, 2006. – 242 с.
4. Азимова, М.Н. Сопоставительный анализ фразеологических параллелей английского и таджикского языков [Текст] / М.Н. Азимова. – Душанбе, 1999. – 115 с.
5. Алефиренко, Н.Ф. Спорные проблемы семантики [Текст] / Н.Ф. Алефиренко. – М.: Гнозис, 2005. – 326 с.
6. Алефиренко, Н.Ф. Теоретические основы учения о внутренней форме фразем [Текст] / Н.Ф. Алефиренко // Семантика языковых единиц. Доклады V Международной конференции. Т. 1. – М, 1996.– С. 4-9.
7. Алефиренко, Н.Ф. Фразеологическое значение в аспекте межуровневого взаимодействия языковых единиц [Текст] / Н.Ф. Алефиренко // Исследования по семантике русского языка. Межвузовский сборник научных трудов. – Кострома, 1991. – С. 3-11.
8. Алефиренко, Н.Ф. Фразеология и паремиология [Текст] / Н. Ф. Алефиренко, Н. Н. Семененко. – М.: Флинта: Наука, 2009. – 344 с.
9. Алефиренко, Н.Ф. Фразеология и паремиология: Учебное пособие для бакалаврского уровня филологического образования [Текст] / Н.Ф. Алефиренко, Н.Н. Семененко. – М.: Флинта: Наука, 2009. – 344 с.

10. Алпатов, В.М. Об антропоцентричном и системоцентричном подходах к языку [Текст] / В.М. Алпатов // Вопросы языкознания. 1993. – № 3. – С. 15-26.

11. Амосова, Н.Н. Основы английской фразеологии [Текст] / Н.Н. Амосова. – Л.: ЛГУ, 1954. – 208 с.

12. Амосова, Н.Н. Основы английской фразеологии [Текст] / Н.Н. Амосова. – Ленинград: Издательство Ленинградского университета, 1963. – 438 с.

13. Амосова, Н.Н. Современное состояние и перспективы фразеологии [Текст] / Н.Н. Амосова // Вопросы языкознания. – 1966. – № 3. С. 72-81.

14. Апресян, Ю.Д. Образ человека по данным языка: попытка системного описания [Текст] / Ю.Д. Апресян // Вопросы языкознания, 1995. – № 1. – С. 37-67.

15. Арабзода, Ф.Ҳ. Таҳлили муқоисавии вижагиҳои забонию фарҳангии ифодаи консепти «гул» (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) [Матн]: дисс. ... номз. илмҳои филологӣ / Ф.Ҳ. Арабзода. – Душанбе, 2024. – 168 с.

16. Архангельский, В.Л. Устойчивые фразы в современном русском языке: основы теории устойчивых фраз и проблемы общей фразеологии [Текст] / В.Л. Архангельский. – Ростов-на-Дону: Изд-во Ростовского университета, 1964. – 315 с.

17. Ахмедова, Г.У. Отражение национально-культурных ценностей немецкого народа в пословицах и поговорка (на материале немецких пословиц и поговорок) [Текст] / Г.У. Ахмедова // Вестник национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2016. – № 4/3 (203). – С. 121-126.

18. Бабкин, А.М. Идиоматика (фразеология) в языке и в словаре [Текст] / А.М. Бабкин // Современная рус. луғатнигорӣ. – Л., 1977. – 89 с.

19. Бабкин, А.М. Русская фразеология, ее развитие и источники [Текст] / А.М. Бабкин. – Л.: Наука, Ленингр. отд-ние, 1970. – 263 с.

20. Бахтин, М.М. Проблема речевых жанров [Текст] / М.М. Бахтин // Забоншиносӣ словесного творчества. – М.: Искусство, 1979. –С. 237-280.

21. Бобылев, Б.Г. Теоретические основы филологического анализа художественного текста [Текст] / Б.Г. Бобылев. – Орел: Орел ГТУ, 2003. – 206 с.

22. Виноградов, В.В. Избранные труды: Исследования по русской грамматике [Текст] / В.В. Виноградов. – М.: Наука, 1975. – 559 с.

23. Виноградов, В.В. Об основных типах фразеологических единиц в русском языке [Текст] / В.В. Виноградов // Избранные труды. Лексикология и луғатнигорӣ. – М.: Наука, 1977. – С. 140-161.

24. Виноградов, В.В. Основные понятия русской фразеологии как лингвистической дисциплины [Текст] / В.В. Виноградов // Труды юбилейной научной сессии ЛГУ. – Ленинград, 1946. – С. 45-69.

25. Виноградов, В.В. Основные типы фразеологических единиц в русском языке [Текст] / В.В. Виноградов // Он же. Избранные труды. Лексикология и лексикография. – М., 1977. – С. 140-161.

26. Гафорова, Т.С. Особенности языковых средств художественных изображений и проблемы их перевода [Текст]: монография / Т.С. Гафорова. – Душанбе: Дониш, 2021. – 148 с.

27. Гвоздарев, Ю.А. Основы русского фразообразования [Текст] / Ю.А. Гвоздарев. – Ростов н/Д.: Изд-во Ростовского ун-та, 1977. – 184 с.

28. Голева, Г.С. Фразеологическая система современного персидского языка (фарси) и принципы сопоставления фарси-русского фразеологического словаря [Текст]: дисс. док. филол. наук. / Г.С. Голева. – М., 2005. – 246 с.

29. Ғафарова, К.Т. Сопоставительный анализ фразеологических единиц с зоонимами и фитонимами в таджикском, немецком и русском языках [Текст]: дисс. канд. филол. наук / К.Т. Ғафарова. – Душанбе, 2007. – 164 с.

30. Дехканова, О.К. Синхронно-типологический анализ системы паремий и фразем с компонентами слов-фитонимов в языках разного грамматического строя (на материале узбекского, таджикского и английского

языков) [Текст]: дис. … канд. филол. наук. / О.К. Дежанова. – Худжанд, 2022. – 214 с.

31. Деҳқонова, О.К. Паремияҳои синонимӣ бо ҷузъи луғавии фитонимӣ дар забонҳои сохти грамматикиашон гуногун (дар асоси маводди забонҳои ӯзбекӣ, тоҷикӣ ва англисӣ) [Текст] / О.К. Деҳқонова // Паёми ДСРТ. – №1(76). – С. 196-204.

32. Дин, Л. Фитонимы-названия древесных растений в русских и китайских фразеологизмах с религиозным компонентом (лингвокультурологический аспект) [Текст] / Л. Дин // Мир науки. Социология, филология, культурология. – 2023. – Т. 14. – №4. – С. 1-9.

33. Дустзода, Ҳ.Ҷ. Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик) [Матн]: автореферат дис. …номз. илм. филол: 10.02.01 / Ҳ.Ҷ. Дустзода. – Душанбе, 2023. – 60 с.

34. Ефремова, Н.И. Лексико-тематические группы в составе паремий и степень их разнообразия / Н.И. Ефремова // Славянская фразеология в ареальном, историческом и этнокультурном аспектах: Материалы IV Международной научной конференции. – Гомель, 2005. – С. 15-18.

35. Жуков, В.П. Русская фразеология [Текст] / В.П. Жуков. – М.: Высшая школа, 1986. – 310 с.

36. Жуков, В.П. Семантика фразеологических оборотов [Текст] / В.П. Жуков. – М.: Просвещение, 1978. – 160 с.

37. Зубайдова, С.Ш. Фразеологические единицы, содержащие наименование декоративных растений на основе анализа материалов английского и таджикского языков / С.Ш. Зубайдова // Вестник педагогического университета. – Душанбе, 2022. – №1 (96). – С. 69–73.

38. Ивановска, Б. On the Macedonian Equivalency of English Plant Idioms [Text] / Б. Иванова // Procedia – Social and Behavioral Sciences. – 2011. – Vol. 15. – P. 2857-2861.

39. Икрамова, Х.И. К межъязыковой муодилности фразеологических единиц и слов (по материалам русского и таджикского языков) [Текст] / Х.И. Икрамова // Вопросы языкознания: Материалы XXIV научной конференции профессорско-преподавательского состава СамГУ им. А. Навои. Самарканд, 1967. – С. 45-48.

40. Кунин, А.В. Английская фразеология (теоретический курс) [Текст] /А.В. Кунин. – М.: «Высшая школа», 1970. – 348 с.

41. Кунин, А.В. Курс фразеологии современного английского языка. – 2-е изд., перераб. [Текст] / А.В. Кунин. – М.: Высшая школа, 1996. – 381 с.

42. Кунин, А.В. Фразеология современного английского языка: опыт систематизированного описания. [Текст] / А.В. Кунин. – М.: Международные отношения, 1972. – 288 с.

43. Қосимова, М.Н. Мухтасар оид ба ибораҳои изофии номӣ [Текст] / М.Н. Қосимова // Мактаби Советӣ. – 1967. – №2. – С. 18-22.

44. Маджидов, Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка [Текст] / Х. Маджидов. – Душанбе, 2006. – 406 с.

45. Маджидов, Х. К определению фразеологического знака [Текст] / Х. Маджидов // Русский язык- язык дружбы и братства: (Тез.докл.). – Душанбе, 1985. – С. 144-145.

46. Маджидов, Х. К вопросу о классификации фразеологических единиц современного таджикского языка [Текст] / Х. Маджидов // Всесоюзная научная конференция по иранской филологии: тез. докл. – Ташкент: Изд-во Ташкентского гос. ун-та, 1964. – С. 16-20.

47. Маджидов, Х. Сходства отражения действительности во фразеологии таджикского и других языков [Текст] / Х. Маджидов // Тезисы докладов и сообщений Симпозиума «Шахнаме» Фирдавси – величайшее творение в истории мировой цивилизации. – Тегеран, 1994. – С. 70-99.

48. Мақсудов, Т. Дар бораи воҳидҳои фразеологӣ ва вазифаи синтаксисии онҳо [Матн] / Т. Мақсудов, Ф.К.Зикриёев, Ҳ. Ҷалилов. – Душанбе, 1976. – 92 с.

49. Малышева, Н.В. Фразеолгические трансформации в речевой деятельности и переводческой практике (на материале произведений В. Высоцкого и Л. Филатова) [Текст]: автореф. дис. . канд. филол. наук / Н.В. Малышева. – Кемерово, 2008. – 21 с.

50. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик [Матн] / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 104 с.

51. Маслова, В.А. Введение в лингвокультурологию [Текст] / В.А. Маслова. – М.: Наследие, 1997. – 207 с.

52. Маҷидов, Ҳ. Таркиби лексикии воҳидҳои фразеологӣ [Матн] / Ҳ. Маҷидов // Мактаби советӣ. – 1986. – №10. – С. 28-31.

53. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 370 с.

54. Мелерович, А.М Семантическая структура фразеологических единиц в современном русском языке как лингвистическая проблема [Текст]: автореф. дис. докт. филол. наук / А. М. Мелерович. – Л., 1982. – 40 с.

55. Мельчук, И.А. Опыт теории лингвистических моделей «Смысл ⇔ Текст» : семантика, синтаксис / И. А. Мельчук. – Москва : Наука, 1974. – 314 с.

56. Мельчук, И.А. О терминах устойчивость и идиоматичность [Текст] / И.А. Мельчук // Вопросы языкознания, 1960. – №4. – С. 73-80.

57. Назарзода, Т. Фразеологизмҳо дар фолклори тоҷик [Матн] / Т. Назарзода. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 200 с.

58. Недкова, Э. О переводе фразеологизмов, служащих средством выразительности в художественной литературе [Текст] / Э. Недкова // Вестник ВолГУ. Серия 2., 2004. – Вып. 3. – С. 104-109.

59. Пермяков, Г.Л. Основы структурной паремиологии [Текст] / Г.Л. Пермяков. – М.: Наука, 1988. – 235 с.

60. Пермяков, Г.Л. От поговорки до сказки (заметки по общей теории клише) [Текст] / Г.Л. Пермяков. – М.: Гл. ред. восточной литературы изд-ва «Наука», 1970. – 240 с.

61. Потебня, А.А. О некоторых рамзах в славянской народной поэзии: магистерская диссертация [Текст] / А.А. Потебня. – Харьков: Университетская типография, 1860. – 155 с.

62. Раджабова, М.М. Структурно-семантические особенности коммуникативных фразеологических единиц в таджикском и английском языках [Текст]: дисс. … кан. филол. наук. / М.М. Раджабова. – Худжанд, 2010. – 140 с.

63. Рахимов, Д. Приметы как жанр таджикского фолклора: дисс... кан. филол. наук. [Текст] / Д. Рахимов. – Душанбе, 2003. – 186 с.

64. Рахмонова, Н.Ш. Соматические фразеологические единицы в таджикском и русском языках [Текст]: дисс. … кан. филол. наук. / Н.Ш. Рахмонова. – Душанбе, 2006. – 154 с.

65. Рахмонова, Н.Ш. Соматические фразеологические единицы в таджикском и русском языках [Текст]: автореф. дисс. канд. филол. наук. / Н.Ш. Рахмонова. – Душанбе, 2006. – 22 с.

66. Реформатский, А.А. Введение в языковедение: учебник для вузов / А.А. Реформатский; под. ред. В.А. Виноградова. – М.: Аспект Пресс, 2001. – 536 с.

67. Ройзензон, Л.И. Лекции по общей и русской фразеологии [Текст] / Л.И. Розензон. – Самарканд, 1973. – 223 с.

68. Ройзензон, Л.И., Авалиани, Ю.Ю. Современные аспекты изучения фразеологии [Текст] / Л.И. Розензон // Проблемы фразеологии и задачи её изучения в высшей и средней школе. – Вологда, 1967. – С. 87-93.

69. Ройзензон, Л.И. Фразеологическая и лексическая омонимия [Текст] / Л.И. Розензон, А.М. Эмирова // Вопросы фразеологии. – Самарканд, 1970. – С. 294-300.

70. Рубинчик, Ю.А. Фразеология иранских языков: состояние и проблемы изучения [Текст] / Ю.А. Рубинчик // Труды Самаркандского гос. ун-та. Новая серия. – Самарканд, 1976. – №227. – Вып. 7. – С. 34-43.

71. Савенкова, Л.Б. Русская паремиология: семантический и лингвокультурологический аспекты [Текст] / Л.Б. Савенкова. – Ростов н/Д: Изд-во Рост. ун-та, 2002. – 239 с.

72. Саидов, Р. Воҳидҳои фразеологӣ дар назми халқӣ [Матн]. Қ.2. / Р. Саидов. – Душанбе: Дониш, 1991. – 143 с.

73. Саидов, Р. Воҳидҳои фразеологӣ дар назми халқӣ [Матн] Қ.1. / Р. Саидов. – Душанбе, 1990. – 108 с.

74. Саидов, Р. Фразеология таджикской народной поэзии: на основе эпоса «Гуругли», четверостишия и бейта [Текст]: дисс. д-ра филол. наук. / Р. Саидов. – Душанбе, 1997. – 321 с.

75. Сакаева, Л.Р. Отражение антропоцентризма во фразеологии английского, русского и таджикского языков [Текст]: дисс. канд. филол. наук. / Л.Р. Сакаева. – Казань, 2004. – 217 с.

76. Седых, А.П. Фитонимическая фразеология и национальный дискурс [Текст] / А.П. Седых, М.М. Бондарева // Филологические науки. Вопросы теории и практики – М., 2018. – №5-1 (83). – С. 155-159.

77. Смирницкий, А.И. Лексикология английского языка [Текст] / А.И. Смирницкий. – М.: Изд-во литературы на иностранных языках, 1956. – 259 с.

78. Солодуб, Ю.П. Фразеологическая образность и способы ее параметризации [Текст] / Ю.П. Солодуб // Фразеография в Машинном фонде русского языка. – Москва: Наука, 1990. – С. 139-146.

79. Солодуб, Ю.П. Образность фразеологизмов и фразеологическая номинация [Текст] / Ю.П. Солодуб // Фразеологическая номинация: Особенности семантики фразеологизмов. Межвузовский сборник научных трудов. – Ростов-на-Дону, 1986. — С. 4-11.

80. Солодуб, Ю.П. Роль словесного комплекса прототипа в реализации коннотативных возможностей фразеологизма [Текст] / Ю.П. Солодуб // Филологические науки,1996. – № 1. – С. 11-17.

81. Солодуб, Ю.П. Сопоставительный анализ структуры лексического и фразеологического значений [Текст] / Ю.П. Солодуб // Филологические науки. НДВШ, 1997. – №5. – С.43-54.

82. Султонзода, М. Структурно-семантический анализ лексики, отражающей растительный мир в таджикском и английском языках [Текст]: дисс. канд. филол. наук / М. Султонзода. – Душанбе, 2019. – 150 с.

83. Султонзода, М. Типологические особенности наименования и словосложения фитонимов в разноструктурных языках [Текст] / М. Султонзода // Вестник института языков. Серия филологических, педагогических и исторических наук. – Душанбе, 2022. – №1 (45). – С. 36-42.

84. Талабов, Т.С. Омӯзиш ва истифодаи зарбулмасал ва маҳолҳои инъикоскунандаи муносибатҳои байнишахсӣ дар забони олмонӣ ва тоҷикӣ [Матн] / Т.С. Талабов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2024. – № 4 (278). – С. 221-226.

85. Телия, В.Н. Основные особенности значения идиом как единиц фразеологического состава языка [Текст] / В.Н. Телия // Словарь образных выражений русского языка. – М.: Отечество, 1995. – С. 10-16.

86. Телия, В.Н. Русская фразеология: семантический, прагматический и лингвокультурологический аспекты [Текст] / В.Н. Телия. – М.: Школа «Языки русской культуры», 1996. – 288 с.

87. Телия, В.Н. Семантика идиом в функционально-параметрическом отображении [Текст] / В.Н. Телия – М.: Наука, 1990. – 418 с.

88. Телия, В.Н. Фразеология [Текст] / В.Н. Телия // Общее языкознание: Внутренняя структура языка. – М.: Наука, 1972. – С. 465-515.

89. Тер-Минасова, С.Г. Язык и межкультурная коммуникация [Текст] / С.Г. Тер-Минасова. – М.: Слово / Slovo, 2000. – 624 с.

90. Тилавов, Б. О роли летературы в развитии таджикских пословиц и поговорок [Текст] / Б. Тилавов. – Душанбе, 1971, – №16. – С. 557-561.

91. Тилавов, Б. Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок [Текст] / Б. Тилавов. – Душанбе: Дониш, 1967. – С. 74-91.

92. Тилавов, Б. Современный пословичный репертуар таджикского народа [Текст] / Б. Тилавов. – Душанбе, 1974. – 473 с.

93. Турсунова, Х.С. Сопоставительный анализ фразеологических параллелей таджикского и узбекского языков (на материале романа С. Айни «Ғуломон»-«Қуллар») [Текст]: автореф. дисс. канд. филол. наук / Х.С. Турсунова. – Душанбе, 1979. – 25 с.

94. Уразметова, А.В. Рамзические фитофразеологизмы как результат репрезентации языковой картины мира [Текст] / А.В. Уразметова, Н.И. Рябцова // Russian Linguistic Bulletin, 2023. – №9 (45). – С. 1-14.

95. Уфимцева, А.А. Семантика слова [Текст] / А.А. Уфимцева // Аспекты семантических исследований. – М.: Наука, 1980. – С. 5-18.

96. Уфимцева, А.А. Лексическое значение. Принцип семиологического описания лексики [Текст] / А.А. Уфимцева. – Москва: Наука, 1986. – 242 с.

97. Фармон, Ф. Ҳамоангии мазмуни муҳтавои зарбулмасалу мақолҳои тоҷикию куриёӣ [Матн] // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2018. – № 3 (43). – С. 39-47.

98. Федоров, А.И. Семантическая основа образных средств языка [Текст] / А.И. Федров. – Новосибирск: Издательство «Наука», 1969. – 92 с.

99. Фозилов М. Пайдоиши забон ва инкишофи он [Матн] / М. Фозилов, Х. Ҳусейнов. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 28 с.

100. Хушенова, С.В. Изафетные фразеологические единицы таджикского языка [Текст] / С.В. Хушенова. – Душанбе: Дониш, 1971. – 190 с.

101. Ҳайдаров, Ҷ. Фолклори тоҷик [Матн] / Ҷ. Ҳайдаров. – Душанбе: Маориф, 1985. – 356 с.

102. Чалкова, Е.Г. Фразеологические поля личностно-ориентированного общения [Текст] / Е.Г. Чалкова. – М.: Импринт-Гольфстрим, 1998. – 362 с.

103. Чалкова, Е.Г. Фразеосемантическое поле эмоций в единстве лингвистического и психолого-педагогического аспектов [Текст] / Е.Г. Чалкова, Бабенко, Е.В. – М.: Издательство МГОУ, 2003. – 158 с.

104. Шанский, Н.М. Фразеология современного русского языка / Н.М. Шанский. – М.Изд. стереотип, 2021. - 272 с.

105. Шанский, Н.М. Фразеология современного русского языка. – 4-е изд., испр. и доп. [Текст] / Н.М. Шанский. – Санкт-Петербург: Специальная литература, 1996. – 192 с.

106. Шапошникова, И.В. Системные диахронические изменения лексико-семантического кода английского языка в лингво-этническом аспекте / И.В. Шапошникова. – Иркутск, 1999. – 243 с.

107. Шерализода, А.Ш. Таҳлили қиёсии зарбулмасалҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / А.Ш. Шерализода, А. Нодира // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. – № 1. – С. 62-65.

108. Шукурова, М. Доир ба хусусиятҳои семантикии калимаҳои такрори забони адабии тоҷик [Матн] / М. Шукурова // М. Забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1976. – С. 71-76.

109. Юсупова, М.А. Сопоставительный анализ фразеологических единиц с флора-фаунистическими компонентами [Текст]: дисс. номзади илми филология / М.А. Юсупова. – Душанбе, 2006. – 156 с.

110. Якунина, Т.И. Фразеосемантическое поле «Поведение» (на материале фразеологизмов с компонентом-фитонимом английского языка) [Текст] / Т.И. Якунина // Филологические науки. Вопросы теории и практики. Ч. 2. – М., 2018. – №9 (87).– С. 414-419.

111. Baker, M. In Other Words: A Coursebook on Translation [Text] / M. Baker. – 3rd ed. – London; New York: Routledge, 2018. – XVIII. – 369 p.

112. Clouston, W.A. Flowers from a Persian Garden, and Other Papers [Text] / W.A. Clouston. – London: David Nutt, 1890. – 368 pp.

113. Cowie, A.P. Phraseology: Theory, Analysis, and Applications [Text] / A.P. Cowie. – Oxford: Oxford University Press, 1998. – XIV. – 258 p.

114. Dobrovol’skij, D. On the Cross-Linguistic Equivalence of Idioms [Text] / D. Dobrovol’skij, E. Piirainen // Figurative Language: Cross-Cultural and Cross-Linguistic Perspectives. – Berlin; Boston: De Gruyter Mouton, 2022. – P. 73-102.

115. Fillmore, Ch. Semantics and the Nature of Language [Text] // Annals of the New York Academy of Sciences / Ch. Fillmore, J. Frame. – L. 1976. – Vol. 280. – P. 20-32.

116. Ivanovska, B. On the Macedonian equivalency of English plant idioms [Text] / B. Ivanovska // Procedia – Social and Behavioral Sciences. – 2011. – Vol. 15. – P. 2853-2857.

117. Jakobson, R. Linguistics and Poetics [Text] / R. Jakobson // Style in Language. – Cambridge, MA: MIT Press, 1960. – P. 350-377.

118. Kovács, G. About the Definition, Classification, and Translation Strategies of Idioms [Text] / G. Kovács // Acta Universitatis Sapientiae, Philologica. – 2016. – Vol. 8, No. 3. – P. 85–101.

119. Lyons, J. Language and Linguistics: An Introduction [Text] / J. Lyons. – Cambridge: Cambridge University Press, 1981. – 146 pp.

120. Tabatabai, S. Father of Persian Verse: Rudaki and His Poetry [Text] / S. Tabatabai. – Amsterdam: Leiden University Press, 2010. –124 pp.

121. Wierzbicka, A. Language and Metalanguage: Key Issues in Emotion Research [Text] / A. Wierzbicka // Emotion Review. – 2009. – Vol. 1, No. 1. – P. 3-14.

II. Фарҳанг ва донишномаҳо

122. Абдуллозода, Р. Фарҳанги ибораҳои халқӣ [Матн] / Р. Абдуллозода. – Душанбе: Адиб, 1988. – 400 с.

123. Бегматова, С. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ-англисӣ-русӣ [Матн] / С. Бегматова. – Душанбе: Эр-граф, 2022. – 400 с.

124. Кунин, А. В. Англо-русский фразеологический словарь: около 20 000 фразеологических единиц. [Текст] / А.В. Кунин. – 4-е изд., перераб. и доп. – Москва: Русский язык, 1984. – 944 с.

125. Қурбонов, Н. Мақолу зарбулмасалҳои тоҷикӣ [Матн] / Н. Қурбонов. – Душанбе: Адиб, 1999. – 320 с.

126. Мамадназаров, А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ [Матн] / А. Мамадназаров. – Нашри 3-юми такмилшуда. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 1016 с.

127. Фарҳанги забони тоҷикӣ: аз асри Х то ибтидои асри ХХ: тақрибан 45 000 калима ва ибора: иборат аз ду ҷилд [Матн] / зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. Ҷ. 1. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – 952 с.

128. Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ [Матн] Ҷилди 2. / мураттибон С. Назарзода, З. Холназарова, С. Каримов. – Душанбе: Дониш, 2022. – 712 с.

129. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ: иборат аз 2 ҷилд. [Матн] Ҷ. 2. / зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. – 944 с.

130. Фарҳанги ибораҳои халқӣ [Матн]. – Душанбе: Адиб, 1988. – 274 с.

131. Фозилов, М. Зарбулмсал ва мақолҳо дар тамсили ҳикояҳо [Матн] / М. Фозилов. – Душанбе, 1963. – 160 с.

132. Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ [Матн] Ҷ.1. / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 368 с.

133. Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ [Матн] Ҷ. 2. / М. Фозилов. – Душанбе, 1977. – 480 с.

134. Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ [Матн] Ҷ.3. / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 640 с.

135. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик [Матн] Ҷ.II. / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 803 с.

136. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. (Фарҳанги фразеологӣ) [Матн] Ҷ.I. / М. Фозилов. – Душанбе: 1963. – 952 с.

137. Ayto, J. Oxford Dictionary of English Idioms [Text] / J. Ayto. – 3rd ed. – Oxford: Oxford University Press, 2010. – VIII. – 408 pp.

138. Cambridge Idioms Dictionary [Text]. – Cambridge; New York: Cambridge University Press, 2006. – 505 pp.

139. Freeman, W.A. Concise Dictionary of English Idioms [Text] / W.A. Freeman. – Praha, 1951. – 487 pp.

140. Longman Idioms Dictionary [Text]. – Longman, 1979. – 387 pp.

141. Oxford Dictionary of Current Idiomatic English [Text]. – Hong Kong: Oxford University Press, 1991. – 686 pp.

142. Oxford Idioms Dictionary for Learners of English [Text]. – Oxford University Press, USA, 2006. – 465 pp.

143. Speake, J. The Oxford Dictionary of Proverbs [Text] / J. Speake. – 6th ed. – Oxford: Oxford University Press, 2015. – XIV. – 383 pp.

144. Speake, J. The Oxford Dictionary of Proverbs [Text] / J. Speake. – 4th ed. – Oxford: Oxford University Press, 2003. – 375 pp.

145. Siefring, J. The Oxford Dictionary of Idioms [Text] / J. Speake. – 2nd ed. – Oxford: Oxford University Press, 2004. – 340 pp.

III. Сарчашмаи мисолҳо

146. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ.3. [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. – 631 с.

147. Гургонӣ, Ф.А. Вис ва Ромин [Матн] / Ф.А. Гургонӣ. ба кӯшиши А. Гваҳария, М. Тодуа ; пешгуфтори К. Айнӣ. – Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон, 1970. – 403 с.

148. Деҳлавӣ, А.Х. Девони комил [Матн] / А.Х. Деҳлавӣ бо иштироки Саидои Насафӣ; бо эҳтимоми М. Дарвиш. – Теҳрон: Созмони интишороти Ҷовидон, 1361. – 626 с.

149. Куллиёти фолклори тоҷик [Матн] Ҷ.4. / Р. Амонов, И. Брагинский, И. Левин ва диг. – М.: Сарредаксияи адабиёти тоҷик, 1981. – 390 с.

150. Ниёзӣ, Ф. Вафо: роман [Матн] / Ф. Ниёзӣ. – Душанбе: Адиб, 2015. – 320 с.

151. Низомӣ, Г. Лайлӣ ва Маҷнун: бар асоси нусхаи Ваҳиди Дастгирдӣ [Матн] / Г. Низомӣ. – Теҳрон: Армуғони Тӯбо, 1392. – 351 с.

152. Оҳадии, М. Девон [Матн] / М. Оҳадӣ ба кӯшиши Саид Нафисӣ. – Теҳрон: Амир Кабир. – 690 с.

153. Рӯдакӣ, А. Девони Рӯдакӣ [Матн] / А. Рӯдакӣ ба кӯшиши Фаршеди Иқбол. – Теҳрон: Иқбол, 1386. – 144 с.

154. Саъдӣ Муслиҳиддини Шерозӣ, Девони ғазалиёт / ба кӯшиши Халил Хатиб Раҳбар. Ҷ. 1–2. – Теҳрон: Саъдӣ, 1368. – Ҷ. 1: 571 с., Ҷ. 2: 596 с.

155. Табрезӣ, С. Ғазалиёт [Матн] Ҷ.1. / С. Табрезӣ бо муқаддимаи Мубашшир Акбарзод. – Душанбе: Дониш, 2021. – 354 с.

156. Фарғонӣ, С. М. Девон [Матн] / С.М. Фарғонӣ ба эҳтимом ва тасҳеҳи Забеҳуллоҳи Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1392 ҳ.ш. – 714 с.

157. Фирдавсӣ А. Шоҳнома [Матн] Ҷ.1. / А. Фирдавсӣ таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, Б. Сирус. – Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.

158. Хоқонӣ, Ш. Девон [Матн] / Ш. Хоқонӣ, А. Иброҳим ба тасҳеҳ ва кӯшиши Зиёуддини Саҷҷодӣ. – Теҳрон: Заввор, 1338. – 1085 с.

159. Хусрав, Н. Девон [Матн] / Н. Хусрав. Тасҳеҳи Муҷтабо Минуӣ, Маҳдии Муҳаққиқ. – Теҳрон, 1368. – 771 с.

160. Ҷомӣ, А. Фотиҳат-уш-шабоб [Матн] / А. Ҷомӣ. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 576 с.

161. Шералӣ, Л. Куллиёт: иборат аз ду ҷилд [Матн] Ҷ.1. / Л. Шералӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – 560 с.

162. Шерозӣ, Ҳ. Девон / Ҳ. Шерозӣ. таҳияи матн Ш. Исрофилниё. – Душанбе: Адиб, 2015. – 480 с.

163. Aristotle. The Nicomachean Ethics [Text] / Translated by David Ross; revised with an introduction and notes by Lesley Brown. – Oxford: Oxford University Press, 2009. – 336 pp.

164. Brontë, A. The Narrow Way // Fraser’s Magazine for Town and Country. – London: James Fraser, 1848. – Vol. 38, Dec. – P. 712-718.

165. Burns, R. A Red, Red Rose // The Poems and Songs of Robert Burns. – New York: P. F. Collier & Son, 1909. – P. 465-468.

166. Clouston, W.A. Flowers from a Persian Garden, and Other Papers [Text] / W.A. Clouston. – London: David Nutt, 1890. – 368 pp.

167. Frost, R. Mountain Interval [Text] / R. Frost. – New York: Henry Holt and Company, 1916. – 99 pp.

168. Gorgani, Fakhr al-Din. Vis and Roman [Text] / translated from Persian by George Morrison. – New York: Columbia University Press, 1972. – XIX. – 357 pp.

169. Hafez. The Poems of Hafez [Text] / translated from Persian by Reza Saberi. – Lanham; New York; London: University Press of America, 1995. – 404 pp.

170. Hafez. A Persian Song of Hafiz / trans. W. Jones // Jones W. A Grammar of the Persian Language. – London: Printed by W. and J. Richardson, 1771. – P. 122-137.

171. Hazlitt, W.C. English Proverbs and Proverbial Phrases [Text] / W.C. Hazlitt // Collected from the Most Authentic Sources, Alphabetically Arranged, and Annotated. – London: J.R. Smith, 1869. – xxix, 505 pp.

172. Marlowe, Ch. The Passionate Shepherd to His Love [Text] / Ch. Marlowe // Reliques of Ancient English Poetry : Consisting of Old Heroic Ballads, Songs, and Other Pieces of Our Earlier Poets. – London : Printed for J. Dodsley, 1765. – Vol. 1, bk. 2. – P. 220–223.

173. Noyes, A. The Highwayman [Text] / A. Noyes // Blackwood's Magazine. – 1906. – Vol. 180, no. 1090. – P. 244-247.

174. Pushkin, A. Poems [Text] / translated from the Russian, with introduction and notes by Ivan Panin. – Boston: Cupples and Hurd, 1888. – P. 147-148.

175. Shakespeare, W. Romeo and Juliet [Text] / ed. by Barbara A. Mowat and Paul Werstine. – New York: Simon & Schuster, 2011. – 368 pp.

IV. Сарчашмаи интернетӣ

176. Истиқлолият олитарин дараҷаи бахту саодати миллатро таъмин менамояд. Андешаҳои Президенти Тоҷикистон Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

Доир Ба Ин Неъмати Бебаҳо Манбаи электронӣ. URL: https://www.imagetotext.info/ru/image-to-text (Санаи мурочиат: 25.05.2024)

177. Longfellow, H.W. Selected Works by Henry Wadsworth Longfellow. Манбаи электронӣ. URL: https://etc.usf.edu/lit2go/71/henry-wadsworth-longfellow-selected-works/5012/the-goblet-of-life/ (Санаи мурочиат: 16.04.2023).

178. Ode for the Amir of Bukhārā. Манбаи электронӣ. URL: https://persianlanguageonline.com/persian-poetry/rudaki/ (Санаи мурочиат: 10.09.2024).

ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М]. **Кадирова, М.А.** Фразеология ва фразеологизмҳои забони англисӣ / М.А. Кадирова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, – 2023. – №1-3 (113). – С. 79-81.

[2-М]. **Кадирова, М.А.** Таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ / М.А. Кадирова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, – 2023. – № 1-4 (116). – С. 37-39.

[3-М]. **Кадирова, М.А.** Теоретические основы фразеологии и фитонимии в таджикском и английском языках / М.А. Кадирова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, – 2025. – № 1-1 (131). – С. 148-152.

[4-М]. **Кадирова, М.А.** Воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи фитонимӣ ҳамчун аломатгузории миллии тасвири забони ҷаҳон / М.А. Кадирова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, – 2025. – №. 1-3 (137). – С. 194-197.

[5-М]. **Қодирзода, М.А.,** Толибова, Г.Ҷ. Маъно ва вазифаҳои услубии фразеологизмҳои фитономӣ дар забони тоҷикӣ ва аналогҳои онҳо дар забони англисӣ / М.А. Кадирова, Г.Ҷ. Толибова // Паёми Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Маркази шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ. – “Мероси Шарқ”. – Душанбе, 2026. – №1 (15). – С. 58-65.

II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:

[6-М]. **Қодирова, М.А.** “Таърихи шаклгирӣ ва васеъшавии фразеологизмҳои фитономӣ” / М.А. Қодирова // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Пешвои Миллат ва масъалаҳои рушди

забони тоҷикӣ” бахшида ба рӯзи байналмилалии забони модарӣ ва 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2026. – С. 135-139.

[7-М]. Қодирова, М.А. “Асосҳои назариявии таҳқиқи фразеологизмҳои фитономӣ (ботаникӣ)” / М.А. Қодирова // Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Забон – намояндаи хотираи таърихи гузашта ва имрӯза”. – Душанбе, 2026. – С. 287-292.

[8-М]. Кодирзода, М.А. Источники происхождения фитонимических фразеологизмов: литература, фольклор и обычаи / М.А. Кодирзода // Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами филология, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои русӣ ва англисӣ муассисаҳои таълимӣ». – Бохтар, 2026. – С. 181-184.